ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

КАФЕДРАИ ФАЛСАФА ВА ФАРҲАНГШИНОСӢ

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: **301 (575.3):1**

Файзуллозода Хайрулло Ҳадиятулло

ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ҲАМБАСТАГИИ ИҶТИМОӢ ДАР ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ: ХУСУСИЯТ, НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯ

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии
доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 –
Сотсиология (6D050103 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ)

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои фалсафа, профессор
Ҳайдарзода Рустам Ҷӯра

Душанбе – 2026

МУНДАРИҶА

Рӯйхати ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ. 3

Муқаддима 4-11

Тавсифи умумии таҳқиқот. 11-21

Боби 1. Асосҳои назариявӣ-методологии омӯзиши падидаи «ҳамбастагии иҷтимоӣ» ҳамчун омили асосии субот ва пешрафти ҷомеаи муосир 22

1.1. Таҳлили назариявӣ-методологии масъалаи «ҳамбастагии иҷтимоӣ». 22-40

1.2. Масъалаи муайян кардани мафҳуми «ваҳдати миллӣ» ва алоқамандии он бо «ҳамбастагии иҷтимоӣ» 40-60

Боби 2. Омилҳо ва заминаҳои ташаккул ва тақвияти падидаи «ҳамбастагии иҷтимоӣ» дар Тоҷикистони соҳибистиқлол. 61

2.1. Омилҳои макросотсиологии ташаккул ва таҳкими «ҳамбастагии иҷтимоӣ» дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон 61-99

2.2. Омилҳои микросотсиологии ташаккул ва рушди «ҳамбастагии иҷтимоӣ» дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон. 99-121

Боби 3. Самтҳои ҳифзи «ҳамбастагии иҷтимоӣ» аз хатару таҳдидҳо ва модели назариявӣ ҳамчун зербинои таҳлили системавӣ. 122

3.1. Масъалаи хатар ва таҳдидҳои муосир ба «ҳамбастагии иҷтимоӣ» дар шароити Тоҷикистон. 122-145

3.2. Модели назариявии «ҳамбастагии иҷтимоӣ» ҳамчун воситаи ҳалли мушкилот ва чаҳорчӯбаи ҳифз ва рушд 145-163

Хулоса. 164-169

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот. 169-173

Рӯйхати адабиёт. 174-209

РӮЙХАТИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

АМИТ – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

ВАО – Воситаҳои ахбори омма

ДДОТ – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

ДМТ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

ИМА – Иёлоти муттаҳидаи Амрико

ИНОТ – Иттиҳоди нерӯҳои мухолифини тоҷик

ИҶШС – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

КБСС – Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх

ООН – Организация Объединенных Наций

САҲА – Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо

СММ – Созмони милали муттаҳид

СҲИР – Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд

СҲШ – Созмони ҳамкории Шанхай

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Таърих гувоҳ аст, ки яке аз аслитарин ҳадафи низомҳои сиёсӣ саъю кӯшиш барои муттаҳид гардонидани мардум ва гурӯҳҳо будааст. Имрӯз низ мо шоҳид ҳастем, ки давлатҳо, хусусан давлатҳои миллӣ, роҳи устуворӣ ва пешрафти ҷомеаро дар иттиҳоду ҳамбастагӣ мебинанд ва ба ин хотир, мекӯшанд, то дар байни қавмҳо, табақаҳо ва қишрҳои гуногун риштаҳои иртиботии муайянеро падид оварда, ҷомеаро ҳамчун низоми тому яклухт ҳифз кунанд. Ин торҳои равобитро дар даврaҳои гуногун, дар сохтаҳои мухталифи зеҳнӣ ва иҷтимоӣ, ҳар хел номгузорӣ мекунанд. Яке аз номгузориҳои падидаи мазкур дар байни ҷомеашиносон ин «ҳамбастагии иҷтимоӣ» (social solidarity) аст. Ҳамбастагии иҷтимоӣ падидаест анъанавӣ, фарогир ва дорои маънои ахлоқӣ ва мусбат, ки бар пояи он, дар сатҳи як гурӯҳ ё ҷомеа, аъзоён ба якдигар вобаста ва мутақобилан ниёзманди якдигаранд ва зиндагии ҷамъии онҳо бар асоси арзишҳо ва манфиатҳои муштарак ва шомили пайвандҳои бародарӣ мебошад.

Масъалаи ҳамбастагии иҷтимоӣ ба таври куллӣ дар саросари ҷаҳон ва ба таври хос дар илми сотсиология, ҷузъи масоили муҳим ва асосӣ маҳсуб мешавад. Зеро ангезаи гирдиҳам омадан ё овардани афрод, гурӯҳҳо ва ҷомеаҳо ва сарҷамъу муттаҳид намудани онҳо бисёр муҳимтар аз ҳар чизи дигар аст ва «ягонагиву иттиҳод аз шартҳои асосии бақои умри ҳар миллат, аз ҷумла миллати тоҷик аст» [64, с. 132]. Дар ин бора Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қайд кардаанд, ки: «Мову шуморо зарур аст, ки тамоми азму талоши худро ба таҳкими ваҳдати миллӣ ва сарҷамъии миллат равона кунем» [43, с .78]. Ҳамин тавр, ҳамбастагӣ яке аз ниёзҳои аслии ҳар миллату ҳукумат аст ва ҷомеаи башарӣ дар тӯли таърих пайваста барои амалӣ намудани он талош кардааст. Зеро бидуни он, низомҳои сиёсӣ боқӣ нахоҳанд монд ва аз сӯи дигар, дараҷаи комёбӣ ва пешрафти ҳар як низоми ҳукуматӣ дар арсаҳои

мухталиф ба дараҷаи ҳамбастагии иҷтимоии мардумаш вобаста аст. Аз ин рӯ, ҳифз кардан ва тақвият додани ҳамбастагӣ яке аз мавзуъҳои мавриди таваҷҷуҳи ҷомеаҳо, бахусус низомҳои дар ҳоли гузариш, аст.

Имрӯз дар ҷомеаи Тоҷикистон, дар давраи соҳибистиқлолӣ, мафҳуму мазмуни ҳамбастагии иҷтимоиро «ваҳдати миллӣ» ифода менамояд. «Ваҳдати миллӣ» ҳамчун андеша ё худ консепсия, яке аз асоситарин қисми таркибиву тавонбахши андешаи миллӣ ва маркази тамоми дигар консепсияҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар масъалаи ташхиси самти асосии инкишофи давлатдории навини кишвар ҳамчун роҳнамо хизмат мекунад. Зеро «ҳама гуна ҷомеа ба ҳадафу қутбнамое ниёз дорад, ки роҳи рушди устувори худро мутобиқи он муайян созад. Чунин андеша ва ҳадафи муттаҳидкунанда барои мо, бешубҳа, ғояи ваҳдати миллӣ ба шумор меравад» [45, с. 410].

Аз он ҷо ки ҳамбастагии иҷтимоӣ омили ваҳдати миллист[1] ва ҳар он падидае, ки омили ваҳдати миллӣ бошад ва онро таҳкиму тақвият диҳад барои давлатдории миллӣ аҳаммияти хосса пайдо мекунад, аз ин рӯ, ҳамбастагии иҷтимоӣ ба хотири ҷузъан ё куллан нақш доштанаш дар ба вуҷуд овардан ва тақвият бахшидани ваҳдати миллӣ бояд мавриди таъкид ва омӯзиш қарор гирад. Ба ин хотир, баррасӣ ва таҳқиқи мавзуи «ҳамбастагии иҷтимоӣ» дар шароити муосири Тоҷикистон як зарурат аст.

Мушаххасоти интихоби мавзуъ ва мубрамияти он бо омилҳои зерини дигар низ тасдиқ карда мешавад:

- истилоҳи ҳамбастагии иҷтимоӣ дар кишварҳо ва манотиқи алоҳида, аз маънои мутафовите бархурдор аст [255]. Яъне таъйин кардани дараҷаи матлуби ҳамбастагии иҷтимоӣ вобаста ба заминаи ҷуғрофӣ, контексти таърихӣ ва шароити мушаххаси сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳар ҷомеа аст. Бинобар ин, лозим аст, бар асоси талаботи замона ва

[1] Ин масъала дар зербоби дуюми боби аввал ба исбот расидааст.

шароити ҷомеа назарияи илмӣ перомуни ҳамбастагии иҷтимоӣ ироа гардад.

- истилоҳи мазкур аз назари маъно бо бисёре аз мафҳумҳои дигар робитаи зич дорад, масалан, бо ваҳдати иҷтимоӣ, иттиҳоди иҷтимоӣ, назми иҷтимоӣ, мувофиқати иҷтимоӣ, якпорчагии иҷтимоӣ, ҳамзистии иҷтимоӣ, ваҳдати миллӣ ва ғайра. Инҳо мафҳумҳои муродиф ё ҳаммаъно мебошанд, аммо барои дақиқан мушаххас кардани маънои «ҳамбастагии иҷтимоӣ» ва ҷудо намудани он аз дигар мафҳумҳои муродиф, ба хусус «ваҳдати миллӣ», лозим аст перомуни он баҳсу баррасӣ анҷом гирад.

- дар Тоҷикистони соҳибистиқлол, яъне дар давраи нави давлатдорӣ, бо таваҷҷуҳ ба ин вазъият, ки «Тоҷикистон имрӯз дар марҳилаи гузариш, дар ибтидои роҳи демократикунонии ҷомеа қарор дорад» [288], таҳкиму тақвият додани ҳамбастагии иҷтимоӣ беш аз ҳар вақти дигар зарур мегардад. Дар ин бора, таваҷҷуҳ кардан ба заминаҳои ташаккул ва инкишофи ҳамбастагии иҷтимоӣ ва таҳқиқу баррасии омилҳои он аҳаммияти вижа пайдо мекунад. Зеро чӣ тавре, ки муҳаққиқон таъкид мекунанд, то имрӯз, қисми бештари мардуми Тоҷикистон, ба истиснои сиёсатмадорон ва аҳли назар, он арзиш ва аҳаммияти бузургеро, ки усули муттаҳидшавӣ барои ба манфиати миллат ва истиқлолияти давлатии Тоҷикистон мувофиқ ҳал намудани аксари масоили мубрам ва доғи рӯз дошт, онро ҳанӯз ҳам дуруст ва ба таври амиқ дарк накардаанд [225, с. 153-154]. Мутаассифона, омилҳои ба вуҷуд оваранда ва таҳкиму тақвиятдиҳандаи ҳамбастагӣ, ё худ усули муттаҳидшавӣ, ҳанӯз ҳам ба таври амиқу аниқ шинохта нашудаанд ва аксари мардум аз он дар ғафлат ҳастад. «Касе, ки “ваҳдати миллӣ ҳаллу фасли худро ёфтааст” мегӯяд, хато мекунад. Ин раванд хеле мушкил аст ва солҳои тӯлониро дар бар мегирад» [182, с. 69]. Бинобар ин, зарурати таҳқиқ дар ин бора ҳанӯз дар қуввати худ боқӣ аст ва ҳанӯз бояд ҳамбастагии иҷтимоӣ ҳамаҷониба таҳқиқ ва тарғиб карда шавад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Ба хотири аҳаммияти ҳамбастагии иҷтимоӣ, ҷомеашиносони классик ва муосир онро ҳам дар шакли мустақил ва ҳам дар доираи дигар масъалаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таҳқиқ кардаанд. Нахустин сарчашмаи андешаҳо дар бораи ҳамбастагии иҷтимоиро метавон дар таълимоти файласуфи Юнони бостон Афлотун ва пас аз ӯ Арасту дид. Ғояҳои умдаи Афлотун ва Арасту дар бораи ин масъала дар асарҳои «Давлат» ва «Сиёсат» ифода ёфтаанд [107], [104]. Аз дидгоҳи Афлотун, ҳамбастагии иҷтимоӣ тавассути тақсимоти мутаносиби меҳнат, риояи қатъии принсипҳои адолат ва некӣ ба даст омада, ба воситаи ҳисси ҳадафи умумӣ ва ягонагӣ дар байни шаҳрвандон мустаҳкам карда мешавад. Андешаҳои Арасту дар ин бора аз таҳлили табиати иҷтимоӣ доштани инсон, ҳамкории мутақобила, вазифаи давлат, усули адолат, манфиатҳои муштарак, ҳисси масъулият ва дӯстӣ сарчашма мегиранд.

Аз миёни ҷомеашиносони классикии ғарбӣ нахуст метавон ба Томас Гоббс ишора кард [115]. Аз дидгоҳи ӯ, ҳамбастагии иҷтимоӣ зодаи шартномаи ҷамъиятии инсонҳост. Жан-Жак Руссо низ пояҳои ҳамбастагии иҷтимоиро дар қарордоди нонавиштае медонад, ки аъзои ҷомеа бо якдигар доранд [135]. Огюст Конт изҳор дошт, ки ҳамбастагии иҷтимоӣ барои субот ва пешрафти ҷомеа муҳим аст, зеро он ба ҳамкорӣ, масъулиятпазирӣ, дастгирии ҳамдигар ва ҳифзи ҳадафҳо ва арзишҳои умумӣ мусоидат мекунад [87]. Яке аз муҳимтарин назариётчиёни «ҳамбастагии иҷтимоӣ» Эмил Дюркгейм аст. Ӯ ин назарияро дар асараш «Дар бораи тақсими кори иҷтимоӣ» тарҳрезӣ намудааст [118]. Бертран Рассел низ дар асарҳояш, аз ҷумла китоби «Қудрат», масъалаи ҳамбастагии иҷтимоиро баррасӣ намудааст [130].

Аз байни классикони шарқӣ бошад, метавон ба ин шахсиятҳо ишора кард: гурӯҳе ба номи «Ихвон-ус-сафо» дар асрҳои IX-X, зимни баррасии масоили гуногуни фалсафӣ, ахлоқӣ, динӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ, инчунин

оид ба масъалаҳои ҷомеашиносӣ, аз ҷумла ваҳдату ҳамбастагӣ, андешаҳои худро баён кардаанд [146], [147], [148]. Абӯнаср Муҳаммад ибни Тархон, маъруф ба Форобӣ низ дар асарҳояш перомуни ҳамбастагии иҷтимоӣ андешаронӣ кардааст [154], [155], [156], [157]. Абӯзайд Абдураҳмон ибни Халдун, сиёсатмадор, таърихнигор, инсоншинос, фақеҳ, файласуф ва аввалин ҷомеашинос, дар асари машҳураш «Муқаддима» бо истифодаи истилоҳи «асабият», назарияи хешро дар бораи ҳамбастагии иҷтимоӣ баён кардааст [144].

Аз байни ҷомеашиносони муосири ғарбӣ метавон ба ин шахсиятҳо ишора кард: Роберт Эзра Парк, ки ҳамбастагии иҷтимоиро дар қолаби мафҳумҳои «ҳамрангӣ», «назорати иҷтимоӣ» ва «иртибототи ҷамъӣ» баррасӣ намудааст [253]. Ҷомеашиноси дигар Толкотт Парсонс аст, ки ба масъалаҳои назми иҷтимоӣ, суботи иҷтимоӣ ва ҳамбастагии иҷтимоӣ таваҷҷуҳи зиёд нишон додааст [92], [93]. Ҷомеашиноси олмонӣ Юрген Ҳабермас низ масъалаи ҳамбастагии иҷтимоиро дар «Назарияи куниши иртиботӣ» баррасӣ намудааст [141]. Ҷомеашиноси машҳури британиёӣ Энтони Гидденс бошад, ҳамбастагии иҷтимоиро дар заминаи назарияи «сохторбандӣ» дар асараш «Сохтори ҷомеа - Назарияи сохторбандӣ» баён намудааст [77].

Аз байни донишмандони руси даврони Русияи подшоҳӣ метавон ба мутафаккирони зерин ишора намуд: Фёдор Михайлович Достоевский дар романҳои худ аҳаммияти робитаи байниҳамдигарӣ, ҳамдардии инсонӣ, қудрати дигаргунсозандаи муҳаббат, шафқат ва бахшишро дар таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ таъкид кардааст [81], [82], [83]. Нависанда ва файласуфи маъруф Лев Толстой дар чанд асари худ ба мавзуи ҳамбастагии иҷтимоӣ таъкид кардааст, аз ҷумла дар «Пас мо бояд чӣ кор кунем? Эътироф» [98]. Толстой дар ин асар таъкид мекунад, ки ҳамбастагии ҳақиқӣ бартараф кардани сабабҳои аслии камбизоатӣ ва ҳимояи адолати иҷтимоӣ, масъулияти маънавӣ-иҷтимоии шахсон, баробарӣ, пуштибонӣ ва ёрии байниҳамдигарӣ ва ҳамкориро талаб

мекунад. Николай Гаврилович Чернишевский тасаввуроти худро дар бораи ҷамъияти ояндаи сотсиалистӣ ба воситаи шахсиятҳои романи худ нишон дода, ҳамбастагии иҷтимоиро ҳамчун мавзуи марказӣ ва воситаи ноил шудан ба ҷомеаи утопӣ (мадинаи фозила ё ормоншаҳр) пешниҳод кардааст [99]. Пётр Алексеевич Кропоткин масъалаҳои марбут ба ҳамбастагии иҷтимоиро дар асараш «Ёрии байниҳамдигарӣ ҳамчун омили таҳаввулот» матраҳ кардааст [88]. Ӯ мафҳуми дарвинистии «зинда мондани беҳтаринҳо»-ро зери шубҳа гузошта, таъкид намудааст, ки ҳамкорӣ ва кӯмаки мутақобила дар тӯли таърих омили ҳалкунанда дар ҷомеаҳои инсонӣ буда, ҳамбастагии иҷтимоиро асос гузоштааст.

Дар солҳои ҳокимияти Шуравӣ масъалаи «ҳамбастагии иҷтимоӣ» бар асоси идеологияи марксистӣ-коммунистӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Владимир Илич Ленин ҳамчун роҳбари инқилоби болшевикӣ ва асосгузори давлати Шуравӣ, дар асоси принсипҳои баробарӣ, ҷамъияти бетабақа, моликияти коллективӣ ва давлати пуриқтидори мутамарказ, таъкид мекард, ки дар шароити сотсиализм воситаҳои истеҳсолот дар ихтиёри худи меҳнаткашон буда, ба тақсимоти одилонаи сарват ва манобеъ оварда мерасонад. Ин дар навбати худ зиддиятҳои синфӣ ва истисморкуниро, ки ба капитализм хос мебошад, кам карда, ҳисси мақсадҳои умумӣ ва ҳамкории байни меҳнаткашонро инкишоф медиҳад ва аз ин тариқ, ҳамбастагии иҷтимоӣ тақвият меёбад [89]. Чунин хулосабарорӣ дар асарҳои Алексей Капитонович Гастев [73], [74], [75], Максим Горкий [78], [79], Николай Иванович Бухарин [69], [70], [71], Андрей Платонович Платонов [94], [95], Николай Алексеевич Островский [90] ва дигарон низ таҷассум ёфтааст.

Баъд аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ва ба вуҷуд омадани давлатҳои нави мустақил, майлу хоҳиши ин кишварҳо ба мустаҳкам намудани асосҳои давлатдории миллии худ афзоиш ёфт. Бинобар ин, масъалаи ҳамбастагии иҷтимоӣ дар ин кишварҳо асосан таҳти унвони «ваҳдати миллӣ» матраҳ гардид. Дар ин бора, дар асарҳои олимони рус,

монанди Валерий Александрович Тишков [96], [97], Владимир Николаевич Дохин [84], Рамазан Гаджимурадович Абдулатипов [66], [67], Василий Николаевич Иванов [85], Ирина Анатолевна Алебастрова [158], Пётр Денисович Павленок [91], Галина Дмитриевна Ковригина [86], [165], Пётр Алексеевич Кропоткин [88], Олег Николаевич Биков [72], Любов Федоровна Болтенкова [68] ва дигарон, таҳлили нисбатан муфассали масъаларо мебинем. Дар ин асарҳо, ҳамбастагии иҷтимоӣ ҳамчун таълимоти асосӣ ва омили рушди ҷомеаи муосир матраҳ гардида, масъалаҳои ҳамбастагии ҷомеаи Русия аз лиҳози таърихӣ ва методологӣ, нақши мақоми иҷтимоӣ ва муошират, меҳнати иҷтимоӣ, аҳаммияти таҳсилоти касбию ғайрикасбӣ дар ин раванд баррасӣ шудааст. Дар асарҳо, ҳамбастагии иҷтимоӣ ҳамчун арзиши бунёдии ҷомеаи муосир матраҳ шуда, хусусиятҳои ҳамбастагии иҷтимоӣ, мавқеъ ва нақши он дар ҷаҳони ҳозира, ба сифати нав гузаштани он, баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии мардум, таъмини амнияти миллӣ ва тараққиёти иқтисодии ҷомеа баён шудаанд. Перомуни ин мавзуъ мақолаҳо [228], [229], [230], [231], [235], [236], [237], [238], [250] ва рисолаҳои илмӣ [160], [166], [167], [169], [172], [179], [181] низ кам нестанд.

Дар кишвари Тоҷикистон баъд аз соҳибистиқлолӣ ва истиқрори сулҳу субот то ба имрӯз, перомуни ҳамбастагии иҷтимоӣ таҳти унвонҳои мухталиф, монанди ваҳдати миллӣ, иттиҳоди миллӣ, андешаи миллӣ, раванди ваҳдат, назарияи ваҳдат, ваҳдати иҷтимоӣ ва ғайра, садҳо мақолаю китобҳо навишта шудааст. Бо кӯшишҳои илмию амалии Пешвои миллат – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон [38], [39], [40], [41], [42], [43], [44], [45], [46], [47], [48], [49] ва нависандагону донишмандони забардасти миллат, аз ҷумла Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ [64], [65], Усмонов Иброҳим Кенҷаевич [57], [58], [59], [60], Набиев Ваҳҳоб Машрафович [33], [34], Шоисматуллоев Шоназар [336], Қаҳҳоров Ғаюр Ғафорович [25], Абдураҳмон Муҳаммад Наврӯз [27], [28], Ҳайдарзода Рустам Ҷӯра [63],

[245], [246], [247], Мирзошоҳрух Асрорӣ [10], [11], Абдуғаффор Рауфӣ [204], [205], Сайидзода Зафар Шералӣ [54], [55], Хидирзода Махфират Умар [219], Самиев Абдусамад Ҳасанович [208], [209], Ҳаким Абдулло Раҳнамо [50], [51] ва дигарон [12], [15], [17], [18], [19], [31], [36], [56], [61] омӯзиш ва таҳлилу баррасии паҳлӯҳои гуногуни мавзуъ сурат гирифтааст. Инчунин, перомуни мавзуи мазкур рисолаҳои илмӣ [161], [162], [163], [164], [165], [168], [172], [173], [175], [176], [177], [178], [180] ва мақолаҳои бешумор низ таълиф шудаанд. Мазмуну муҳтавои аслии ин таҳқиқотҳоро аҳаммиятнокӣ ва сарнавиштсоз будани падидаи «ваҳдати миллӣ» барои ҷомеаи Тоҷикистон дарбар мегирад. Донишмандони тоҷик ба ин нукта таъкид намудаанд, ки омӯзиши «ваҳдати миллӣ» ба сифати унсури меҳварии худшиносӣ ва тафаккуру ғояи миллӣ бояд ҳамаҷониба таҳқиқ ва тарғиб карда шавад, зеро танҳо бо роҳи ваҳдату ягонагӣ метавон истиқлолияту ободии меҳан ва амну осоиштагии мардумро аз ҳама хавфу хатар эмин нигоҳ дошт ва кишварро дар шоҳроҳи пешрафту тараққиёт қарор дод.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чаҳорчӯбаи татбиқи нақшаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ доир ба заминаҳои ташаккул ва инкишофи ҳамбастагии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон дар давраи истиқлоли давлатӣ иҷро шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот – фароҳам овардани фаҳмиши ҳамаҷониба дар бораи механизмҳо ва омилҳои аслии таҳким ва рушди ҳамбастагии иҷтимоӣ дар даврони пас аз истиқлолияти Тоҷикистон мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои расидан ба ҳадафи пешгузошташуда, дар таҳқиқот иҷрои вазифаҳои зерин ба нақша гирифта шуданд:

- таҳлилу баррасии таърифҳои ироашуда перомуни «ҳамбастагии иҷтимоӣ» ва муайян кардани унсурҳои ташкилдиҳандаи он;

- таҳлили таърифҳои мафҳуми «ваҳдати миллӣ» ва робитаи он бо «ҳамбастагии иҷтимоӣ»: муайян кардани монандӣ ва фарқиятҳои байни ин ду истилоҳ;

- омӯзиш ва таҳқиқи дидгоҳҳою назарияҳои ҷомеашиносони машҳури классик ва муосир дар бораи «ҳамбастагии иҷтимоӣ»;

- муайян намудани унсурҳои ташаккулдиҳанда ва омилҳои таҳкиму тақвияткунандаи «ҳамбастагии иҷтимоӣ» дар ҷомеаи соҳибистиқлоли Тоҷикистон;

- баррасии омилҳои тазъифкунанда ё худ хатарҳои таҳдидкунанда ба «ҳамбастагии иҷтимоӣ»;

- тасдиқи таҷрибавии чаҳорчӯбаи назариявии масъала бо роҳи гузаронидани таҳқиқоти сотсиологӣ бо методи «пурсишнома» ё худ анкета;

- ироаи модели назариявии «ҳамбастагии иҷтимоӣ».

Объекти таҳқиқот – муносибатҳои ҷамъиятӣ ва падидаҳои фарҳангӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва таърихӣ-иҷтимоие, ки ба раванди ташаккул ва инкишофи ҳамбастагии иҷтимоӣ дар фазои гуногунҷанбаи ҷомеа ҳамчун заминаҳо ва омилҳои таъсиррасон баромад мекунанд.

Предмети таҳқиқот – заминаҳои ташаккул ва инкишофи ҳамбастагии иҷтимоӣ ва хусусиятҳои тағйирёбандаи он дар фазои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон дар давраи истиқлоли давлатӣ мебошад.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот. Таҳқиқоти диссертатсионӣ тайи солҳои 2020–2024 дар кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ анҷом дода шудааст. Доираи таърихии таҳқиқот давраи муосирро дарбар гирифта, таҷассуми инкишофи маҷмуи муайяни мафҳумҳо, дидгоҳҳои фалсафӣ, шаклҳои тафаккур ва ҷаҳонбинӣ, назарияҳои ҷомеашиносӣ ва усулҳои пажӯҳиширо доир ба заминаҳо ва омилҳои ташаккулу инкишофи

ҳабастагии иҷтимоӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон дар давраи истиқлоли давлатӣ мавриди таҳлил қарор додааст.

Асосҳои назариявӣ. Асосҳои назариявии диссертатсияро корҳои илмии ҷомеашиносони аврупоӣ, дастовардҳои илмии донишмандони шарқӣ, пажӯҳишҳои олимон ва нависандагони рус, таҳқиқоти мутахассисони шуравӣ ва муҳаққиқону мутафаккирони муосири ватанӣ дар соҳаи фалсафаи иҷтимоӣ, ҷомеашиносӣ (сотсиология), сиёсатшиносӣ ва фарҳангшиносӣ, ки қисман ё куллан ба мавзуи «ҳамбастагии иҷтимоӣ» бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Дар рисола як қатор равишҳо ва методҳои умумиилмию соҳавӣ, аз ҷумла усули муқоисавӣ, диалектикӣ, таърихӣ, герменевтикӣ, умумиятдиҳӣ, таҳлили системавӣ-сохторӣ, муносибати мутақобилаи сохтор ва фард, функсионализми сохторӣ, инчунин методи таҳлил истифода шудаанд. Методҳои таҳлилу тачзия ва равиши муқоисавӣ имкон дод, ки таърифҳои гуногуни «ҳамбастагии иҷтимоӣ» ва «ваҳдати миллӣ» мавриди омӯзиш қарор гирифта, умумиятҳо ва хусусиятҳои он нишон дода шаванд. Бо истифода аз равиши таҳлили системавӣ-сохторӣ, омӯзиши унсурҳои таркибии раванди ҳамбастагии иҷтимоӣ дар ҷомеа муяссар ва омилҳои таъсиррасони тақвиятдиҳанда ва заифкунанда шиносоӣ гардид. Истифода аз равиши муносибати мутақобилаи сохтор ва фард ин фаҳмишро дод, ки ҳамбастагӣ на танҳо аз ҷониби сохторҳои иҷтимоии қаблан мавҷудбуда муайян мегардад, балки инчунин аз ҷониби шахсони алоҳида тавассути амалҳо ва муносибатҳои ҳаррӯзаи худ фаъолона сохта ва бозтавлид карда мешавад. Инчунин, барои таҳлили сотсиологии мавзуи диссертатсионӣ таҳқиқоти сотсиологӣ гузаронида шуд, ки дар он методҳои сотсиологии миқдорӣ ва сифатӣ, аз қабили пурсиши сотсиологӣ (анкетаи сотсиологӣ), мушоҳидаи сотсиологӣ ва таҳлили ҳуҷҷатҳо ба таври васеъ истифода гардиданд. Маълумоти аз таҳқиқоти

сотсиологӣ ҷамъоваришуда тавассути барномаи таҳлили омории SPSS коркард гардида, натиҷаҳои таҳқиқот таҳлил шуданд.

Навгонии илмии таҳқиқот. Дар раванди таҳқиқот масъалаҳои асосӣ дар алоқамандӣ бо объект ва предмети таҳқиқот мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудаанд, ки аз миёни онҳо чанд мавриди зеринро ба унвони навовариҳои илмии таҳқиқоти диссертатсия нишон додан мумкин аст:

- аввалин таҳқиқоти бунёдии илмӣ ва ҳамаҷонибаи падидаи ҳамбастагии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон дар даврааи истиқлоли давлатӣ анҷом гирифт. Диссертатсия, илова бар омилҳо ва тағйирёбандаҳои баррасишуда дар таҳқиқоти мавҷудбуда, ба дигар омилҳо низ равона шудааст. Бинобар ин, дар диссертатсия бори аввал дар илмҳои фалсафаи иҷтимоӣ ва сотсиологии ватанӣ ҳадди аксари омилҳо, заминаҳои ташаккул ва инкишофи ҳамбастагии иҷтимоӣ ва хатарҳои таҳдидкунанда ба он дар ҷомеаи Тоҷикистон дар даврааи соҳибистиқлолӣ муайян карда шуданд;

- нахустин таҳлили муқоисавӣ ва нисбатан муфассали ду мафҳуми «ҳамбастгии иҷтимоӣ» ва «ваҳдати миллӣ» анҷом гирифт ва умумиятҳо ва фарқиятҳои онҳо муайян карда шуд;

- тавассути таҳқиқоти сотсиологӣ бо усули «пурсишнома» дар бораи дидгоҳҳои шаҳрвандон оид ба ҳамбастагии иҷтимоӣ ва ваҳдати миллӣ фаҳмиши эмпирикӣ ба даст оварда шуд. Таҳқиқоти мазкур норасоиҳо, номувофиқатӣ ва соҳаҳоеро ошкор намуд, ки дар назарияҳои мавҷудбуда пурра инъикос нагардидаанд;

- маълум карда шуд, ки барои баррасии ташаккул ва рушди ҳамбастагии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон истифода аз равиши байнисоҳавӣ ва назарияҳою методологияҳои соҳаҳои мухталиф, дарку фаҳми бештар ва беҳтари ҷанбаҳои гуногуни падидаи мазкурро фароҳам меоварад. Диссертатсия бо муттаҳид кардани фаҳмишҳои ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ, иқтисод, равоншиносӣ, антропология ва этика, таҳлили

ҳамаҷонибаи омилҳои гуногунҷанбаи таъсиргузор ба ҳамбастагии иҷтимоӣ дар Тоҷикистонро пешниҳод кардааст;

- муайян гардид, ки маҷмуи 24 омиле, ки ҷанбаҳои мухталифи иҷтимоиву иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсиро дарбар мегиранд, шабакаи печидаи таъсироти ташаккул ва инкишофи ҳамбастагии иҷтимоиро дар дохили ҷомеаи Тоҷикистон ба вуҷуд овардаанд. Ин чаҳорчӯбаи бисёрҷанбаи омилҳо фаҳмиши моро дар бораи таъсири мураккаби унсурҳое, ки ба ҳамбастагии иҷтимоӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон мусоидат менамоянд, ба таври назаррас васеъ мекунад;

- ошкор карда шуд, ки маҷмуи 13 хатари таҳдидкунанда ба ҳамбастагии иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон, ки соҳаҳои мухталифи иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсиро фаро мегиранд, дар раванди такомули ин ҷомеа метавонанд сабабгори пайдоиши мушкилоти ҷиддӣ гарданд;

- муқаррар гардид, ки «модели назариявии ҳамбастагии иҷтимоӣ дар ҷомеаи соҳибистиқлоли Тоҷикистон» маҷмуаи омилҳою унсурҳоеро дарбар мегирад, ки ҳар кадом дар алоҳидагӣ ва низ бо таъсиргузорию таъсирпазирии байниҳамдигарӣ рӯйи ҳамбастагии иҷтимоӣ таъсир мегузоранд ва ин модел хусусияти бо роҳи таҷриба таъйид шуданро доро мебошад;

- муайян шуд, ки байни суботу устувории бахшҳои гуногуни сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар дохили Тоҷикистон ва сатҳи «ҳамбастагии иҷтимоӣ» робитаи дутарафа вуҷуд дорад. Дар маҷмуъ, таҳқиқот нишон дод, ки дараҷаи таъсири рӯзафзуни ғояҳои ҳамбастагии иҷтимоӣ барои боз ҳам беҳтар намудани вазъияти мавҷуди ҷомеа ва накӯаҳволии шаҳрвандон бениҳоят муҳим ва сарнавиштсоз аст.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда. Ба ҳимоя нуктаҳои илмии зерин пешниҳод мегарданд:

1. Муайян карда шудааст, ки ҳар як ҷомеа барои мавҷудияти хеш ниёз ба риштаҳои иртиботие дорад, ки аъзоёнашро ба ҳамдигар муттаҳид

кунад. Яке аз номгузориҳои ин падида дар байни ҷомеашиносон «ҳамбастагии иҷтимоӣ» аст. Ҳамбастагии иҷтимоӣ, ин унсури зарурии зиндагии ҷамъист ва ба ин хотир, падидаи умумӣ ва аз назари таърихӣ қадима мебошад, яъне собиқаи он ба даврони ташаккули нахустин ҷамъиятҳои инсонӣ бармегардад. Аммо таъйин кардани дараҷаи матлуби ҳамбастагии иҷтимоӣ вобаста ба шароити сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии ҳар ҷомеае ба таври алоҳида мебошад. Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, дар Тоҷикистон азму иродаи мардум барои устувор гардонидани пояҳои истиқлоли давлатӣ ва таҳким бахшидани бунёдҳои давлатдории миллӣ ба таври чашмрас афзоиш ёфт ва масъалаи ҳамбастагии иҷтимоӣ асосан таҳти унвони «ваҳдати миллӣ» матраҳ гардид. Яъне «ҳамбастагии иҷтимоӣ», ки як падидаи умумӣ, анъанавӣ ва қадима мебошад, дар шароити нави таърихӣ барои ҷомеаи Тоҷикистон хусусияти ҷадид пайдо кард, сифатан таҳаввул ёфт ва ба яке аз самтҳои сиёсати доимии давлат ва ҳукумати Тоҷикистон табдил гардид.

2. Аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шудааст, ки ваҳдати миллӣ шакли сифатан такомулёфтаи ҳамбастагии иҷтимоӣ буда, аз он ҷудо ё бениёз нест, балки он ду ба ҳам зич алоқаманданд ва ҳамеша ҳамдигарро пурра мекунанд. Бо ин ҳол, миёни ин ду мафҳум тафовутҳо вуҷуд доранд. Аз ҷумла:

- «ҳамбастагии иҷтимоӣ» дорои хусусияти ахлоқӣ, анъанавӣ, умумӣ, фарогир ва худинкишофёбанда буда, хислати сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва идеологӣ надорад, вале «ваҳдати миллӣ» бештар ҷиҳати сиёсии масъаларо дарбар гирифта, ҳамчун падидаи давлатӣ, расмӣ ва миллӣ таҷассум меёбад;

- то вақте миллат набошад «ваҳдати миллӣ» низ таҳаққуқ намеёбад, вале дар «ҳамбастагии иҷтимоӣ» вуҷуди ин унсур зарурат надорад, балки он тавассути дигар унсурҳои арзишӣ ва муштарак тақвият меёбад;

- мафҳуми «ваҳдати миллӣ» дар Тоҷикистон зодаи даврони соҳибистиқлолӣ мебошад, дар ҳоле, ки «ҳамбастагии иҷтимоӣ»

решаҳояш дар аъмоқи таърихи деринаи халқи тоҷик қарор дорад. Ин маънои онро дорад, ки мардум то ба ваҳдати миллӣ расидан, аллакай дар миёни худ ҳамбастагии иҷтимоиро аз қадим эҳсос мекарданд;

- «ҳамбастагии иҷтимоӣ» ҳамчун яке аз унсурҳои таркибии «ваҳдати миллӣ» шинохта мешавад, яъне он яке аз омилҳои ҷузъӣ ё умумиест, ки ваҳдати миллиро ба вуҷуд меорад ва онро устувор мегардонад;

- дар Тоҷикистон, пас аз ба даст овардани истиқлолият ва имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ, «ваҳдати миллӣ» ташаккул ёфт. Ваҳдати ташаккулёфта, бо мурури замон, тавассути омилҳои миллӣ, монанди забон, фарҳанг, арзишҳо, ҳадафҳо ва манфиатҳои умумимиллӣ ва ғ. тақвият ёфта, ҳамчун андеша ё худ ғояи миллӣ матраҳ гардид ва беш аз пеш мавриди таваҷҷӯҳи омму хос қарор гирифт. Тағйири сифатии ваҳдати миллӣ боис шуд, ки он ба ҳайси як *омили мустақилли таъсиррасон рӯи дигар падидаҳои иҷтимоӣ* зоҳир гардад. Аз ҷумлаи муҳимтарин ҷиҳатҳои таъсиррасонии ваҳдати миллӣ ин таҳким бахшидан ба ҳамбастагии иҷтимоӣ мебошад. Яъне ваҳдати миллӣ, ки рӯзгоре ҳастии худро аз ҳамбастагии иҷтимоии мардум пайдо карда буд, ҳоло бошад худ ҳамчун омили мустақил рӯи ҳамбастагии иҷтимоӣ таъсир расонида, онро тақвият мебахшад.

3. Собит карда шудааст, ки ҳамбастагии иҷтимоӣ падидаи мураккаб, печида ва динамикӣ мебошад, ки таҳти таъсири чандин омилҳо қарор мегирад. Ин омилҳо ба ҷанбаҳои гуногуни иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ ва равонӣ рабт доранд. Дар диссертатсия, маҷмуи 24 омили ташаккул ва инкишофдиҳандаи «ҳамбастагии иҷтимоӣ» дар шароити имрӯзаи ҷомеаи соҳибистиқлоли Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, 13 унсури дигар ҳамчун хатари таҳдидкунанда ба ҳамбастагии ҷомеаи тоҷик арзёбӣ шудаанд. Омилҳои ташаккул ва инкишофдиҳанда инҳоянд: истиқлоли давлатӣ, давлати миллӣ, дунявияти давлат, озодии виҷдон, рамзҳои давлатӣ, конститутсия,

роҳбари давлат, ахлоқ ва тарбияи ахлоқӣ, дарку эҳсоси масъулияти байниҳамдигарӣ ва риояи ҳуқуқи якдигар, худшиносии миллӣ, адолати иҷтимоӣ, фарҳанг ва эҳёи арзишҳои миллӣ, низоми маориф, забони тоҷикӣ, дин ва мазҳаби анъанавӣ, иқтисодиёт, шартномаҳои иҷтимоӣ, чорабиниҳо ва ташаббусҳои дастаҷамъона, ҳадафҳо ва мақсадҳои муштарак, ҷанги шахрвандӣ, гуфтугӯ ва музокира, миёнаравони бонуфузи беғараз ва иҷтимоикунонӣ. Хатарҳои таҳдидкунанда ба ҳамбастагӣ: ба доми гурӯҳҳо ва равияҳои динӣ-ифротӣ афтодани муҳоҷирони тоҷик, бегонагии омма аз ҳокимият, бетаваҷҷӯҳӣ ба манофеи ақаллиятҳо, маҳалгароӣ, комил набудани худшиносии миллӣ, номуваффақӣ дар иҷтимоикунонӣ, қонунгурезӣ ва қонуншиканӣ, порагириву ришватхӯрӣ, камбизоатӣ ва қашшоқӣ, нобаробарии иҷтимоӣ, таҳдиди ҷаҳонишавӣ, таъсироти манфии ВАО-и хориҷӣ, таблиғи дину мазҳаби ба мардум бегона ва равияҳои ифротӣ.

4. Муайян карда шудааст, ки падидаи «ҳамбастагии иҷтимоӣ», ки асосан хусусияти сотсиологӣ дошта, ҷанбаҳои ҷомеашиносиро дарбар мегирад, илова бар таҳқиқоти назариявӣ пажӯҳишҳои таҷрибӣ-эмпирикиро низ тақозо мекунад. Бо таваҷҷуҳ ба ин, муаллиф барои такмили муҳтаво ва мазмуни рисолаи илмӣ бо истифода аз методи пурсишнома ё худ анкета, таҳқиқоти сотсиологӣ гузаронид. Таҳқиқоти мазкур имкон дод, ки татбиқи назарияҳои мавҷуда дар шароити воқеии ҷомеаи Тоҷикистон баҳо дода шавад ва нозукиҳои мушаххас ва динамикаи ҳамбастагии иҷтимоии дуруст дарк гардад. Тавассути усули пурсишнома омилҳои асосии таъсиргузор ба ҳамбастагии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон ва мушкилоти эҳтимолии он муайян гардида, барои тавсияҳои амалӣ ҷиҳати беҳтар кардани муттаҳидшавии иҷтимоӣ замина фароҳам меорад. Андешаҳои аз посухҳои пурсишнома бадастомада метавонанд сиёсатмадоронро дар бораи ниёзҳо ва нигарониҳои мушаххаси аҳолӣ огоҳ созанд ва имкон медиҳанд, ки тадбирҳои

мақсаднок барои баланд бардоштани сатҳи ваҳдату ҳамбастагии иҷтимоӣ таҳия карда шаванд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Рисола дорои аҳаммияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ-таҷрибавӣ мебошад. Таҳқиқоти анҷомшуда ба боло рафтани дарку эҳсоси ҳамбастагии иҷтимоӣ ва худшиносии миллӣ дар ҷомеа мусоидат мекунад. Он минбаъд ба омӯхтан ё нақд карда, ислоҳ намудан ва комилтар гардонидани назарияи илмии «ҳамбастагии иҷтимоӣ» кӯмак мерасонад. Натиҷаҳои рисола метавонанд дар такмилдиҳии назарияи «ҳамбастагии иҷтимоӣ» ва таҳкимгардонии косепсияи «ваҳдати миллӣ» дар доираи меъёрҳои қонуни давлати дунявӣ, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, гузаронидани чорабиниҳои давлатӣ, гузаронидани таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ ва таҳияи стратегия ва барномаҳои соҳавӣ истифода шаванд. Маводи кори диссертатсионӣ метавонад барои ҳадафҳои омӯзишӣ ва низ оммавӣ истифода бурда шавад ва ҳамчунин, дар таълими фанҳои асосӣ ва курсҳои махсуси ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ ва фарҳангшиносӣ истифода гардад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз дақиқ будани маълумоти истифодашудаи муаллиф, ҳаҷми мутаносиби маводи илмӣ-таҳқиқотии диссертатсия, гузаронидани таҳқиқоти сотсиологӣ бо методи пурсишнома ё худ анкета, коркард ва таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот ва инчунин интишороти илмии унвонҷӯ бармеояд. Таҳқиқот аз назарияҳои дахлдори сотсиологӣ ва таҳқиқоти эмпирикӣ асос ёфта, заминаи назариявӣ ва амалӣ-таҷрибиро барои роҳнамоӣ дар таҳқиқи омилҳое, ки ба ваҳдат ва ҳамбастагии иҷтимоӣ таъсир мерасонанд, фароҳам овардааст. Хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии натиҷаҳо, бар асоси таҳлили илмию натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ-таҷрибавӣ пешниҳод карда мешаванд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия дар мавзуи «Заминаҳои ташаккул ва инкишофи

ҳамбастагии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон дар давраи Истиқлоли давлатӣ: хусусият, назария ва амалия» пажӯҳиши илмӣ дар соҳаи сотсиология ба ҳисоб рафта, ба ихтисоси 6D050103 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, инчунин дар таҳияи муҳтавои пурсишнома ва иштирок дар гузаронидани таҳқиқоти сотсиологӣ ва коркарду таҳлили натиҷаҳои он тасдиқ карда мешаванд. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ, муайян кардани ҳадафҳо ва вазифаҳои омӯзиш, санҷиши манбаъҳои иттилоот, муқаррар намудани масъалаҳои асосӣ ва объекту предмети таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумоти бадастомада, муқаррароти назариявӣ ва методологӣ ва услуби диссертатсия натиҷаи саҳми мустақилонаи муаллиф мебошад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Диссертатсия дар кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ омода карда шуда, натиҷаҳои он дар конференсияҳои ҳарсолаи апрелии ҳайати устодону профессорони кафедраи мазкур маъруза шудаанд. Мундариҷаи асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмӣ ва конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ инъикос гардидаанд, аз ҷумла: конференсияи ҷумҳуриявии «Терроризм ҳамчун омили таҳдидкунандаи пойдории давлатҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ» (Тоҷикистон, ш. Данғара, 27 майи соли 2023) дар мавзуи «Роҳи пешгирии гаройиши ҷавонон ба равияҳои динӣ-ифротӣ»; конференсияи ҷумҳуриявии «Масъалаҳои мубрами фалсафаи муосир: мушкилот ва дурнамои он» (Тоҷикистон, ш. Душанбе, 12 матри соли 2024) дар мавзуи «Нигоҳи фалсафӣ ба эълони «Соли маърифати ҳуқуқӣ» дар Тоҷикистон»; конференсияи ҷумҳуриявии

«Ҳифзи ваҳдати миллӣ омили пешгирии хатарҳои ҷаҳонӣ» (Тоҷикистон, ш. Душанбе, 24-25 майи соли 2024) дар мавзуи «Масъалаҳои ҷалби ҷавонон ба чорабиниҳою фаъолиятҳои гурӯҳӣ ва нақши он дар таҳкими ваҳдати миллии ҷомеаи Тоҷикистон». Натиҷаҳои таҳқиқот дар кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ ҳангоми таълими фанҳои «Фалсафа», «Фарҳангшиносӣ» ва «Диншиносии илмӣ» истифода шудаанд. Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи мазкур дар санаи 20.05.2026 (суратҷаласаи №10) ва маҷлиси шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ дар санаи 19.06.2026 (суратҷаласаи №10) муҳокима гардида, бо қарори ҷаласа ба ҳимоя тавсия карда шудааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 10 мақолаи илмӣ чоп намудааст, ки аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар дигар маҷаллаҳои илмӣ ба нашр расида, 3 маърузаи илмӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявии илмӣ-амалии кишвар пешниҳод гардидааст, ки мазмуни диссертатсияро ифода менамоянд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Рисолаи илмӣ аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Дар рисола, вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавии сотсиологӣ 12 расм дарҷ гардида, бо мақсади якпорчасозии таҳқиқот 1 модели назариявии ҳамбастагии иҷтимоӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон пешниҳод шудааст. Ҳаҷми умумии рисола 209 саҳифаи чопи компютерӣ мебошад.

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗИШИ ПАДИДАИ «ҲАМБАСТАГИИ ИҶТИМОӢ» ҲАМЧУН ОМИЛИ АСОСИИ СУБОТ ВА ПЕШРАФТИ ҶОМЕАИ МУОСИР

1.1. Таҳлили назариявӣ-методологии масъалаи «ҳамбастагии иҷтимоӣ»

Истилоҳи «ҳамбастагии иҷтимоӣ» тарҷумаи «social solidarity» (англисӣ), «solidarité sociale» (фаронсавӣ) ва «социальная солидарность» (русӣ) мебошад. Баъзе нависандагони тоҷик онро «ҳамфикрии иҷтимоӣ» [22, с. 21] тарҷума кардаанд, ки ба назар норасо мерасад, зеро «ҳамфикрӣ» ҳамаи ҷиҳатҳои ҳамбастагиро фаро гирифта наметавонад. «Ҳамраъйии иҷтимоӣ» [202, с. 167] низ ибораи норасо мебошад. Асосан калимаи «solidarity» аз решавожаи лотинии «solidus» [266] меояд, ки ба маънои «устувор, пойдор, бодавом, тақсимнопазир, зич ва сахт» [80, с. 715], [267] мебошад. Бинобар ин, ибораи «social solidarity» бояд «устувории иҷтимоӣ» ё «пойдории иҷтимоӣ» тарҷума шавад. Вале дар ин сурат хусусияти «ҳамбаста будан»-и афроди ҷомеа ва «баҳампайвастагии мутақобила» ё «вобастагии байниҳамдигарӣ» ва «ниёзмандии мутақобил»-и онҳо ё лиҳоз намегардад ва ё камтар мавриди таъкид қарор мегирад. Ин дар ҳолест, ки моҳияти «ҳамбастагии иҷтимоӣ», дар дараҷаи аввал, ба ҳамин хусусиятҳои зикршуда алоқамандии зич дорад (дар идомаи матлаб ба ин масъала равшанӣ андохта шудааст). Пас, ба назари мо, беҳтарин тарҷумаи ибораи «social solidarity» ин «ҳамбастагии иҷтимоӣ» аст, ки ҳам хусусиятҳои дар боло зикр шударо дарбар мегирад ва ҳам маънои устуворӣ, пойдорӣ, давомнокӣ, тақсимнопазирӣ ва зичиюсахтиро, ки тарҷумаи решавожаи лотинии «solidus» мебошанд, мерасонад.

Истилоҳи «ҳамбастагии иҷтимоӣ» дар илми ҷомеашиносӣ як истилоҳи шинохташудаест, аммо бо ин ҳол таърифи дақиқе аз он ироа нашудаст [116, с. 904]. Муҳимтарин сабаби ин муаммо он аст, ки доираи маъноии «ҳамбастагии иҷтимоӣ» бисёр васеъ буда, ҷанбаҳои гуногунеро фаро мегирад. Баъзеҳо назарашон ин аст, ки «истилоҳи мазкур дар

кишварҳо ва манотиқи мухталиф, аз маънои мутафовите бархӯрдор аст. Дар кишварҳои пешрафта, баҳсҳои марбут ба ҳамбастагии иҷтимоӣ барои давомнок гардондани коркардҳои ҷомеа бо мақсади муқовимат дар баробари хатарҳои хориҷӣ ва таъсирҳои манфии иқтисод, матраҳ мешавад ва ҳол он, ки дар кишварҳои дар ҳоли пешрафт, мафҳуми ҳамбастагии иҷтимоӣ бештар дар қолаби таҷдиду таҳаввули сохтори ниҳодӣ-иҷтимоӣ ба кор меравад» [255]. Яъне таъйин кардани дараҷаи матлуби ҳамбастагии иҷтимоӣ вобаста ба шароити фарҳангӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии ҳар ҷомеа мебошад. «Сифату вижагиҳои иҷтимоии ваҳдату ҳамбастагӣ дар ҳама давру замон ва дар ҳар як ҷомеаи алоҳида якхела буда наметавонад» [190, с. 30].

Ба ин хотир аст, ки мебинем дар ҷомеаи муосири Тоҷикистони соҳибистиқлол мафҳум ё андешаи «ваҳдати миллӣ», нисбат ба мафҳуми «ҳамбастагии иҷтимоӣ» ва дигар мафҳумҳои муродифи он, бештар таваҷҷӯҳи зиёиёну давлатмардон ва кулли мардумро ба худ ҷалб намудааст. Бинобар шароити хосси иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсие, ки дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон мушоҳида мешавад мафҳуми «ваҳдати миллӣ» ба унвони ғоя, мафкура ва андеша, ё худ консепсияи миллӣ-давлатӣ ҷои ҳамаи дигар мафҳумҳои муродифи онро пур карда, ба марказу қутбнамои тамоми дигар андешаҳои сиёсии давлат ва ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мубаддал гаштааст. Ба ин хотир, вақте сухан дар бораи ҳамбастагии иҷтимоӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон меравад бидуни дар назар гирифтани мафҳуми «ваҳдати миллӣ», кор ба натиҷа нахоҳад расид. Ҳамчунин, вақте сухан аз ваҳдати миллӣ ба миён меояд набояд дигар мафҳумҳои ҳаммаънои он, бахусус «ҳамбастагии иҷтимоӣ»-ро аз назар дур гузошт. Дар зербоби дуюм, оид ба умумиятҳо ва фарқиятҳои байни ду мафҳуми «ваҳдати миллӣ» ва «ҳамбастагии иҷтимоӣ» баҳс ба миён омадааст.

Ҷомеашиносон истилоҳи «ҳамбастагии иҷтимоӣ»-ро гуногун таъриф намудаанд, аз ҷумла:

1- Ҳамбастагӣ, эҳсоси масъулияти огоҳонаи байниҳамдигарӣ ё байнигурӯҳӣ аст. Ҳасмбастагӣ метавонад шомили пайвандҳои инсонӣ-бародарӣ ва ё вобастагии дутурафаю чандтарафаи инсонҳо бар мабнои ҳаёти муштарак ва манфиатҳои онон бошад [108, с. 400].

2- Ҳамбастагӣ, дорои маънои ахлоқӣ ва мусбат буда, дар худаш андешаи як вазифа ё уҳдадории байниҳамдигарӣ ва ё вобастагии чандтарафаи коркардҳо, аҷзоъ ва аъзоро дар бар дорад [108, с. 400].

3- Ҳамбастагии иҷтимоӣ падидаест, ки бар пояи он, аъзои як гурӯҳ ё як ҷомеа ба якдигар вобастаанд ва ба таври мутақобил ниёзманди якдигаранд [108, с. 400].

4- Ҳамбастагӣ бо баҳампайвастагии дарунии ҷомеа ё гурӯҳ дар иртибот аст ва ба маънои он аст, ки гурӯҳ, ваҳдати худро ҳифз кунад ва худашро бо унсурҳои ваҳдатбахш мутобиқ гардонад [108, с. 400-401].

5- Ҳамбастагӣ ё баҳампайвастагии ҳар воҳиди иҷтимоӣ, яъне гурӯҳӣ ё ҷамъиятӣ, иборат аст аз муқовимат кардан дар баробари тақсим шудану ҷудо гардидан. Омилҳои он иборатанд аз: иттиҳод бо воҳиди бузургтар, ҳамоҳангии ҷомеъ, манофеи дуҷониба, вобастагии мутақобил ва равобити байниҳамдигарӣ [123, с. 184].

6- Ҳамбастагии иҷтимоӣ иборат аст аз пайванд миёни афроди ҷомеа бар мабнои фарҳанги муштарак ва эҳсосоти нашъатгирифта аз он фарҳанг [252, с. 330].

7- Ҳамбастагии иҷтимоӣ иборат аст аз шаклгирии як навъ идеология, ё қоидаҳои рафтор, ё эҳсосу отифаҳои ғолибомада - монанди вафодорӣ ба раҳбар, ғурури миллӣ, шӯру ҳарорати динӣ – ё таркибе аз ҳамаи инҳо дар ҷомеа, ба шарте, ки афроди ҷомеа ин авомилро ҳақиқатан ва амиқан эҳсос кунанд ва дар миёни аксарияти аҳолии ҷомеа, аз ҷумла дар миёни зиёиёну афроди муҳим, ки пешрафти ҷомеа ба кори онҳо бастагӣ дорад, ба сурати худҷӯш ва асил дарояд [130, с. 193-194].

8- Ҳамбастагии иҷтимоӣ он ҳамон як замонати эҷоди фазои дарку тасаввури бо ҳамдигар наздики аъзои умумиятҳои иҷтимоӣ аст, ки ҷомеаҳоро дар мавриди доштани умумиятҳои муштаракашон бо якдигар ба душ дорад [190, с. 30].

9- Ҳамбастагии иҷтимоӣ ду навъ аст: механикӣ ва органикӣ. *Ҳамбастагии механикӣ* дар ҷомеаҳое ёфт мешавад, ки афроди он эҳсос мекунанд ба таври механикӣ ба якдигар вобастаанд. Ин гуна ҳамбастагӣ бештар дар ҷомеаҳои пеш аз санъатӣ ё ақибмонда вуҷуд дорад, ки дар он аъзою аҷзои ҷомеа ва коркарди онҳо ба ҳамдигар шабоҳат доранд ва ноҳамонандӣ (тамоюз) байни онҳо хеле кам аст. Аслу асоси ин навъ ҳамбастагӣ бар рӯи эҳсосоти ахлоқии муштарак ё худ виҷдони ҷамъӣ устувор аст, ки аъзои ҷомеаро ба якдигар пайванд мезанад. *Ҳамбастагии органикӣ* бошад хосси ҷомеаҳои муосир аст, ки дорои тақсими кори пешрафта ҳастанд, ва афроди он ба хотири доштани тахассусҳои гуногун дар заминаҳои мухталиф, ҳар кадом кору фаъолияти ҷудогонае доранд ва ҳамин чиз сабаб мешавад, ки барои бартараф кардани ниёзҳои зиндагӣ, ба якдигар ҳам сахт вобаста бошанд ва ҳам ҳамбаста. Ҳамбастагии органикӣ ба ҷомеаҳои пешрафта ва саноатишуда марбут аст [118, с. 77 ва 117-119].

Ба таври куллӣ, мафҳуми муштараке, ки аз таърифҳои дар боло зикршуда метавон ба даст овард, ин аст:

Ҳамбастагии иҷтимоӣ ишора ба он навъ робитаҳои иҷтимоӣ дорад, ки афрод ва гуруӯҳҳои гуногуни як ҷомеаро ба сурати як воҳиди том, ягона ва ҳамоҳанг, ки бар арзишҳо, меъёрҳо ва ҳадафҳои муштарак асос ёфтаанд, дар зери як чатри ягона муттаҳид мекунад.

Бо ин ҳол, ҳар таърифе бозгӯкунандаи ҷиҳатҳои хоси ҳамбастагии иҷтимоӣ аст ва баъзе аз унсурҳои онро бештар мавриди таъкид қарор додааст. Масалан:

А) Дар аксари таърифҳо (рақами 1, 2, 3, 5 ва 9) рӯйи «вобастагии дутарафаю чандтарафаи аъзои ҷомеа» таъкид шудааст. Бе шубҳа,

вобастагии байниҳамдигарии аъзои ҷомеа дар зиндагӣ нақши асосиро бар ӯҳда дорад. Ҳар як шахс барои таъмин кардани ниёзҳои зиндагиаш, яъне қонеъ гардонидани талаботи моддию маънавиаш ночор аст, ки бо дигар афроди ҷомеа таомулу табодулу таовун кунад, зеро ӯ мавҷуди иҷтимоӣ аст ва ниёзҳои гуногуни ӯ танҳо бо кӯмаки ҷамъият бартараф мегардад. Аз нуқтаи назари равоншиносии иҷтимоӣ «робитаҳои асосёфта бар вобастагии дутурафаю чандтарафаи аъзоёни ҷомеа, ҳамбастагию якпорчагии иҷтимоиро тазмин мекунад» [109, с. 190].

Б) Дар таърифҳои рақами 1 ва 2 рӯи унсури «эҳсоси вазифаю масъулияти баёниҳамдигарӣ» таъкид шудааст. Ин унсур дар бақияи таърифҳо ё зикр нашудааст ё бо ин сароҳат баён нагардидааст. Унсури мазкур ба омодагии шахсони алоҳида барои дастгирии ҳамдигар, тақсими масъулият ва ҳамкорӣ барои расидан ба ҳадафҳои умумӣ ва муштарак таъкид мекунад.

В) Дар таърифҳои рақами 4 ва 5 бар рӯи «мутобиқ гардидан бо унсурҳои ваҳдатбахш» ва «иттиҳод бо воҳиди бузургтар ё ҳамоҳангии ҷомеъ» таъкид шудааст ва он яке аз самтҳои рафтори иҷтимоӣ аст. Инсонҳо хоста ё нохоста аз гурӯҳҳои мухталиф, монанди хонавода, ҳамсолон, ҳамкорон, ва ғ. пайравӣ мекунанд ва арзишҳои онҳоро қабул менамоянд. Аз сӯи дигар, гурӯҳҳо низ саъй мекунанд афродро ҳамранги худ кунанд. Афроди даруни гурӯҳ, ба муқаррароту арзишҳои он розӣ мешаванд ва ба расму одоби он тан медиҳанд. Бино бар ин, «дар раванди ҳамнавоӣ бо гурӯҳ ё ҷомеа, шахс нисбати худаш эҳсоси фишори хиёлӣ ё воқеӣ аз сӯи гурӯҳ ё ҷомеа мекунад ва дар натиҷа, рафтори хешро тағйир медиҳад» [108, с. 62].

Г) Дар миёни таърифҳои мазкур, таърифҳои рақами 1, 2, 6, 7 ва 8 қобили таваҷҷуҳанд, зеро бо қайд кардани унсурҳои огоҳӣ, андеша, дарк, тасаввур, ирода ва ҳиссу эҳсос, мавзуи баҳсро ба ҷиҳати нозуке мекашанд. Махсусан дар таърифи Бертран Рассел (таърифи рақами 7)

рӯи ин унсур таъкиди бештаре шудааст. Аҳаммияти масъалаи огоҳӣ, андеша, дарк, ирода ва эҳсос ба ин хотир аст, ки дар шароити кунунии ҷомеаҳои башарӣ, муассиртарин василаи ба вуҷуд овардани ваҳдату ҳамбастагӣ боло бурдани сатҳи огоҳии мардум аст, то ин ки ба арзишҳои воқеӣ пай бибаранд ва лозиму зарурӣ будани ваҳдатро ташхис диҳанд. «Ҳатто агар як кишвар аз чандин қавму қабилаю гурӯҳ ташкил шуда бошад, метавон бо боло бурдани сатҳи огоҳӣ ва дарку шуури мардум, дар байни онҳо ҳамбастагӣ ва инсиҷом ба вуҷуд овард» [131, с. 154-155].

Албатта Рассел ин қайдро ҳам изофа карда аст, ки ин дарку огоҳӣ дар миёни аксарияти аҳолии ҷомеа, ба хусус дар миёни зиёиёну афроди муҳим, ки пешрафти ҷомеа ба кори онҳо бастагӣ дорад бояд вуҷуд дошта бошад. Яъне пеш аз ҳама нухбаҳо, масъулон ва раҳбарони ҷомеа бояд ба омилҳои шаклдиҳандаи ҳамбастагӣ дарку эҳсоси ҳақиқӣ ва амиқтар дошта бошанд. Дар воқеъ, падидаи ҳамбастагии иҷтимоӣ комилан таҳаққуқ намеёбад магар ин ки ақалияти таъсиргузори ҷомеа ба аҳаммияти он ҳақиқатан пай бурда бошанд ва барои ба самар расидани он, саъю кӯшиш намоянд.

Ғ) Дар таърифи рақами 2 ҳамбастагии иҷтимоӣ бо қайди «дорои маънои ахлоқӣ ва мусбат» тавзеҳ дода шудааст ва дар таърифи рақами 9 бошад бо қайди «эҳсосоти ахлоқии муштарак ё худ виҷдони ҷамъӣ». Таърифи рақами 9 аз они Эмил Дюркгейм мебошад, ки ӯро дар ҳавзаи ҷомеашиносӣ ҳамчун касе мешиносанд, ки ба масъалаи ахлоқ беш аз дигарон таваҷҷуҳу таъкид кардааст. Аз назари Дюркгейм «ахлоқ, заруритарин ва лозимтарин чиз барои зиндагии инсонҳо аст ва нони рӯзонае аст, ки ҷомеаҳо наметавонанд бидуни он ба ҳаёти худ идома диҳанд» [118, с. 53].

Д) Унсури дигаре, ки дар баъзе таърифҳо зикр шудааст вуҷуди шабоҳатҳо ва виҷдони ҷамъӣ (таърифи 9) ва муштаракот (таърифи 6, 7, 8 ва 9) ва шаклгирии як навъ идеологияи ғолибомада (таърифи 9)

мебошад. Ин матлаб равшан аст, ки ҳеҷ ҷомеае бар шабоҳату монандии комил ва ё фарқияти мутлақ устувор нест, аммо вуҷуди ҳадди ақалли шабоҳатҳо, арзишҳои умумӣ ва ҳадафҳои муштарак барои барҳамнахӯрдани ҷомеа зарурӣ мебошанд. Ҳарчиқадар шабоҳатҳою муштаракот дар миёни аъзои як ҷомеа ҳам аз назари теъдод ва ҳам аз назари сифат афзоиш ёбад, ҳамон қадар кафолати бештаре барои ҳифзу давомнокии ҳамбастагии иҷтимоӣ ба вуҷуд хоҳад омад. «Дар ҳар ҷомеае, ки аъзои он аз назари фарҳангӣ дорои муштаракоти бисёре бошанд – масалан аз назари дину мазҳаб, забон, арзишҳои ахлоқӣ, расму одоб, урфу одат ва ғ. – ба эҳтимоли зиёд иттиҳоди умумиро ба расмият хоҳанд шинохт. Барои ин ки фарҳанги умумию муштарак вуҷуд дошта бошад, бояд муомилаю муошрати байниҳамдигарӣ ба таври пайваста ва дар муддати тӯлонӣ вуҷуд дошта бошад ва ин гуна аст, ки ҳамбастагӣ ҳифз мешавад» [123, с. 184].

Ба хотири аҳаммияти масъала, падидаи ҳамбастагии иҷтимоӣ мавриди таҳқиқи ҷомеашиносони классик ва муосир қарор гирифтааст. Дар идома, андешаҳои машҳуртарин ҷомеашиносони шарқу ғарб дар бораи ҳамбастагии иҷтимоӣ ироа шудааст. Зеро фаҳму дарки дурусти ҳар мавзуе ва қудрати таҳлили саҳеҳи он бевосита ба нуқтаҳои назар ва андешаҳои назарие вобаста аст, ки дар хусуси он мавзу ироа шудаанд.

Аз назари **Томас Гоббс** ҳамбастагии иҷтимоӣ зодаи «шартномаи ҷамъиятӣ»-и инсонҳост. Томас Гоббс дар ибтидо барои тавзеҳи ин ки чи гуна афроди як ҷомеа тан ба қарордоди иҷтимоӣ медиҳанд, баҳсро аз вазъи табиӣ ва ҳолати нахустини зиндагии инсон шурӯъ мекунад. Ба бовари ӯ, инсон он вақт, ки пеш аз сохти обшинаи ибтидоӣ ва пеш аз шаклгирии ҷомеа ва давлат зиндагӣ мекард, вазъияти табиӣ дошт. Томас инсони дар ин вазъияти табиӣ қарор доштаро «инсони фитрӣ» меномад, ки дорои сифатҳои зиёдаталабӣ, дурӯғгӯӣ, палидӣ, шарорат ва даррандагист. Ҷумлаи маъруфи Томас Гоббс «инсон, гурги инсон аст»

гӯёи ҳамин иддиои ӯст. Аз назари ӯ, инсонҳо саранҷом ба ин дарк мерасанд, ки бояд аз вазъи табиӣ хориҷ шаванд ва корҳоеро, ки ба таври худхоҳона анҷом медоданд, тарк намоянд. Бинобарин, ҷомеа навъе сулҳу созиш аст, ки одамиён ба он таслим мешаванд то битавонанд ба зиндагии хеш идома диҳанд. Ин сулҳу созиш бар асоси тавофуқ миёни инсонҳо барқарор мешавад ва шартномаи ҷамъиятӣ ном додар [115, с. 38-41].

Жан-Жак Руссо низ пояҳои ҳамбастагии иҷтимоиро дар қарордоди нонавиштае медонад, ки аъзои ҷомеа бо якдигар доранд [140, с. 78]. Ӯ муътақид аст ҳамаи аъзои ҷомеа ба гунае бо якдигар аҳд бастаанд, ки тамоми истеъдодҳою тавоноиҳои шахсии худро барои ҳимояти ҳамаҷониба аз якдигар ба кор гиранд. Ин тааҳҳуди иҷтимоӣ ҳамон қарордоди иҷтимоист, ки сабаби ба вуҷуд омадани ҳамбастагии иҷтимоӣ ва бақои он мегардад [100, с. 84-85].

Огюст Конт, ки ӯро ҳамчун падари илми ҷомеашиносии ғарб мешиносанд, пеш аз ҳар чиз ба ваҳдати иҷтимоӣ ва ваҳдати таърихи башарӣ менигарист. Вай муътақид буд, ки ҳамбастагии иҷтимоӣ аз муттаҳидшавӣ ва ҳамгироии афрод дар дохили ҷомеа ба вуҷуд омада, боиси эҳсоси шуури дастаҷамъӣ ва иттиҳоди аъзоёни он мегардад [106, с. 87]. Конт ба унсурҳои пайванддиҳанда ва созандаи ҷомеа таваҷҷуҳ дошт [132, с. 18], ки иборатанд аз: дин, забон, маориф, тақсими кор, итоат аз раҳбар, қарордоди иҷтимоӣ ва қудрати маънавӣ [106, с. 88], [121, с. 34], [117, с. 54 ва 57]. Дар маҷмуъ, Конт аҳаммияти ҳамбастагии иҷтимоиро дар нигоҳ доштани тартиботи ҷамъиятӣ, мусоидат ба пешрафти иҷтимоӣ ва таъмини некӯаҳволии шаҳрвандон ва тамоми ҷомеа таъкид кардааст.

Яке аз муҳимтарин назариятчиёни ҳамбастагии иҷтимоӣ **Эмиль Дюркгейм** аст [125, с. 333]. Ӯ ин назарияро дар асараш «Дар бораи тақсими кори иҷтимоӣ» тарҳрезӣ намудааст. Ба назари Дюркгейм тақсими кор ҳарчанд фоидаҳои фаровони иқтисодӣ дорад, аммо нақши асосиаш ин аст, ки байни ду ё чанд нафар ҳисси ҳамбастагӣ ба вуҷуд

меоварад. Тақсими кори печида, ҳамбастагии иҷтимоиро пойдор мекунад, зеро дорои хислати ахлоқӣ аст ва ниёзмандии мо инсонҳо ба ҳамбастагӣ, ҳамоҳангӣ ва назм ҳам ниёзҳои ахлоқианд [118, с. 63].

Дюркгейм дар китобаш ду навъ ҷомеаро бо ҳам муқоиса мекунад: 1) ҷомеаи дорои ҳамбастагии механикӣ; 2) ҷомеаи дорои ҳамбастагии органикӣ. Дар *аввалӣ* тақсими кор ҳолати бисёр ҳам сода ва ибтидоӣ дорад, афроди ин ҷомеа дар ҷиҳатҳои ахлоқӣ ҳамонандиҳои бисёре бо якдигар доранд ва миёнашон *виҷдони ҷамъӣ* ҳукмфармост. Дар ин навъ ҷомеа, фард ба худаш тааллуқ надорад ва мешавад гуфт ихтиёраш дар дасти худаш нест, балки комилан ба ҷомеа тааллуқ дорад. Аммо дар *дуюмӣ* тақсими кор сифати комилан пешрафтае дорад. Тақсими кори пешрафта сабаби фарқияти афрод аз якдигар ва боиси вобастагиҳои байниҳамдигарии афрод мегардад. Бовари Дюркгейм бар ин аст, ки ҳамбастагии бархоста аз тақсими кори иҷтимоӣ нерӯмандтарин ҳамбастагиҳост. Дар чунин ҷомеаҳо мо худро дар ҳоли зистан ва кор кардан бо мардуме меёбем, ки дидгоҳҳою боварҳои бисёр мутафовите бо мо доранд [118, с. 117-18, 128 ва 135].

Албатта Дюркгейм медонист, ки тақсими пешрафтаи меҳнат ҷанбаҳои парокандасозиро низ дорост, зеро ҳар чӣ нақшҳои саноатию меҳнатӣ тахассуситар шаванд шӯриши коргарон низ бештар мешавад, зеро ҳар қадар нақшҳои саноатӣ ва меҳнатӣ ихтисосӣ гарданд, ҳамон қадар эҳтимолияти шӯришҳои коргарӣ афзоиш меёбад. Дюркгейм дар ин ҷо ба нақши давлат дар эҷод ва ҳифзи ҳамбастагии иҷтимоӣ таваҷҷуҳ мекунад, аммо таъкид менамояд, ки давлат набояд чунин ваҳдатро бо роҳи маҷбурӣ ба вуҷуд орад. Ӯ ҳатто қонуну қоидаҳоро ҳам ба танҳоӣ таъминкунандаи ҳамбастагӣ намедонад. Дар ҷомеаи дорои тақсими кори пешрафта, виҷдони ҷамъӣ низ дигар суст шудааст ва нерӯе нест, ки фардро ба гурӯҳу ҷомеа дилбаста нигаҳ дорад. Дюркгейм роҳи ҳалро дар «гурӯҳҳои касбӣ ё худ синфҳои ҳирфаӣ-тахассусӣ» мебинад, ки миёни

давлат ва афрод нақши миёнаравро бозӣ карда, назм ва робитаҳои ахлоқиро барқарор менамоянд, худхоҳии фардиро миҳор ва эҳсоси шадиди ҳамбастагиро байни коргарон ба вуҷуд меоваранд ва монеъ аз он мешаванд, ки қонуни ҷангалии «ҳақ бо қавитар аст» ҳукмфармо шавад [118, с. 612-13, 77, 317 ва 331], [106, с. 430-431].

Дюркгейм дар асари дигараш ба номи «Суратҳои ибтидоии ҳаёти динӣ», ки «пурнуфузтарин таҳқиқ дар ҷомеашиносии дин мебошад» [114, с. 503] таъкид намудааст, ки маросимҳою ибодатҳои дастаҷамъии динӣ дар эҷод ва ҳифзи ҳамбастагии иҷтимоӣ нақши калидӣ доранд [114, с. 504], [113, с. 80-82]. Аммо Дюркгейм бар ин бовар буд, ки бо тавсиаю пешрафти ҷомеаи имрӯзӣ таъсиргузории дин суст ва сусттар мешавад ва тафаккури илмӣ беш аз пеш ҷойгузини омӯзаҳои динӣ мегарданд ва маросимҳою ибодатҳои динӣ танҳо бахши ночиз аз зиндагии афродро ташкил хоҳанд дод [118, с. 151-152].

Дар шарқи исломӣ, дар асри IX (дар ибтидои асри сеюми ҳиҷрӣ) гурӯҳе бо номи «**Ихвон-ус-сафо**» дар сарзамини Басра ва Бағдод фаъолияти илмии худро шурӯъ карданд. Онҳо масоили гуногуни фалсафӣ, ахлоқӣ, динӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ғайраро кор карда баромадаанд ва перомуни мавзуоти ҷомеашиносӣ андешаҳое доранд [151, с. 11 ва 39-40]. Дидгоҳи ин гурӯҳ дар бораи ҳамбастагии иҷтимоӣ чунин аст:

1- Ниёзи табиӣ ба ҷомеа. Нахустин омили ба вуҷуд оварандаи ҳамбастагии иҷтимоӣ ниёзи табиии инсонҳо ба ҷомеа барои бароварда намудани ниёзмандиҳои моддӣ ва маънавӣ аст.

2- Тақсими кор. Кор ё санъат (саноат) чанд хел мешавад, мисли тиҷорат, зироат, сиёсат ва мудирият. Дар маҷмуъ, ҳамаи саноатҳо шаклгирии иҷтимоъро зарурӣ мегардонанд ва дар ҷомеа гурӯҳҳои деҳқонон, оҳангарон, бозаргонон ва сиёсатмадорон, ки идора намудани умури иҷтимоъ ба дасти онҳост, ба вуҷуд меоянд. Дар ниҳоят, тақсими кор сабаби ҳифзу нигаҳдории ҳамбастагии иҷтимоӣ мешавад.

3- Пайвандҳои маънавӣ. Афроди ҷомеа бояд чунон эҳсоси отифӣ ва маънавӣ нисбат ба якдигар дошта бошанд, ки гӯё як бадану рӯҳ мебошанд. Бо инки мардум ҷисман теъдодашон зиёд аст, аммо бояд рӯҳи ягонаеро ташкил диҳанд. Пайвандҳои маънавӣ бояд ба қадре қавӣ бошад, ки худхоҳии афрод табдил ба азхудгузаштагӣ гардад.

4- Роҳбарияти ақл. Гурӯҳи мазкур асолатро ба ақл медиҳанд ва муътақиданд бартарии ақли роҳбар аз инҷо шинохта мешавад, ки сиёсати муносиб нисбат ба тамомии афроди ҷомеа дошта бошад ва бо истифода аз мақоми раёсатии худ тадбири некӯ ба кор бандад, бо инсонҳои дигар ба хубию некӣ рафтор намояд ва анъанаҳоро риоят кунад.

5- Назорат (кантрол). Болодастон бояд бар рафторҳои зердастонашон назорат кунанд ва кору бори онҳоро сару сомон диҳанд ва дар ин бора шоистанок адои вазифа намоянд [146, с. 100], [147, с. 127-128 ва 428], [148, с. 19-20, 22-23, 126, 169-170 ва 258-260].

Абӯнаср Муҳаммади Форобӣ яке аз ҳакимону файласуфони барҷастаи машриқзамин, соҳиби осори зиёд, шарҳдиҳандаи китобҳои юнонӣ ва дорои назарияҳои гуногуни иҷтимоӣ дар заминаи ҳамбастагии иҷтимоӣ низ ибрози андеша кардааст [152, с. 102], [158, с. 153]. Форобӣ назараш бар ин аст, ки ҳамбастагии иҷтимоӣ дар як ҷомеа бар пояи хостаҳо, ҳадафҳо, сабку равиши муштарак ва боварҳои ҳамранги мардум ташаккул меёбад [156, с. 80]. Ҳамчунин ӯ бар муҳаббат ва адолат сахт таъкид кардааст ва дар ин бовар буд, ки он чи омили пайдоиши ҳамбастагии иҷтимоӣ мешавад муҳаббат аст ва он чи сабаби давомнокиаш мегардад иҷрои адолат аст. Ӯ навишта аст: «бахшҳою табақаҳои мухталифи ҷомеа бар асари муҳаббату дӯстӣ ба якдигар, пайванд мехӯранд ва ҳамбастагии ба вуҷуд омада, дар партави адолат ва коргузорони он устувор мегардад» [156, с. 83-84], [155, с. 43], [157, с. 45-47 ва 70-72].

Абӯзайд Абдураҳмон ибни Халдун, маъруф ба **Ибни Халдун**, сиёсатмадор, таърихнигор, инсоншинос, фақеҳ, файласуф ва «аввалин ҷомеашинос» [126, с. 22] муҳимтарин назарияаш дар ҷомеашиносӣ ин ҳамбастагии иҷтимоӣ аст. Ӯ асоси ҳамбастагиро дар муносибатҳои қабилавӣ ва хонаводагӣ медонист, ки ба сабаби робитаҳои наздики афроди як қабила, шиддат меёбад [101, с. 111]. Ӯ дар муқаддимаи китоби таърихаш иддиои поярезии илми наверо карда аст ба номи «илм-ул-имрон» яъне илм дар бораи зиндагии иҷтимоӣ [144, с. 75]. Назарияи ҳамбастагии иҷтимоии ӯ дар зимни тавзеҳи ин илм равшан мегардад.

Аз назари Ибни Халдун ҷомеа барои инсон ҳаётан зарурист. Аммо инсонҳо баъд аз ташкили зиндагии иҷтимоӣ пойро аз маҳдудаи шахсиашон фаротар мегузоранд ва ба молу сарвати дигарон таҷовуз карданро сар мекунанд, зеро инсон мавҷуде аст дорои ҷиҳатҳои зиддиятноки некӣ ва бадӣ. Дар ин марҳила, барои ҳифзи ҳаёт лозим аст, ки майлу ҳавасҳои ҳайвонии инсонҳо маҳдуд карда шаванд ва робитаҳои онон назм ёбад. Ҷомеа танҳо вақте ҳифз мешавад, ки инсонҳо таҳти ҳокимияти қавитарин ва тавонотарин фард дароянд то битавонад онҳоро дар ҳадду марзи хеш нигаҳ дорад ва оштӣ диҳад. Пас, инсонҳо бо нерӯи иҷбор ва тасаллути ҳоким, аз ситамгарӣ ба якдигар манъ мешаванд, магар он ки ситамгарӣ аз тарафи худи ҳоким оғоз гардад. Сипас Ибни Халдун ба масъалаи «асабият» мепардозад, ки нуқтаи марказии назарияи ҳамбастагии ӯ ба ҳисоб меояд. Асабият дар асл ба маънои пайванди хешовандӣ аст, аммо дигар пайвандҳо мисли ҳамдинӣ, ҳамсавгандӣ, ғуломон ва тарбиятёфтагони қавмиро низ дар бар мегирад. «Асабият» меҳвари ҳар гуна суботу пойдорӣ ва ё таҳаввулу дигаргуниҳои иҷтимоист. Ҳимоя, дифоъ, тавсиаталабӣ ва ҳар навъ ҷамъомад ва иттифоқе, аз роҳи асабият муяссар мешавад [144, с. 77-79 ва 239-240].

Масъалаи «ҳамбастагии иҷтимоӣ» мавриди таҳқиқ ва омӯзиши ҷомеашиносони муосир низ қарор гирифтааст. Аз ҷумлаи онҳо, **Роберт**

Эзра Парк ҳамбастагии иҷтимоиро дар зери мафҳумҳои «ҳамрангӣ», «назорат(контрол)-и иҷтимоӣ» ва «иртибототи ҷамъӣ» баррасӣ намудааст. «Ҳамрангӣ» аз назари Парк як навъ дарҳамомехтагӣ ва як ҷо ғун шудану таркиб шудан аст. Ӯ ибтидо се мафҳумро тавзеҳ дода ва баъд ҳамрангиро маънидод кардааст:

1- Рақобат *(Competition)* - саъйю талоши бахшҳои гуногуни як низом барои дастёбӣ ба манобеъ, бе ин ки бо якдигар задухӯрд кунанд.

2- Низоъ *(Conflict)* - кашмакашу задухӯрди зеҳнҳо бо якдигар баъд аз бархӯрд кардани маънои як зеҳн бо маънои зеҳни дигар. Дар ин вазъият, рақобати ноогоҳона ба кашмакаши огоҳона табдил мешавад ва рақибон якдигарро бо чашми душман менигаранд.

3- Мутобиқшавӣ *(Accommodation)* - фурӯ нишастани кашмакашу даргирӣ аст ва замоне падид меояд, ки масъалаи тақсими қудрату манзалат то ҳадди чашмгире ҳал шуда ва робитаи байни болодастону зердастон аз роҳи қонуну қоидаҳо таҳти назорат даромада бошад.

4- Ҳамрангӣ *(Assimilation)* - як навъ таркиб ва омезиш аст, ки дар раванди он, афрод ва гурӯҳҳо худро дар хотираҳо, эҳсосҳо ва таҷрибаю таърихи дагарон саҳим медонанд ва бо онҳо дар як фарҳанги муштарак омехта мегарданд. Дар натиҷа, ҳамонандшавии фарҳангӣ рух медиҳад [121, с. 477-479].

Дар мақоми арзёбии дидгоҳи Парк бояд гуфт модели чаҳормарҳалаии ӯ аксар вақт барои ҳаллу фасли мушкилоти нажодӣ пешкаш шудааст, яъне он барои ҳалли дигар мушкилоти иҷтимоӣ кифоят намекунад. Масалан, ин модел барои ҳалли ихтилофоти динӣ-мазҳабии қавмиятҳои гуногуни як ҷомеа ба пуррагӣ посух гуфта наметавонад.

Толкотт Парсонс ҷомеашиноси амрикоӣ мебошад, ки ба масъалаҳои назм, субот ва ҳамбастагии иҷтимоӣ таваҷҷуҳи фавқулоддае нишон додааст. «Ӯ ба аҳаммияти меъёрҳо ва арзишҳо дар зиндагии иҷтимоӣ таъкиди зиёд кардааст» [138, с. 149 ва 154]. Ба бовари ӯ, низоми иҷтимоӣ вақте сохта мешавад, ки афроди ҷомеа пойбанди арзишҳо бошанд.

Назарияи Парсонс дар ин бора, таҳти унвони «назарияи низомҳо» ё «назарияи куниш (ё амал)» маъруф аст. Ӯ ибтидо чаҳор низомро матраҳ мекунад:

1- Низоми иҷтимоӣ, ки бо пойбандии афроди ҷомеа ба арзишҳо, сохта мешавад. 2- Низоми фарҳангӣ, ки унсурҳои гуногуни ҷаҳони иҷтимоиро ба ҳам пайванд медиҳад. 3- Низоми шахсиятӣ-равонӣ, ки иборат аз ангезаҳо, тамоюлҳо ва хостаҳои як фард аст. 4- Низоми зистӣ (организмӣ), ки манбаи энергия барои низомҳои дигар аст.

Ин низомҳо аз қудрати баробар бархӯрдор нестанд. Аз байни инҳо, ду низоми иҷтимоӣ ва фарҳангӣ нақши асосиро дар ҳифзи ҳамбастагии иҷтимоӣ доранд, махсусан низоми нерӯманди фарҳанг. Низоми иҷтимоӣ робитаҳои иҷтимоиро ба назм дароварда бо бакоргирии дурусти қонуну қоидаҳои тақсими кор, аз парокандагӣ пешгирӣ мекунад ва ваҳдатро дар миёни бахш-бахшҳои ҷомеа эҷод менамоянд. Кори аслии низоми фарҳанг омӯзиш додани арзишҳо, қоидаю қонунҳо, расму одобҳо ва ҷомеапазиркунонии афрод аст [132, с. 139-141].

Дидгоҳи Толкотт Парсонсро дигарон чунин арзёбӣ кардаанд, ки дар «назарияи низомҳо»-и ӯ аз масъалаи тағйиру дигаргуниҳои иҷтимоӣ ва ситезу кашмакашҳои иҷтимоӣ ғафлат шудааст. Чашмандози Парсонс аз ҷомеа иборат аз як дунёи комилан осоишта аст, ки дар он фақат робитаҳои мусбат барқарор аст ва бахшҳои ташкилдиҳандаи низоми иҷтимоӣ танҳо таъсироти судманд бар якдигар доранд. Ин дар ҳолест, ки ҷомеа дорои тағйиру дигаргуниҳо низ ҳаст ва дар он гоҳо ситезу кашмакашҳо рух медиҳанд [124, с. 67].

Юрген Ҳабермас ҷомеашиноси олмонӣ мебошад, ки «назарияи куниш ё амали иртиботӣ» (ба русӣ: теория коммуникативного действия)-ро матраҳ намудааст. Бо воситаи ин назария метавон ба дидгоҳи Ҳабермас дар бораи ҳамбастагии иҷтимоӣ даст ёфт.

Ӯ назарияашро аз ин ҷо шурӯъ мекунад, ки инсонҳо мавҷудоти иҷтимоӣ ҳастанд ва бо якдигар робитаю муомила доранд ва ниёзманди дарк кардани якдигаранд. Ин кор бо истифода аз забон, ки муҳимтарин воситаи иртибот аст, сурат мегирад. Робитаю муомилаи инсонҳо бар асоси забон, «куниши иртиботӣ» номида мешавад. Мақсади аслӣ аз куниши иртиботӣ, ҳамдигарфаҳмӣ дар раванди иртиботот аст, ки асосан бо роҳи гуфтугӯ ҳосил мешавад [132, с. 211-212]. Мувофиқате, ки бояд аз иртибот ба даст ояд, бо мубоҳисаи тарафҳо падид меояд ва дар натиҷа, навъе ахлоқи гуфтумонӣ ташаккул меёбад ва саранҷом, ахлоқи гуфтумонӣ табдил ба як арзиш мешавад. Ин ҷараёнро Ҳабермас «вазъияти ормонии сухан (ё истидлол)» номидааст. Дар вазъияти ормонии сухан танҳо истидлоли беҳтар пирӯзӣ меёбад. Ҳеҷ монеъе набояд пеши баҳсу гуфтугӯро бигирад ва ҳамаю ҳар чиз бояд заминаро барои баҳсу гуфтугӯи беҳтар фароҳам созанд. Бинобар ин, дар ин вазъият низоъҳою ихтилофҳо ба сурати ақлонӣ ва аз тариқи иртиботу ҳамдигарфаҳмӣ, ки аз ҳар навъ маҷбуркунониe холӣ аст, ҳал мешаванд. Ҳарчӣ тавоноии сухан ва иртибот бештар бошад ҷомеа солимтар аст. Бемории ҷомеа низ дар камбудии иртибот ва ҳамдигарфаҳмист. Дар ин ҷо нақши «расонаҳо ва васоили иртиботи ҷамъӣ» аҳаммият пайдо мекунад, аммо нақши расонаҳо дупаҳлуӣ аст: метавонанд тавсиадиҳанда бошанд ва ё маҳдудкунанда. Ҳабермас мегӯяд дар «вазъияти ормонии сухан (ё истидлол)» метавон кафолат дод, ки тарафҳо ба ҳамфикрӣ расида, сари як хулоса ҷамъ мешаванд. Ба ин хотир, Ҳабермас назарияи «ҳақиқати тавофуқӣ»-ро қабул дорад на «ҳақиқати рӯйнавиштшуда аз воқеият»-ро. Аммо ба бовари ӯ ҳақиқат то кунун дар таърихи гузашта комилан ба даст наомадааст, зеро дар таърихи гузашта иртиботҳои забонӣ-каломӣ ба таври нопурра ва бо омилҳои халалрасон анҷом мешудааст [132, с. 214], [124, с. 308].

Назарияи Ҳабермас баҳсҳои зиёдеро барангехта, нақдҳои бисёреро дар пай доштааст. Масалан ӯ натиҷаи ақлонияти иртиботиро расидан ба

ҳамдигарфаҳмӣ ва тавофуқ медонад, дар ҳоле, ки чунин натиҷае ҳамеша ба даст намеояд. Гап дар он аст, ки «печидагии ҷомеаҳои имрӯза ва мушкилиҳою зиддиятҳои бисёр густурдаи он ва низ сайтараи ҳамаҷонибаи саноату технологияҳо, дигар ҷое барои ташаккулёбии ҷомеаҳо бар асоси «иҷмоъи мубоҳисакунандагон дар як вазъияти гуфтумонӣ» боқӣ нагузоштааст» [132, с. 637].

Яке дигар аз ҷомеашиносони машҳури муосир **Энтони Гидденс** мебошад. Маъруфтарин назарияи ӯ «сохторбандӣ» ном дорад. Ҳамбастагии иҷтимоӣ аз дидгоҳи Гидденсро бояд аз равзанаи ҳамин назария таҳлил намуд. Назарияи «сохторбандӣ», ки онро «сохтёбӣ» ё «сохторёбӣ» ҳам гӯянд, яке аз ҷомеътарин кӯшишҳо барои пайванддиҳии «омилият» яъне фард ё шахси амалкунанда ва «сохтор» ба ҳисоб меравад. Гидденс барои фаҳмондани маънои «сохторбандӣ» ба ин нукта таъкид мекунад, ки *амали инсонҳо* ва *сохторҳо* ду падидаи ҷудо аз ҳам нестанд, ки дар ду тарафи аз ҳам дур қарор дошта бошанд, балки ҳар ду бо ҳам хислати дугонагиеро нишон медиҳанд. Сохтор чизест, ки бо воситаи куниш/амал ба вуҷуд меояд ва бо кӯмаки он ҳифз мешавад ва зери таъсири он тағйир мекунад, аммо куниш/амал бошад маънодориашро фақат дар контексти сохтор пайдо менамояд. Бино бар ин, сохтор ҳолате аст, ки дар он, миёни ҷузъ ва кулл ҳамеша робита барқарор буда ва натиҷаи робитаашон тавлиду бозтавлиди иҷтимоӣ аст [132, с. 658-660], [128, с. 173-175], [129, с. 132].

Тибқи ин назария, агар омилон (инсонҳои амалкунанда) дар пайи эҷод ва ҳифзи ҳамбастагии иҷтимоӣ бошанд, бо амалу рафторҳояшон «сохтор»-еро ба вуҷуд хоҳанд овард, ки унсурҳои ташкилдиҳандааш дарбардорандаи заминаҳою шароитҳои эҷод ва бақои ҳамбастагии иҷтимоӣ хоҳад буд. Чунин сохтор ин тавоноиро хоҳад дошт, ки касони ба ҳамбастагӣ камтар таваҷҷуҳ мекардагиро водор ба таваҷҷуҳ мекунад ва касони пешқадаму пешкисват дар заминаи ҳамбастагиро ба арзёбии

дубораи вазъияти мавҷуд ва интиқоди созанда фаро мехонад. Дар ин марҳала, сохтори иҷтимоӣ дубора бозтавлид хоҳад шуд ва сохтори бозтавлидшуда боз ҳам бар рӯйи омилон (кунишгарон) таъсир хоҳад гузошт. Ин раванд ҳамин гуна ба сурати чархишӣ идома хоҳад дошт то ин ки дар ҳар даврае шакли комилтари ҳамбастаги иҷтимоӣ нисбат ба давраҳои гузашта ташаккул ёбад.

Ҷорҷ Герберт Мид, **Герберт Блумер** ва **Гаролд Гарфинкел** назарияи «куниш/амали мутақобилаи рамзӣ», ба ибораи дигар «рафтори байниҳамдигарии рамзӣ» (ба русӣ: «символический интеракционизм» ё «символическое взаимодействие»)-ро асос гузоштаанд. Дар ин назария, рӯйи забон, ҳаракатҳои маънодори бадан яъне жестҳо, аломатҳою нишонаҳои фарҳангӣ, динӣ, миллӣ ва ғайра таъкид мешавад. Тибқи ин назария, инсонҳо дар ҷараёни амалҳои мутақобилаи иҷтимоӣ ба таври рамзӣ-символикӣ маъноҳоеро ба дигарон интиқол медиҳанд ва дигарон ин рамзҳои маънодорро тафсир мекунанд ва бар асоси тафсирашон аз ин рамзҳо, вокуниш/аксуламал нишон медиҳанд. Рамзҳо метавонанд ҳар чизе бошанд, ки маъно доранд, ба монанди забон, имову ишора, расму оин ва ашё. Масалан, парчами миллӣ ватандӯстиро ифода мекунад, ҳалқаи арӯсӣ рамзи садоқат аст. Тибқи назария, амалҳои дигарон омили асосӣ ва бисёр ҳам таъсирнок барои эҷоди аксуламалҳои мо ба ҳисоб меоянд. Таҳти таъсири амалҳо/кунишҳои дигарон, мумкин аст фард вазъиятеро, ки дар он қарор дорад тағйир диҳад ва худро дар як вазъияти беҳтар ва ё бадтар қарор диҳад. Бинобар ин, афрод бо фаҳму дарке, ки аз маънои рафторҳои дигарон доранд амалҳояшонро санҷида анҷом медиҳанд ё ислоҳ мекунанд ё тағйир медиҳанд ва дар натиҷа, сабаби сохтани амали якдигар мешаванд [122, с. 181], [139, с. 318], [119, с. 265]. Ин назария хусусияти субъективии рамзҳоро қабул намуда, таъкид мекунанд, ки маънои онҳо аз ҷиҳати иҷтимоӣ сохта шудаанд ва метавонанд дар контекстҳо ва фарҳангҳои гуногун фарқ кунанд.

Бар асоси назарияи боло, метавон ҳамбастагии иҷтимоиро ба таври зер таҳлил намуд: ҳар миқдор афроди ҷомеа ба фаҳму дарки муштараки рамзҳо ноил оянд, ба ҳамон миқдор низ ҳамбастагии иҷтимоияшон нерӯмандтар мешавад. Яъне бояд ҳаҷми рамзҳои маънодори муштаракро дар миёни соҳибони фарҳангҳои гунонун ва қавмиятҳои мухталиф афзоиш дод, то инки ҳамбастагии иҷтимоӣ дар сатҳи густурдатаре рушд ёбад.

Хулоса, ҳамбастагии иҷтимоӣ ишора ба он навъ робитаҳои иҷтимоӣ дорад, ки афрод ва гуруӯҳҳои гуногуни як ҷомеаро ба сурати як воҳиди том, ягона ва ҳамоҳанг, ки бар арзишҳо, меъёрҳо ва ҳадафҳои муштарак асос ёфтаанд, дар зери як чатри ягона гирдиҳам меоварад. Ба ақидаи Томас Гоббс ҳамбастагии иҷтимоӣ зодаи шартномаи ҷамъиятии инсонҳост. Жан-Жак Руссо низ пояҳои ҳамбастагии иҷтимоиро дар қарордоди нонавиштае медонад, ки аъзои ҷомеа бо якдигар доранд. Огюст Конт пеш аз ҳар чиз ба ваҳдати иҷтимоӣ ва ваҳдати таърихи башарӣ менигарист. Ба назари Эмиль Дюркгейм тақсимоти меҳнати печида дар замони муосир ҳамбастагии иҷтимоиро пойдор мекунад, зеро дорои хислати ахлоқӣ аст ва ниёзмандии мо инсонҳо ба ҳамбастагӣ, ҳамоҳангӣ ва назм ҳам ниёзҳои ахлоқианд. Гурӯҳи илмӣ-фалсафӣ бо номи «Ихвон-ус-сафо» нахустин омили бавуҷудоварандаи ҳамбастагии иҷтимоиро ниёзи табиии инсонҳо ба ҷомеа барои рафъи ниёзмандиҳои моддӣ ва маънавӣ медонанд. Абӯнасри Форобӣ назараш бар ин аст, ки ҳамбастагии иҷтимоӣ дар як ҷомеа бар пояи хостаҳо, ҳадафҳо, сабку равиши муштарак ва боварҳои ҳамранги мардум ташаккул меёбад. Муҳимтарин назария дар ҷомеашиносии Ибни Халдун ҳамбастагии иҷтимои аст. Ӯ асоси ҳамбастагиро дар муносибатҳои қабилаӣ ва хонаводагӣ дониста, ки ба сабаби робитаҳои наздики афроди як қабила, шиддат меёбад. Ҷомеашиносони амрикоӣ Роберт Эзра Парк ҳамбастагии иҷтимоиро дар қолаби мафҳумҳои «ҳамрангӣ», «назорат(контрол)-и

иҷтимоӣ» ва «иртибототи ҷамъӣ» баррасӣ намудааст. Толкотт Парсонс ба масъалаҳои назми иҷтимоӣ, суботи иҷтимоӣ ва ҳамбастагии иҷтимоӣ таваҷҷуҳи фавқулоддае нишон додааст. Ба бовари ӯ, низоми иҷтимоӣ вақте сохта мешавад, ки афроди ҷомеа пойбанди арзишҳо бошанд. Ҷомеашиносони олмонӣ Юрген Ҳабермас «назарияи куниши иртиботӣ»-ро матраҳ намуда, бо воситаи он ҳамбастагии иҷтимоиро асоснок гардонидааст. Энтони Гидденс, ҷомеашиносони британиёӣ назарияи «сохторбандӣ»-ро матраҳ карда, таъкид намудааст, ки «омилият» ва «сохтор»-ро наметавон ҷудо аз ҳам тасаввур кард; онҳо ду рӯйи як тангаанд. Ба назари ӯ, робитаи байниҳамдигарии «омилият» ва «сохтор» боиси мустаҳкамгардии ҳамбастагии иҷтимоӣ мешавад. Ҷорҷ Герберт Мид, Герберт Блумер, Ирвинг Гофман ва Гаролд Гарфинкел, ки назарияи «куниши мутақобили намодӣ-рамзӣ»-ро пешниҳод намудаанд назарашон бар ин аст, ки ҳар миқдор афроди ҷомеа ба фаҳму дарки муштараки рамзҳо ноил оянд, ба ҳамон миқдор низ ҳамбастагии иҷтимоияшон нерӯмандтар мешавад.

1.2. Масъалаи муайян кардани мафҳуми «ваҳдати миллӣ» ва алоқамандии он бо «ҳамбастагии иҷтимоӣ»

Вақте сухан дар бораи «ҳамбастагии иҷтимоӣ» дар ҷомеаи Тоҷикистон меравад, бидуни дар назар гирифтани мафҳуми «ваҳдати миллӣ» кор ба натиҷа нахоҳад расид, зеро ин ду мафҳум умумиятҳои зиёде доранд. Ба илова, дар Тоҷикистони муосир андешаи «ваҳдати миллӣ» яке аз асоситарин қисми таркибиву тавонбахши тафаккури миллӣ ва маркази тамоми дигар консепсияҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат ва ҳукумат ба ҳисоб меравад. Ғояи «ваҳдати миллӣ» дар масъалаи ташхиси самти асосии инкишофи давлатдории навини кишвар ҳамчун роҳнамо хизмат мекунад. Дар ин бора, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чунин иброз намудаанд: «Ҳама гуна ҷомеа ба ҳадафу қутбнамое

ниёз дорад, ки роҳи рушди устувори худро мутобиқи он муайян созад. Чунин андеша ва ҳадафи муттаҳидкунанда барои мо, бешубҳа, ғояи ваҳдати миллӣ ба шумор меравад» [45, с. 410]. Бинобар ин, таваҷҷуҳи муаккад ба «ваҳдати миллӣ» ба ин хотир сурат мегирад, ки усулан «ҳар як нерӯи сиёсӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки консепсияи мушаххаси идеологиеро ба вуҷуд оварад ва ба воситаи он модели махсуси рафтори иҷтимоиро ташаккул диҳад» [29, с. 96]. Ба ин хотир, «ваҳдати миллӣ метавонад чун идеологияи ҷомеаи навбунёд пазируфта шавад, то ин ки дар роҳи боло бурдани ҳуввияти миллӣ ва таҳкими давлатдории миллии тоҷикон хидмат намояд» [207, с. 154]. «Имрӯз вақте сухан дар бораи идеяи миллӣ, андешаи миллӣ меравад, бояд асоси ин андешаҳо ваҳдати миллӣ бошад» [262]. Зеро «миллате, ки идеяи миллӣ надорад, қурбонии таҷовузгарони хориҷӣ гашта, рӯ ба олами фано хоҳад овард. Мо тоҷикон идеяи миллӣ дорем ва бунёди онро ватандӯстию ваҳдати миллӣ ташкил медиҳад» [327].

Дар ҷомеаи навбудёди Тоҷикистон ҳамчун идеология матраҳ шудани «ваҳдати миллӣ» беасос нест, зеро аввалан аз нуқтаи назари сиёсатшиносӣ яке аз вазифаҳои идеология ин «сафарбарнамоӣ ва ҳамгироии одамон аст. Маҳз ба воситаи идеология одамон муттаҳид гардонида шуда, барои ҳимояи манфиатҳои умумӣ сафарбар мешаванд. Ягонагии идеологӣ одамонро дар атрофи арзишҳо ва идеалҳои умумӣ гирд оварда, ба як ҷамъияти сиёсӣ табдил медиҳад» [29, с. 96-97]. Дуюм ин ки агар ба тафсири фалсафии ин падида рӯй оварем, идеяи миллӣ ба савол дар бораи маънии вуҷуд ва ҳадафи ҳастии як ҷомеаи муайяни таърихӣ, яъне миллат ва давлат ҷавоб мегӯяд. Ғайр аз ин, идеяи миллӣ рисолати маънавии он миллатро низ муайян менамояд. Сеюм, рисолати идеяи миллӣ аз дидгоҳҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва таърихӣ дар он зуҳур мекунад, ки ин идея як миллати мушаххасро аз як марҳилаи таърихӣ ба сатҳи нави рушди он миллат – яъне ба пешрафт ва ояндаи

пурмуваффақият интиқол медиҳад. Чаҳорум, аз ҷиҳати равонӣ-маънавӣ, маҳз идеяи миллӣ ба мо илҳом медиҳад ва барои хидмат ба пешрафти Ватан нерӯи тозаву пойдор мебахшид. Бо таваҷҷӯҳ ба ин нуктаҳо мебинем «дар даврони Истиқлолияти давлатӣ бо ибтикори Сарвари давлат идеяи миллии тоҷикон дар шакли олии назариявӣ - методологӣ яъне дар идеологияи миллӣ бо номи «ваҳдати миллӣ» таҷассуми худро пайдо намуд» [327]. «Ин ғоя сарҷамъкунандаи миллат ва омили бунёдгариву созандагӣ мебошад» [197, с. 103].

Аммо «ваҳдати миллӣ» чӣ маъно дорад? Онро чигуна таъриф кардаанд? Фарқаш бо «ҳамбастагии иҷтимоӣ» чист? Дар идома, посухи ин пурсишҳо баён шудааст. Нахуст таърифи машҳури ин истилоҳро аз дидгоҳи Пешвои миллат зикр мекунем, сипас ба таърифҳои дигар ишора менамоем:

1 - «Ваҳдати миллӣ ё ягонагии миллӣ ин худро ба сифати як ҷузъи миллат амиқан дарк кардан, ҳифзи онро вазифаи шахсии худ ва тамоми ҷомеа донистан, дар роҳи татбиқи марому мақсадҳои миллат саъй кардан аст. Чунин эҳсос бояд дар замири ҳар як сокини мамлакатамон, сарфи назар аз мансубияти милливу мазҳабӣ ҷой дошта бошад ва барои ташаккули ифтихори ватандории онҳо мусоидат намояд» [308].

2 - «Ваҳдати миллӣ мафҳумест, ки дар он пеш аз ҳама натиҷаҳои амали ҳуқуқию сиёсӣ, психологӣ ва сиёсати пурсамару созандаи дохилии миллӣ ҳамчун раванди инкишофёбандаи амали муштараки бомуваффақияти қувваҳои гуногуни миллӣ-этникӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ дар ҳудуди як давлати муайян ифода меёбад» [195, с. 143].

3 - «Ваҳдати миллӣ ин ягонагии иҷтимоъии этникӣ дар қаламрави давлати миллист, ки аз ҳамназдикиву иттиҳоди мардуми ҳама ноҳияҳо, вилоятҳо ва минтақаҳои кишвар фаро хоҳад расид ва дарки зарурати ҳамбуди миллӣ, қабулдошти зарурати ягонагии ҳама мардуми

қаламрави давлати миллиро ба миён хоҳад овард ва онро чун шарти ҳатмии ҳастии миллӣ устувор хоҳад кард» [64, с. 110].

4 - «Ягонагӣ ва иттиҳод (ваҳдат)-и миллӣ ҳоло барои тоҷикон чунин маънӣ дорад, ки рӯҳияи содалавҳонаи музофӣ ва маҳалгароиро бартараф намоянд, мардумони ҳамаи ноҳияву вилоятҳо худро чун як воҳиди кул, чун миллат бишиносанд ва дар талоши пешрафти миллӣ аз як гиребон сар бароваранд» [64, с. 39].

5 - «Ваҳдати миллӣ яъне ягонагии ақидаҳои мардум доир ба арзишҳои муҳимтарини маънавӣ мебошад. Ин арзишҳо, ки дар асоси ҳамонандии дастаҷамъии милливу фарҳангӣ ташаккул меёбад ва онҳоро тамоми сокинони кишвар қабул медоранд, маҳаки ваҳдати миллиро ташкил медиҳанд» [214, с. 263].

6 - «Ваҳдати миллӣ яъне ин ки ҳар кадом шаҳрванд новобаста ба касбу кор ва мавқеи ишғолнамудааш дар ҷамъият ҷуз мусоидат намудан ба тараққиёти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъият манфиати дигареро надонад ва хуб дарк бояд кунад, ки беҳбуди зиндагии чанд нафар маънии беҳбуди зиндагии ҷамъиятро надорад» [221, с. 199].

7 - «Ваҳдати миллӣ яъне ин ки миллати соҳибдавлат соҳибистиқлолии давлаташро тавассути дастовардҳои азими илмӣ, техникӣ, иқтисодию сиёсӣ ва фарҳангиаш чун ситора дар байни давлату миллатҳои дигар ҷило дода, он аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун давлати пешрав эътироф карда шавад» [221, с. 199].

8 - «Ваҳдати миллии воқеӣ ҳолатест, ки аҳли як миллат ё ҷомеа, хусусан, нухбагони он, дар мавриди арзишу муқаддасоти усулии миллӣ, фарҳангӣ ва сиёсии худ фаҳму таърифи ягона дошта, дар бораи саволҳои асосии миллӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва ақидатии он ҷомеа посухи мушобеҳ доранд; дар бораи самти ҳаракат ва ҳадафи ниҳоии рушди ҷомеаи худ назари ҳамсон дошта, дар ин замина ба самти муайян ҳаракат мекунанд. Яъне ваҳдати миллӣ пеш аз ҳама як мафҳуми арзишӣ буда, пеш аз ҳама дар заминаи дар атрофи арзишҳо, андешаҳо, назарҳо, самтҳо ва ҳадафҳо

назари муштарак доштан ва ҷамъ омадани аҳли як ҷомеа, хусусан нухбагони он ба даст меояд» [50, с. 66 ва 97-98].

9 - «Ваҳдати миллӣ падидаи воқеан мураккаби иҷтимоиест, ки баёнгари сатҳи ташаккули миллӣ буда, дар ҷавҳари миллат тағйироти сифатӣ ва тавонмандии рақобатпазирӣ ба вуҷуд меоварад ва афроди миллатро муттаҳиду нерӯҳои зеҳниву ҷисмии онҳоро барои ҳифзи манофеи миллӣ ва расидан ба ҳадафҳои умумӣ мутамарказ карда, миллатро ҳамчун низоми иҷтимоӣ ва сиёсӣ ташаккул медиҳад» [261].

Хусусиятҳо ва унсурҳои таркибие, ки барои «ваҳдати миллӣ» дар ин таърифҳо зикр шудаанд ба қарори зеранд:

А) Нахустин унсуре, ки дар таърифҳои зикршуда ба он таваҷҷӯҳи махсус дода шудааст ин бешубҳа «миллат/миллӣ» мебошад. Яъне «ваҳдати миллӣ» аз номаш ҳувайдост, ки бояд миллате вуҷуд дошта бошад то ин ки онҳо бо ҳам ба ваҳдат бирасанд ва ягона гарданд. Дар луғат вожаи «миллат»-ро чунин маъно кардаанд: мардуми як кишвар, ки аз як нажод ва тобеъи як давлат бошанд [103, с. 1845]. Дар истилоҳ бошад «миллат» яъне умумияти таърихан ба ҳам омадаи мустаҳками одамон, ки дар заминаи умумияти забон, марзу бум, ҳаёти иқтисодӣ ва сохти равонии онҳо фароҳам омадааст [35, с. 801].

Ҳарчанд унсури «миллат/миллӣ» айнан бо ҳамин вожа дар таърифҳо зикр шудааст, бо ин ҳол ибораҳои дигар низ барои расонидани ин маъно ба кор рафтаанд, масалан дар таърифи якум: ҳар як сокини мамлакат; дар таърифи дуюм: қувваҳои гуногуни миллӣ-этникӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ; дар таърифи сеюм: ягонагии иҷтимоъии этникӣ ва мардуми ҳама ноҳияҳо, вилоятҳо ва минтақаҳои кишвар; дар таърифи чаҳорум: тоҷикон, мардумони ҳамаи ноҳияву вилоятҳо, воҳиди кул; дар таърифи панҷум: мардум ва сокинони кишвар; дар таърифи шашум: ҳар кадом шаҳрванд ва ҷамъият; дар таърифи ҳаштум: аҳли як миллат ё ҷомеа,

ҷамъ омадани аҳли як ҷомеа хусусан нухбагони он; дар таърифи нуҳум: афроди миллат ва сатҳи ташаккули миллӣ.

Албатта бояд ёдовар шуд, ки таъкиду таваҷҷуҳ ба унсури «миллӣ» маънои онро надорад, ки нисбати шаҳрвандоне, ки ҳамчун ақаллиятҳои этникӣ дар ҳудуди кишвар умр ба сар мебаранд беэътиноӣ ва ё ҳуқуқпоймолкунӣ шавад. Имрӯз дар ҷаҳон кишваре ёфт намешавад, ки тамоми шаҳрвандони он намояндаи як миллат бошанд. Дар ҳар давлат ва умуман дар арсаи ҷаҳонӣ миллату халқиятҳои сершумор мавҷуданд. Он чизе, ки ин гуногуниҳоро ба як миллати воҳиду ягона табдил медиҳад, на мансубияти нажодӣ ё мазҳабӣ, балки ҳамзистии муштарак ва низоми ягонаи қонун ва ҳукумат аст. Бо таъкиди Пешвои миллат: «Соҳиби давлати миллӣ гаштани мо ва таваҷҷӯҳи хосса доштан ба низоми давлати миллӣ ҳаргиз маънои маҳдуд кардани ҳуқуқи дигар миллатҳоро надорад» ва «мо барои ҳифзи асолат, забон ва фарҳанги ақаллиятҳои миллии муқими Тоҷикистон ҳамаи имкониятҳоро фароҳам меорем» [304], [305]. Бинобар ин, дар шароите, ки «ваҳдати миллӣ» ҳамчун консепсия ё идеология матраҳ мешавад ин масъалаи ҳассос бояд ба инобат гирифта шавад.

Б) Унсури муҳимтарин дар таърифи якум ин «амиқан дарк кардан, донистан ва эҳсос намудан» аст. Яъне барои таҳаққуқи ваҳдати миллӣ огоҳии сатҳиву ғайриилмӣ ва матбуотиву намоишӣ кифоят намекунад. Ба гуфтаи донишманди машҳури тоҷик Муҳаммадҷон Шакурӣ: «Худро ба як миллат нисбат додан кам аст, чун намояндаи миллат огоҳона амал кардан даркор аст» [64, с. 16]. Яъне лозим аст дар умқи вуҷуди ҳар як шаҳраванд дарку донишу эҳсоси ҳақиқӣ эҷод гардад, ки ӯ як ҷузъи миллат аст ва ҳифзи ваҳдат вазифаи шахсии ӯ ва тамоми ҷомеа мебошад.

Унсури мазкур дар соири таърифҳо низ бо ибораҳои дигар мавриди таъкид қарор гирифтааст, масалан дар таърифи сеюм: дарк ва қабулдошт; дар таърифи чаҳорум: шинохт; дар таърифи панҷум: қабул

доштан; дар таърифи шашум: хуб дарк кардан ва дар таърифи ҳаштум: фаҳму назар. Умуман ин унсур ба ҳолати дарунӣ, яъне зеҳнӣ-маънавӣ ва мафкуравии инсонҳо дахл дорад.

Бо таваҷҷуҳ ба ин ки унсури мазкур дар бештари таърифҳо ба таври сареҳ зикр гардида, балки дар баъзеи он мавриди таъкид қарор гирифтааст метавон ба чунин хулоса омад, ки поя ва бунёди ваҳдати миллӣ пеш аз ҳама ба илму дониш ва шинохту маърифат вобастагӣ дорад. Ба ин хотир мебинем аксари нивисандагону донишмандон ҳангоми баррасии масъалаи ваҳдат ба ин унсур таъкид намудаанд Аз ҷумла ин ки: «хеле судманд хоҳад буд, агар ваҳдати миллӣ ба таври дақиқу амиқи илмӣ ба хотири ояндасозӣ мавриди омӯзишу таҳқиқи олимони ҷомеашиносу сиёсатшинос қарор гирифта, роҳҳои муассири ташаккул додани он дар ҷомеаи парокандатаркиби мо дарёфт гардад» [261]. Бинобар ин, «оянда ва дурнамои оптимистонаи ваҳдати миллӣ, пеш аз ҳама, ба дониш ва биниши илмӣ, ахлоқу мафкураи устувори миллӣ ва фарҳанггустарии табақоти сиёсӣ, фарҳангӣ, маърифатӣ ва умуман, фаъолони иҷтимоӣ иртибот дорад» [286]. Яъне «ваҳдати миллӣ бо роҳи ҳидоят сохтани ҷомеа ба сӯи илму маърифат падид меояд» [284].

В) Унсури таркибии дигар дар таърифҳои зикршуда ин «саъй, талош ва амал» мебошад. Агар унсури «дарк/шинохт/эҳсос» марбут ба ҳолатҳои дарунӣ ва зеҳнӣ-маънавии инсон аст, пас унсури «саъй/талош/амал» ба вазъитяи берунии инсон, яъне ҳолати ҷисмонӣ-зоҳирӣ ва фаъолияти физикии ӯ вобастагӣ дорад. Унсури мазкур, дар таърифҳо бо ин ибораҳо баён гардидааст: дар таърифи якум: вазифа, татбиқ ва саъй; дар таърифи дуюм: амал; дар таърифи чаҳорум: талош; дар таърифи шашум: мусоидат; дар таърифи ҳафтум: дастовардҳо; дар таърифи ҳаштум: ҳаракат ва дар таърифи нуҳум: ҳифз (кардан) ва расидан. Ин ибораҳо ҳар чанд гуногунанд, вале моҳиятан дарбардорандаи маънои ягона ё муштараке ҳастанд, яъне: амал.

Аз будани ин унсур дар бештари таърифҳо чунин натиҷа ба даст меояд, ки «ваҳдати миллӣ» на танҳо бояд бо дарку шинохту эҳсос қабул шавад, балки он бояд дар амал татбиқ гардад ва натиҷаи мушаххаси амалии худро нишон диҳад. Ҳар як аъзои ҷомеа бояд дар ин самт ҳаракат ва амал намояд ва ба шиори забонии ваҳдат иктифо накунад.

Г) Унсури дигар дар таърифҳои ваҳдати миллӣ ин «ҳадафҳо ва арзишҳои муштарак» аст. Ин унсур дар таърифҳо бо ибораҳои гуногун баён гардидааст: дар таърифи якум: марому мақсадҳои миллат; дар таърифи сеюм: қаламрави давлати миллӣ; дар таърифи чаҳорум: пешрафти миллӣ; дар таърифи панҷум: арзишҳои муҳимтарини маънавӣ; дар таърифи шашум: тараққиёти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъият ва беҳбуди зиндагӣ; дар таърифи ҳафтум: дастовардҳои азими илмӣ, техникӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ; дар таърифи ҳаштум: арзишу муқаддасоти усулии миллӣ ва фарҳангию сиёсӣ, ҳадафи ниҳоӣ ва самти муайяни рушди ҷомеа; дар таърифи нуҳум: манофеи миллӣ ва ҳадафҳои умумӣ.

Аҳаммияти ин унсур басо бузург аст, зеро танҳо чизе, ки мардумони ҳамаи ноҳияҳо, вилоятҳо ва минтақаҳои кишварро бо вуҷуди ҳама гуна сифатҳо, хислатҳо, андешаю назарҳо, майлу гаройишҳо ва хостаҳою талаботҳои шахсӣ ё гурӯҳӣ ба иттиҳоду ягонагӣ оварда мерасонад ин будани «ҳадафҳо ва арзишҳои муштарак» аст. Ҳадафҳо ва арзишҳои муштарак ба мисли ришгае ҳастанд, ки мардуми гуногун ва ба донаҳои пароканда монандро дар як ҷо гирди ҳам ҷамъ намуда, ба ҳаракату амали онҳо самту сӯйи мушаххас таъйин мекунанд. Вале набояд аз ин матлаб чунин бардошт шавад, ки «ҳадафҳо ва арзишҳои муштарак» мардумро аз доштани ҳадафҳо ва арзишҳои шахсӣ ё гурӯҳӣ боз медоранд ва пеши роҳи дигарандешӣ ва озодии фикрию амалии фардро мегиранд. Пажӯҳишгарон ба ин нукта таваҷҷӯҳ намуда, чунин изҳор кардаанд, ки «ваҳдати миллӣ агарчанде тавофуқи назар ва дидгоҳи ягона доштани

мардум доир ба манофеи миллӣ, арзишҳои меҳварӣ ва масоили бунёдии ҷомеа аст, аммо набояд тасаввур кард, ки он комилан ба маънои якандешӣ ва ҳамфикриву ҳамсӯии мутлақи миллат доир ба тамоми масъалаҳост ва бо мафҳумҳои дигарандешиву озодии фард ва демократияву плюрализм таноқуз дорад. Ваҳдати миллӣ ҳамфикриву ҳамсӯӣ ва ҳаммаромии миллат доир ба масъалаҳои куллӣ ва бунёдии миллӣ аст, аз ҷумла доир ба масъалаҳои ҳифзи якпорчагии кишвар, манофеи миллӣ, арзишҳои меҳварии ҷомеа, шаъну обрӯи Ватан ва ҳамватанон ва амсоли инҳо» [261]. Бинобар ин, «ваҳдату ягонагии миллӣ азбайнравии фарқиятҳо набуда, он ифодагари пайвастшавии монандӣ ва фарқият, умумият ва махсусият буда, ба ваҳдати фарқиятҳо оварда мерасонад. Ваҳдати миллӣ, пеш аз ҳама, дар ваҳдати гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ-этникии минтақаҳои мухталифи кишвар ифода меёбад» [336].

Ҳоло, баъд аз маълум ва маънидод гардидани унсурҳои «ваҳдати миллӣ», метавон онро чунин таъриф кард:

Ваҳдати миллӣ ифодагари ин воқеият аст, ки ҳар фарди як миллат, дар доираи қаламрави давлати соҳибистиқлоли миллӣ, дарки амиқу аниқ ва эҳсоси ҳақиқӣ дорад, ки ӯ ҷузъе аз миллат мебошад ва бо вуҷуди тафовут дар андешаҳо ва гуногунии ҳадафҳову арзишҳои шахсӣ ё гурӯҳӣ, ҳар як фард вазифадор аст, ки барои ноил шудан ба натиҷаҳои амалии ҳадафҳои умумимиллӣ ва арзишҳои муштарак саъю талош намуда, ваҳдату ягонагии ҷомеаи хешро ҳифз ва тақвият кунад.

Баъд аз равшан шудани маънои «ваҳдати миллӣ» савол ин аст, ки фарқи он бо «ҳамбастагии иҷтимоӣ» дар чист? Ин ду мафҳум чӣ умумиятҳо ва хусусиятҳо доранд? Вақте дар имрӯза ҷомеаи Тоҷикистон андешаи «ваҳдати миллӣ» матраҳ аст, дигар чӣ ҳоҷате вуҷуд дорад, ки сухан дар бораи «ҳамбастагии иҷтимоӣ» пеш кашида шавад?

Бо дар назар гирифтани таърифҳои «ҳамбастагии иҷтимоӣ» ва суханони зиёиёну мутафаккирони муосири тоҷик дар бораи «ваҳдати

миллӣ» ва низ бо таваҷҷӯҳ ба суханрониҳои давлатмардони Тоҷикистон, ки дар раъси онҳо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад, метавон байни мафҳуми «ваҳдати миллӣ» ва «ҳамбастагии иҷтимоӣ» фарқиятҳои зеринро матраҳ кард:

А) «Ҳамбастагии иҷтимоӣ» бар асоси таърифҳо бештар дорои хусусияти ахлоқӣ-иҷтимоӣ мебошад ё метавон гуфт ҷузъи масоили фалсафаи иҷтимоӣ ва ахлоқи амалист, вале «ваҳдати миллӣ» бошад бештар ҷиҳати сиёсӣ ва сиёсати миллии масъаларо дарбар мегирад. Дар ин бора метавон ин суханони Сарвари давлатро далел овард: «Имрӯз дар кишвари соҳибистиқлоли мо ваҳдати миллӣ ҳамчун ғояи умумимиллӣ дар радифи мафҳумҳои озодиву истиқлолият ва сулҳу субот пазируфта шудааст ва дар тафаккури миллии мардуми Тоҷикистон чун омили мувозинати ҳамаи тарафҳои сиёсати давлатии мо арзёбӣ мегардад... Агар шаҳрвандон маърифати баланди сиёсӣ надошта бошанд, дар миёни онҳо ваҳдату якдигарфаҳмӣ пойдор намемонад... Зуҳури падидаи ваҳдати миллӣ аслан марбут ба ташаккули давлати миллист, зеро маҳз дар доираи давлати миллӣ зарурати ба даст овардани эҳсоси умумияти ягонаи сёсии мардум, ки дар як воҳиди маъмурӣ зиндагӣ доранд, боло меравад» [45, с. 406-409]. Ин суханон далолат бар он доранд, ки «ваҳдати миллӣ» пеш аз ҳама як падидаи сиёсӣ, давлатӣ ва расмист. Азбаски ваҳдати миллӣ дорои хислати сиёсӣ мебошад, таҳкими он тавассути як қатор воситаҳои ҳуқуқии меъёрӣ, аз ҷумла санадҳои ҳуқуқӣ, конвенсияҳои марбут ба ҳуқуқи шаҳрвандон, аҳдномаҳои байналмилалӣ, созишномаҳои дохилӣ, қарору қонунҳои давлатӣ ва дигар намуди ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ мегардад. [216, с. 70-72]. Ин дар ҳолест, ки ҳамбастагии иҷтимоӣ бештар дорои хислати ахлоқӣ, фарҳангӣ-анъанавӣ ва иҷтимоӣ аст, хусусияти умумӣ дошта, аз рангу бӯйи сиёсию

ҳуқуқӣ баҳраи каме дорад, балки худҷӯш, суннатӣ ва ғайри расмию ғайри давлатӣ мебошад.

Албатта ин нуктаро низ набояд аз назар дур дошт, ки мафҳуми «ваҳдати миллӣ» он гуна, ки дар соли 1997 баъд аз ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон фаҳмида мешуд, то ба имрӯз бетағйиру таҳаввул намонд, балки дар он дигаргуниҳои сифатӣ рух дод. «Акнун он на ба маънои муносибати ду тарафи созишномаи соли 1997, балки ба маънои муттаҳидии ҷомеа дар атрофи арзишҳо, мафҳумҳо ва манфиатҳои умумимиллӣ фаҳмида мешавад. Яъне ваҳдат аз сатҳи як қарордод ба сатҳи як тафаккур ва як фарҳанги фарогир таҳаввул ёфтааст» [258].

Дар асл ҳам бояд ҳамин тавр бошад, яъне агар мо ҳама хоҳони онем, ки косепсияи «ваҳдати миллӣ» дар ҷомеа, дар миёни яко-яки шаҳрвандон ё лоақал аксарияти кулли мардум ҷойгоҳи арзандаи худро пайдо кунад, он бояд ҳамзамон бо ҳифзи ҳолати расмӣ-давлатии худ тадриҷан табдил ба фарҳаги умумӣ-анъанавӣ гашта, сифати арзишию ахлоқӣ бигирад. Агар «ваҳдати миллӣ» оғози ҳастияш аз умқи хиради солими нухбагону зиёиёну донишмандони дурбину дурназари миллат пайдо шудааст, рафта-рафта он бояд фарогири тамоми табақаҳои ҷомеа гардад. Зеро «андешаи миллиро аз боло ташаккул дода, ба сари мардум бор карда намешавад, баръакс вай аз поён аз мафкураи халқу миллат сар зада, пас фарогири тамоми ҷомеа мешавад» [208, с. 113].

Хушбахтона «имрӯз идеяи миллии мо тоҷикон дар «ваҳдати миллӣ» инъикоси худро ёфта ва ин ҳиссиёт дар қалби мо ҷойгир асту онро касе ба воситаи дастуру фармон ва ё тавассути шиорпардозӣ наметавонад интиқол диҳад» [327]. Аз ин ҷиҳат, имрӯз «дар шароити Тоҷикистон падидаи «ваҳдати миллӣ» сармояи иҷтимоӣ маҳсуб ёфта» [244, с. 114], барои таҳкиму тақвияти ҳамбастагии иҷтимоии халқи тоҷик нақши муассир дорад.

Б) Истилоҳи «ваҳдати миллӣ» дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон ҳамчун як фикри асосӣ, андеша ё худ консепсияи миллӣ-давлатӣ матраҳ мешавад ва «ҳамчун ғоя, ба яке аз самтҳои сиёсати доимии давлат ва ҳукумати Тоҷикистон табдил ёфта аст» [192, с. 163] ва ҳатто «метавонад чун идеологияи ҷомеаи Тоҷикистон пазируфта шавад» [198, с. 211] ва балки «имрӯз амалан пазируфта шудааст» [327]. Ба гуфтаи Сарвари давлат, он ҳамчун «ҳадаф ва қутбнамои ҷомеаи Тоҷикистон аст» [45, с. 410], «як мафкура ва ғояи кулли мардуми Тоҷикистонро ба созандагию таъмини инкишофи кишвар сафарбаркунанда аст» [210, с. 139]. Ҳол он ки истилоҳи «ҳамбастагии иҷтимоӣ» як мафҳуми умумӣ дар илми ҷомеашиносӣ (сотсиология) аст, яъне мафҳумест, ки ба доираи ҳеҷ сиёсати муайяне дохил нест, самту сӯйи хосси сиёсӣ ё миллӣ надорад ва вижагии идеологӣ дар он дида намешавад, яъне ҷузъи таркибии ҳеҷ як идеология ё унсури ягон маданияти мушаххас нест, балки хусусияти фаромиллӣ ва фаросиёсӣ дорад.

В) Истилоҳи «ваҳдати миллӣ» ҳамон тавре, ки аз номаш ҳувайдост, дарбардорандаи унсури «миллӣ» мебошад, вале дар «ҳамбастагии иҷтимоӣ» вуҷуди ин унсур зарурат надорад. Ба дигар сухан, ваҳдати миллӣ дар заминаи иттиҳоди кадом як миллат ба вуҷуд меояд, яъне то вақте миллат набошад андеша ё консепсияи ваҳдати миллӣ низ ба вуҷуд нахоҳад омад. Масалан дар кишваре, ки аҳолиаш аз назари этносӣ гуногунхалқу гуногунмиллат буда, ҳеҷ кадом бар дигарӣ афзалияти теъдодӣ-шуморишӣ надоранд, дар он ҷо андешаи мазкур айнан бо ибораи «ваҳдати миллӣ» матраҳ намешавад, балки барои ифодаи ин мазмун аз дигар истилоҳоти ҳаммаънои он кор гирифта мешавад, монанди инсиҷоми иҷтимоӣ, назми иҷтимоӣ, вифоқи иҷтимоӣ, якпорчагии иҷтимоӣ, ҳамзистии иҷтимоӣ, ҳамбастагии иҷтимоӣ ва ё ба таври умумӣ: ваҳдати иҷтимоӣ. Аммо дар кишваре, ки бештари аҳолиаш намояндаи як миллат ҳастанд (мисли Тоҷикистон ва дигар кишварҳои

Осиёи Миёна) андешаи «ваҳдат» дар он ҷо хоҳ-нохоҳ ба худ унсури «миллӣ»-ро хоҳад гирифт. Ба ин хотир, гуфта мешавад «таҳкими ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон боиси дарки он гардид, ки мо шаҳрвандони ин кишвар, сарфи назар аз тамоюлоти гуногуни мазҳабию сиёсӣ ҳама тоҷикистонӣ ҳастем ва Тоҷикистон хонаи умумии мост» [239]. Зеро «вақте ки мо дар бораи миллат сухан меронем, мо як ҷомеаи муайяни иҷтимоии одамонро дар назар дорем, яъне миллат як ҷомеаи муайяни муттаҳиди одамонро ифода мекунанд, ки бо ягонагии қаламрав, забон, фарҳанг, хусусиятҳои психикаи миллӣ ва истиқлоли сиёсӣ ва ғайра тавсиф карда мешаванд» [247, с. 92].

Матлаби боло ин нуктаро собит мекунад, ки падидаи «ҳамбастагии иҷтимоӣ дар кишварҳо ва манотиқи мухталиф, аз маънои мутафовите бархурдор аст» [255]. Яъне ин падида вобаста ба шароити сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, этносӣ ва иҷтимоии ҳар ҷомеа метавонад мазмуну мафҳуми ҳархела ба худ гирад ва бо ибораҳои гуногун ифода гардад. Бино бар ин, лозим аст бар асоси талаботи рӯз, вазъияти ҷомеа ва шароити минтақа назария, идея ё консепсияи муносиб ва матлуб перомуни ҳамбастагӣ ироа гардад. Имрӯз мо тоҷикистониён дар ҷомеаи худ идеяи ҳамбастагии иҷтимоӣ дорем ва он «ваҳдати миллӣ» мебошад.

Г) Ду нуктаи охир моро ба ин натиҷа оварда мерасонанд, ки «ҳамбастагии иҷтимоӣ» аз ҷиҳати доираи маъноӣ-мафҳумӣ нисбат ба «ваҳдати миллӣ» васеътару фаррохтар аст. Ба гуфтаи муҳаққиқону коршиносон, дар тавсифи ваҳдати миллии ин ё он мамлакат, пеш аз ҳама, ягонагии нуқтаи назари мардум перомуни арзишҳои муҳими маънавӣ матраҳ мегардад. Ин арзишҳо таҳти таъсири ҳамдигарфаҳмии дастаҷамъии миллӣ-фарҳангӣ шакл гирифта, аз тарафи тамоми аҳолии кишвар эътироф карда мешаванд ва асоси ваҳдати миллиро мегузоранд. Маҳз ҳамин омил, на мансубияти мардум ба ин ё он дин, мазҳаб ё этнос, ягонагии онҳоро таъмин намуда, онҳоро ба як миллати ягона табдил

медиҳад [214, с. 263]. Бо таваҷҷуҳ ба ин, унсури асосии ташкилдиҳандаи «ваҳдати миллӣ» ин ягонагии ақидаҳои мардум ва ҳамонандии дастаҷамъонаи онҳо доир ба арзишҳои муҳимтарини маънавӣ, яъне милливу фарҳангӣ мебошад. Аммо таваҷҷӯҳ ба таърифҳои «ҳамбастагии иҷтимоӣ» равшан месозад, ки ин истилоҳ натанҳо унсури асосии ташкилдиҳандаи «ваҳдати миллӣ»-ро дарбар мегирад (нигаред: таърифҳои «ҳамбастагии иҷтимоӣ» рақами 4, 6, 7 ва 8), балки дигар унсурҳои ба худи ҳамбастагӣ хосро низ шомил мешавад, унсурҳое монанди: вобастагии дутурафаю чандтарафаи инсонҳо ва ниёзмандии мутақобил, вазифа ва ё илзомоти байниҳамдигарӣ, муқовимат кардан дар баробари тақсим шудану ҷудо гардидан, манофеи дуҷонибаю муштарак ва ғ.. Бинобар ин, вақте гуфта мешавад «шарти зарурии таъмини ваҳдати миллӣ ин умумияти фарҳангӣ ва қабл аз ҳама, умумияти арзишҳои маънавии он мебошад» [214, с. 256], бояд таваҷҷӯҳ дошт, ки инхел зарурият дар мавриди «ҳамбастагии иҷтимоӣ» аввалдараҷа нест, зеро доираи маъноии он нисбат ба «ваҳдати миллӣ» васеътару густурдатар аст.

Баъзе нависандагон чунин қайд намудаанд, ки «истифодаи вожаи «ваҳдати миллӣ» дар мавриде эҳтиёҷ ва ниёз дорад, ки агар дар дохили миллат гурӯҳбозиву манфиатгароиҳо сар зада бошад» [197, с. 103]. Аммо бо таваҷҷӯҳ ба густурдагии маъноӣ-мафҳумии «ҳамбастагии иҷтимоӣ» бояд гуфт ҳатто дар сурати набудани гурӯҳбозиву манфиатгароиҳо дар дохили миллат, ҳамбастагии иҷтимоӣ зарурати худро аз даст надода, ҳамчун омили муттаҳидкунанда ба ифои нақши худ идома хоҳад дод.

Ғ) Фарқи дигар ин аст, ки «ваҳдати миллӣ» истилоҳи хоссест, ки зодаи даврони Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад. Зеро «ваҳдати миллӣ бори нахуст дар Тоҷикистон баъди ба сари қудрат омадани марди сарсупурдаи миллат Эмомалӣ Раҳмон ба сиёсати ҳадафманди давлатӣ табдил шуд» [11, с. 68]. «Ваҳдати миллӣ ба унвони идеяи миллии тоҷикон

аз ибтикороти Пешвои миллат аст ва Консепсияи Ваҳдати миллӣ муаллифаш Пешвои миллат мебошанд» [327]. Чуноне, ки худи Сарвари давлат гуфтаанд: «Сулҳу ваҳдати миллӣ, ки имрӯз дар кишвари мо пойдор аст, аз муҳимтарин дастовардҳои даврони истиқлолият буда, дар радифи дигар арзишҳои миллӣ барои ҳар яки мо азизу муқаддас мебошад» [44, с. 377].

Дар ҳоле, ки «ҳамбастагии иҷтимоӣ» агар ҳамчун як истилоҳ ё назарияи сотсиологӣ ба мулоҳиза гирифта шавад ҳадди аксар деринаи 150 сола дорад, вагарна агар ба таври умум лиҳоз гардад решаҳои онро бояд дар аъмоқи таърихи деринаи инсоният ҷустуҷӯ кард. Ва ин ки гуфта мешавад «халқҳои мо дар давоми асрҳои тӯлонӣ дар паҳлӯи ҳамдигар зиндагӣ карда, ба ҳамдигар эҳсосоти самимонаи эҳтироми мутақобила ва ҳусни таваҷҷӯҳ доштанд» [41, с. 12], ин сухан ишора ба собиқаи деринаи таърихии ҳамбастагии иҷтимоист. Ба ибораи дигар, «ҳамбастагии иҷтимоӣ» падидаи умумӣ ва аз назари таърихӣ қадима мебошад дар ҳоле, ки «ваҳдати миллӣ» як хориқаи навзуҳур ва падидаи нодири даврони истиқлолият буда, ба замони падид омадани давлатҳои миллӣ марбут мешавад ва «ба шакли мафкураи мустақили сиёсӣ, ваҳдат аз замони ташаккули давлатҳои миллӣ равнақ меёбад» [187, с. 35]. Аз ин ҷо чунин натиҷа ба даст меояд, ки халқиятҳо ва миллиятҳо пеш аз ин, ки ба ваҳдати миллӣ бирасанд ҳанӯз байни онҳо ҳамбастагии иҷтимоӣ вуҷуд доштааст. Зеро «ҳамеша, дар ҳама давру замон, дар ҳамагуна ҷою макон, дар ҳамаи қабилаю гурӯҳҳои гуногуни одамон зарурият ба ягонагӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, дастгирии аъзоёни ҷамъият вуҷуд дорад» [204, с. 13]. Бинобар ин, вақте гуфта мешавад ташвиқу тарғиб ва «даъват ба ваҳдату ягонагӣ маънои онро надорад, ки дар байни мардуми Тоҷикистон иттиҳод (ҳамбастагӣ) вуҷуд надошта бошад» [185, с. 357] ин сухан комилан дуруст аст ва ба ҳамин нуктае, ки мо баён кардем ишора дорад. Вале ҳоло, ки имрӯз мебинем дар Тоҷикистони соҳибистиқлол нисбати «ваҳдати миллӣ» ташвиқоту тарғибот бурда мешавад ва он

ҳамчун як андеша ва ғояи давлатдорӣ мавриди таъкид қарор мегирад, ҳамаи «ин бо он мақсад аст, ки ин арзиши гаронбаҳоро чун гавҳараки чашм нигаҳ дошта тавонем» [185, с. 357], «чун гавҳари бебаҳо ва дастоварди ниҳоят азиз ҳифз намуда, онро дар радифи дигар муқаддасоти миллиамон пос ва гиромӣ дорем» [298]. Зеро «ҷомеаи тоҷик умеди суботи ҳаёти сиёсии кишварро маҳз аз таҳкими раванди ваҳдатгароӣ вобаста медонад» [187, с. 36].

Д) «Ҳамбастагии иҷтимоӣ» яке аз ҷузъҳои таркибии «ваҳдати миллӣ» аст. Ин нуктаро сухани навбатии Пешвои миллат собит мекунад: «Ваҳдат ҳамчун омили муайянкунандаи бақои давлати миллӣ танҳо дар сурати ягонагиву ҳамбастагии тамоми мардуми кишвар дар муқобили таҳдиду хатарҳои муосир ва муносибати некбинонаи гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ташаккул меёбад» [45, с. 409]. Яъне агар «ваҳдати миллӣ» ҳамчун як кул дар назар гирифта шавад, пас то вақте, ки ҳамаи аҷзои ташкилдиҳандаи он, ки «ҳамбастагии иҷтимоӣ» яке аз онҳост муҳайё нагарданд, ташаккул намеёбад. Бинобар ин, «ҳамбастагӣ, ҳамкорӣ, ҳамёрӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ миёни аъзои як ҷомеа баёнгари ваҳдати миллӣ аст» [286].

Е) Аз пайи ду нуктаи охир ин натиҷа ба даст меояд, ки «ҳамбастагии иҷтимоӣ» яке аз омилҳо ва сабабҳои ҷузъӣ ё куллии ба вуҷудоваранда ва таҳкимбахшандаи «ваҳдати миллӣ» аст. Ин нукта дар баъзе таърифҳои «ваҳдати миллӣ» (таърифи №3) низ ишора шудааст: «Ваҳдати миллӣ... аз ҳамназдикиву иттиҳоди мардуми ҳама ноҳияҳо, вилоятҳо ва минтақаҳои кишвар фаро хоҳад расид». Яъне ҳамназдикиву иттиҳоди мардум омили ваҳдати миллист. Дар ин бора Сарвари давлат чунин гуфтаанд: «Ваҳдати миллӣ дастоварди бузаргтарин ва воқеан таърихии тоҷикон мебошад, ки маҳз дар натиҷаи ҳамбастагии мардуми кишвар ва азму талоши фарзандони содиқи халқамон муяссар гардид» [45, с. 401]. Яъне ваҳдати миллӣ натиҷаи ҳамбастаги иҷтимоӣ аст, дуюмӣ омили бавуҷудоварандаи аввалӣ аст; ваҳдати миллӣ рӯбино ва ҳамбастагии

иҷтимоӣ зербиност. Ба ин хотир, «ваҳдати миллӣ ҳамчун рамзи ҳамбастагии халқи тоҷик» [239] ва «инъикосу ифодаи ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамзистии тамоми шаҳрвандон» [298] зоҳир шудааст. Маънои ин сухан он аст, ки падидаи ҳамбастагии иҷтимоӣ ҳам аз назари замонӣ (яъне таърихан) ва ҳам аз ҷиҳати рутбаву мақом (силсиламаротиби иллату маълул) муқаддам бар ваҳдати миллӣ аст.

Ҳамин ҷо ин пурсиш, ки «вақте дар Тоҷикистони соҳибистиқлол андешаи «ваҳдати миллӣ» матраҳ аст, дигар чӣ ҳоҷате вуҷуд дорад, ки сухан дар бораи «ҳамбастагии иҷтимоӣ» пеш кашида шавад?» посухи худро меёбад. Зеро ҳамбастагии иҷтимоӣ омили ваҳдати миллист ва ҳар он падидае, ки омили ваҳдати миллӣ бошад ва онро таҳкиму тақвият диҳад барои давлатдории миллӣ аҳаммияти хосса пайдо мекунад. Ҳамон тавр, ки падидаҳое монанди забони миллӣ, фарҳангу арзишҳои миллӣ, ҳадафҳои миллӣ, истиқлоли миллӣ, давлати миллӣ ва ғайраҳо ба хотири нақш доштанашон дар ба вуҷуд омадану мустаҳкамгардонии ваҳдати миллӣ зиёд мавриди таъкид қарор мегиранду ба онҳо аҳаммияти вижа дода мешавад, ҳамин тавр низ «ҳамбастагии иҷтимоӣ» ба хотири ҷузъан ё куллан нақш доштанаш дар ба вуҷуд овардан ё таҳкиму тақвият додани ваҳдати миллӣ бояд мавриди таъкид ва аҳаммият қарор гирад. Ба ин хотир, баррасӣ ва арзёбии мавзуи «ҳамбастагии иҷтимоӣ» дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон як зарурат аст.

Ё) Баръакси нуктаи боло, «ваҳдати миллӣ» яке аз омилҳо ва сабабҳои ба вуҷудоваранда ва таҳкимбахшандаи «ҳамбастагии иҷтимоӣ» аст, яъне ҳамбастагӣ натиҷа ё маълули ваҳдат аст. Дар ин бора, Сарвари давлат дар зимни суханони худ дар бораи аҳаммияту зарурати ваҳдати миллӣ ва чун консепсия эътироф гардидани он, чунин таъкид намудаанд, ки ба воситаи ин ғояи асосии умумимиллӣ, яъне андешаи ваҳдати миллӣ мо метавонем ҳамаи табақаҳои ҷомеаро муттаҳид гардонем [45, с. 410]. Ваҳдати миллӣ... ин неъмати муттаҳидсози ҷомеа аст [295]. Яъне ваҳдати

миллӣ аз ҷумлаи омилҳои ҳамбастагии иҷтимоӣ ба ҳисоб меояд. Ин нуктаро метавон аз ҳодисаи таърихии ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳи тоҷикон низ ба даст овард. Зеро маҳз «пайравӣ аз мафкураи ваҳдати миллӣ ба мардуми тоҷик имконият дод, ки дар даврони аз ҳама душвортарини таърихи истиқлолияташ алангаи домангири низоъи дохилиро дар як муддати кӯтоҳ бо роҳи мусолиматомез хомӯш кунад» [210, с. 139] ва муттаҳид гардад.

Ин ҷо саволи фалсафӣ пеш меояд, ки чӣ гуна як падида нисбат ба падидаи дагир метавонад ҳам сабаб бошад ва ҳам натиҷа? Оё ин таноқуз нест, ки «ҳамбастагии иҷтимоӣ» ҳам омил/сабаби «ваҳдати миллӣ» бошад ва ҳам натиҷаи он? Ҳалли ин масъала чи гуна аст?

Посух ин аст, ки не, ин ҷо таноқузе вуҷуд надорад, балки масъала аз ду ҷиҳат мавриди назару баррасӣ қарор гирифтааст. Тавзеҳи масъала чунин аст:

Вақте гуфта мешавад «ҳамбастагии иҷтимоӣ» яке аз омилҳо ё сабабҳои ба вуҷуд ованда ва таҳкимбахшандаи «ваҳдати миллӣ» аст, ин ба он хотир аст, ки аввалӣ ҳам аз назари замонӣ (яъне таърихан) ва ҳам аз ҷиҳати рутбаву мақом (силсиламаротиби иллату маълул) муқаддам бар дуюмӣ аст. Яъне пеш аз ин ки ваҳдати миллӣ падид ояд, ҳамбастагии иҷтимоӣ аллакай вуҷуд дошт, яъне халқиятҳою миллиятҳо пеш аз ин, ки ба ваҳдати миллӣ бирасанд ҳанӯз байни онҳо ҳамбастагии иҷтимоӣ барқарор будааст (каме болотар перомуни ин масъала тавзеҳ дода шуд). Сипас, баъд аз ба вуҷуд омадани ваҳдати миллӣ, он бо мурури замон ва бо дахолати омилҳои дигар, монанди забони миллӣ, фарҳангу арзишҳои миллӣ, ҳадафҳои умумимиллӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва амсоли инҳо таҳкиму тақвият ёфта, ба як падидаи мустақил ва дар айни ҳол фаъолу таъсиррасон табдил мегардад. Дар марҳалаи ба рушду инкишоф расидани худ ваҳдати миллӣ ҳамчун сабаб ё омили муассир зоҳир мегардад ва метавонад мустақилона рӯйи дигар падидаҳо, аз

ҷумла ҳамбастагии иҷтимоӣ таъсири мусбат расонад, яъне онро тақвият бахшида, мустаҳкамтар созад. Бинобар ин, ваҳдати миллӣ баъд аз он ки ба истиқлоли вуҷудӣ ноил мегардад, метавонад ҳамчун омил рӯйи ҳамбастагии иҷтимоӣ, ки рӯзгоре бо баракати он ба вуҷуд омада буд, таъсир расонида онро мустаҳкамтару давомноктар гардонад. Пас ҳамон тавр, ки мебинем ин ҷо таноқузе вуҷуд надорад, балки масъала аз ду ҷиҳат мавриди назар ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Агар ин нуктаро нисбат ба ҷомеаи Тоҷикистон татбиқ намоем, ба хулосае меоем, ки пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, ба туфайли хиради дерина ва ҳамфикрию ҳамбастагии миллат, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ба имзо расид ва дар натиҷа, «ваҳдати миллӣ» шакл гирифт. Ваҳдати ташаккулёфта, бо мурури замон, тавассути омилҳои миллӣ, монанди забони миллӣ, фарҳангӣ миллӣ, арзишҳои миллӣ, ҳадафҳо ва манфиатҳои умумимиллӣ ва ғ. тақвият гардид. Сипас, аҳаммияти «ваҳдати миллӣ» ба хотири нақши сарнавиштсоз доштанаш дар тақдир ва ояндаи миллату давлат ба қадре боло рафт, ки ҳамчун андеша ё худ консепсияи миллӣ матраҳ гардид ва беш аз пеш мавриди таваҷҷӯҳи омму хос қарор гирифт. Сифатан тағйир ёфтани «ваҳдати миллӣ» дар мурури замон ва қабул гардидани он ҳамчун андеша ё консепсияи миллӣ боис шуд, ки он ба ҳайси як *омили мустақилли таъсиррасон рӯйи дигар падидаҳои иҷтимоӣ* зоҳир гардад. Минбаъд, ваҳдати миллӣ ҳамчун унсури бунёдӣ амал мекунад, ки омилҳои гуногуни фарҳангӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маърифатиро тақвият мебахшад. Ваҳдати миллӣ тавассути таҳкими ҳисси ҳувияти миллӣ ва ҳадафҳои муштарак, ба ҳамкорӣ, ҳамгироӣ, субот ва рушди самтҳои мухталифи ҷомеа мусоидат мекунад. Ин таъсири мутақобила баёнгари он аст, ки барои расидан ба ҷомеаи муттаҳид ва устувор, пешбурд ва нигоҳдории ваҳдати миллӣ то чӣ андоза муҳим мебошад. Аз ҷумлаи муҳимтарин натиҷаҳои назарраси «ваҳдати миллӣ» ва барҷастатарин

самти таъсиррасонии он тақвият бахшидан ва устувор гардонидани ҳамбастагии иҷтимоӣ мебошад. Яъне «ваҳдати миллӣ», ки рӯзгоре ҳастии худро аз ҳамбастагии иҷтимоии мардум пайдо карда буд, ҳоло бошад худ ҳамчун омили мустақил рӯйи ҳамбастагии иҷтимоӣ таъсир расонида, онро тақвият мебахшад. Ба ибораи дигар, имрӯз дар ҷомеаи Тоҷикистон, ба қатори омилҳои ҳамбастагии иҷтимоӣ омили дигаре ба номи «ваҳдати миллӣ» илова гардидааст. Ин омил дар давраҳои пеш аз истиқлолият вуҷуд надошт, вале ҳоло бошад арзи вуҷуд намудааст.

Хулоса, «ваҳдати миллӣ», ки асоситарин қисми таркибии тафаккури миллӣ ва маркази тамоми дигар консепсияҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, бо «ҳамбастагии иҷтимоӣ» алоқамандии зич дорад. Таҳлили таърифҳои «ваҳдати миллӣ» майян кард, ки он аз унсурҳои зерин ташаккул ёфтааст: миллат (этнос, сокинони мамлакат, мардуми ҳама ноҳияҳою вилоятҳо, шаҳрвандон, аҳли ҷомеа), амиқан дарк кардан (донистан, шинохтан, эҳсос намудан, қабулдошт, фаҳму назар), саъйю талош ва амал (вазифа, татбиқ, мусоидат, дастовардҳо, ҳаракат ва ҳифз кардан), ҳадафҳо ва арзишҳои муштарак (марому мақсадҳо, қаламрави давлат, пешрафти миллӣ, арзишҳои муҳимтарини маънавӣ, тараққиёт ва дастовардҳо дар ҳамаи соҳаҳо, беҳбуди зиндагӣ, манофеи миллӣ ва ҳадафҳои умумӣ). Муқоисаи ду мафҳуми «ҳамбастагии иҷтимоӣ» ва «ваҳдати миллӣ» ҳашт фарқиятро миёни онҳо ошкор кард: 1) ҳамбастагии иҷтимоӣ хусусияти ахлоқӣ, анъанавӣ, умумӣ, фарогир ва худҷӯш дорад, аммо ваҳдати миллӣ бештар дарбардорандаи сифати сиёсӣ, расмӣ, ҳуқуқӣ ва давлатӣ аст; 2) ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун як андеша ё ғояи миллӣ матраҳ шудааст, ҳол он ки ҳамбастагии иҷтимоӣ як мафҳуми умумӣ дар илмҳои ҷомеашиносӣ аст; 3) то вақте «миллат» набошад ваҳдати миллӣ таҳаққуқ намеёбад, вале дар ҳамбастагии иҷтимоӣ ин унсур зарурат надорад, балки он метавонад тавассути дигар унсурҳо тақвият ёбад; 4)

ҳамбастагии иҷтимоӣ аз ҷиҳати доираи маъноӣ-мафҳумӣ нисбат ба ваҳдати миллӣ васеътару фаррохтар аст; 5) мафҳуми ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон зодаи даврони соҳибистиқлолӣ мебошад, аммо ҳамбастагии иҷтимоӣ собиқаи деринаи таърихӣ дорад; 6) ҳамбастагии иҷтимоӣ яке аз ҷузъҳои таркибии ваҳдати миллӣ аст; 7) ҳамбастагии иҷтимоӣ яке аз омилҳо ва сабабҳои ҷузъӣ ё куллии ба вуҷудоваранда ва таҳкимбахшандаи ваҳдати миллӣ аст; 8) ваҳдати миллӣ яке аз омилҳои тақвиятдиҳандаи ҳамбастагии иҷтимоӣ аст.

БОБИ 2. ОМИЛҲО ВА ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛ ВА ТАҚВИЯТИ «ҲАМБАСТАГИИ ИҶТИМОӢ» ДАР ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

2.1. Омилҳои макросотсиологӣ ё худ сохторӣ-ҷамъии ташаккул ва таҳкими «ҳамбастагии иҷтимоӣ» дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон

Ташаккул ва инкишофи ҳамбастагии иҷтимоӣ ва тақвият ёфтани он дар навбати худ вобаста ба омилҳои муайяну мушаххас мебошад, яъне ҳамбастагии иҷтимоӣ ва низ «ваҳдати миллӣ дар заминаи омилҳои гуногун ташаккул меёбад» [193, с. 139] ва «сабабҳои гуногуни ногузирии ваҳдати миллӣ ҷой доранд» [204, с. 14]. Омилҳои гуногуни *макросотсиологӣ* ва *микросотсиологӣ* сабаб шудаанд, ки кишвари Тоҷикистон дар роҳи расидан ба истиқлолият, табдил шудан ба як давлати миллӣ ва ҳифзу тақвияти ҳамбастагии иҷтимоӣ масири басо тӯлонӣ ва пурфарозу нишеберо тай намояд. Шинохт ва татбиқи ин омилҳо, махсусан дар кишвари дар ҳоли гузариш, аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Аз ин рӯ, таҳқиқи ҳамбастагии иҷтимоӣ ва омилҳои он дар Тоҷикистон як зарурати таърихӣ ва ҳаётӣ ба шумор меравад.

Нахустин ва муҳимтарин ҳодиса дар сатҳи макросотсиологӣ, ки ҳамчун омили ҳамбастагии иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон дар давраи соҳибистиқлолӣ арзи вуҷуд намуд ин худи падидаи *истиқлоли давлатӣ* мебошад. Ба қавли баъзе донишмандон истиқлолияти давлатӣ ва миллӣ беҳтарин омил дар таъмини ваҳдати миллӣ ба шумор меравад [226, с. 151] ва «истиқлолият ҳамчун замина барои такомули ваҳдати миллӣ ва дӯстиву бародарии тамоми сокинони Ватани азизамон хизмат менамояд» [299].

Аз он ҷо ки дастёбӣ ба истиқлоли давлатӣ як манфиати муштараки сиёсӣ ва миллӣ ба ҳисоб меравад, ба ин хотир мебинем «дар марҳалаҳои гуногуни таърихӣ барои ба даст овардани манфиатҳои сиёсӣ қисми

одамон ба ҳам муттаҳид мешаванд» [204, с. 15]. Бинобар ин, андешаи истиқлолият ва талош барои соҳибистиқлолӣ ва ҳифзи он, яке аз омилҳои муҳими ҳамбастагии иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад ва ба қавле, таъмини ваҳдати миллӣ бидуни истиқлолият ғайри имкон аст [224, с. 271-272].

Матраҳ шудани истиқлолият ҳамчун омили ҳамбастагии иҷтимоӣ аз он ҷиҳат низ аҳаммият дорад, ки он на фақат як муомилаи расмии ҳукуматӣ, балки дар сатҳи мардумӣ ба як баҳси амиқу самимона ва дар сатҳи илмӣ ба як назарияи сиёсӣ табдил ёфтааст. Имрӯз дар давлатҳои навтаъсиси мустақил, истилоҳи «истиқлолият» аз ҷиҳати аҳаммият дар байни мардум ҷойгоҳи хоса касб карда, шаҳрвандон нисбат ба он бо эҳсоси самимӣ ва таваҷҷуҳи махсус муносибат мекунанд. [29, с. 117-118]. Ҳолати «бо эҳсосу самимияти хосса таваҷҷуҳ кардани шаҳрвандон» яке аз унсурҳои ташкилдиҳандаи ҳамбастагии иҷтимоӣ аст (нигаред ба таърифҳои ҳамбастагии иҷтимоӣ).

Ин ҷо лозим ба зикр аст, ки агар истиқлоли давлатӣ яке аз омилҳои таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ аст, дар навбати худ ҳамбастагии иҷтимоӣ низ ҳамчун омили муҳими бавуҷудоӣ ва пойдории истиқлоли давлатӣ арзи вуҷуд менамояд. Зеро байни ин ду падида робитаи дутарафаи таъсиррасонӣ ва таъсирпазирӣ барқарор аст: «танҳо дар сурати пойдории ваҳдати комил истиқлолияти Ватан побарҷо мемонад ва дар навбати худ, ҳифзу таҳкими истиқлолият ҳамчун замина барои такомули ваҳдати миллӣ ва дӯстиву бародарии тамоми сокинони Ватан хизмат менамояд» [45, с. 81 ва 406]. Ин ду қазия мувофиқи қонуни мантиқӣ акси якдигар мебошанд, ки аз лиҳози дурустӣ ё нодурустӣ сиҳҳат доранд.

Дар таҳқиқоти сотсиологие, ки муаллиф бо методи пурсиши анкетавӣ соли 2023 байни 320 нафар донишҷӯён дар мавзуи «ҳамбастагии иҷтимоӣ ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон» анҷом дод, аз мусоҳибашудагон дар

ду марҳала перомуни омилияти падидаи «истиқлоли давлатӣ» пурсиш ба амал омад: а) дар алоҳидагӣ, яъне бо тарҳи саволи мустақил; б) дар якҷоягӣ, яъне дар қатори дигар омилҳо.

Вобаста ба саволи алоҳида, аз мусоҳибон чунин пурсида шуд:

Расми 1. Оё метавон падидаи «истиқлоли давлатии Тоҷикистон»-ро ҳамчун омили ташаккул ва инкишофи ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб овард? (Як ҷавоб) (вобаста ба ҷинс, n=320, %)

№	«Истиқлоли давлатии Тоҷикистон» ҳамчун омили ваҳдати миллӣ	Ҷинс		Ҳамагӣ	
		зан	мард	фоиз	нафар
1	Бале, истиқлолият боиси бавуҷудоии ваҳдати миллӣ гардид	74,1%	60,4%	67,5%	216
2	Не, истиқлолият сабаби барҳам хӯрдани ваҳдати миллӣ шуд	0,6%	0,6%	0,6%	2
3	Мо пеш аз истиқлолият ҳам «ваҳдати миллӣ» доштем, баъд аз истиқлолият бошад ваҳдатамон устувортар гардид	12,0%	18,2%	15,0%	48
4	Мо пеш аз истиқлолият «ҳамбастагии иҷтимоӣ» доштем, вале баъд аз истиқлолият«ваҳдати миллӣ» ташаккул ёфт	10,2%	18,2%	14,1%	45
5	Ба ҷавоб гуфтан душворӣ мекашам	1,2%	1,9%	1,6%	5
6	Аз ҷавоб гуфтан рӯй гардонд	1,8%	0,6%	1,2%	4
	Ҳамагӣ	100,0%	100,0%	100,0%	320

Таҳқиқот нишон дод, ки 67,5% (216 нафар)-и респондентон истиқлоли давлатиро омили муҳими ташаккул ва устувории ваҳдати миллӣ медонанд. Ин нишондиҳанда аз эътимоди баланд ба ҳукумат, ифтихори миллӣ ва дарки аҳаммияти таърихии истиқлол шаҳодат медиҳад. Фаъолияти муассири муассисаҳои таълимӣ ва барномаҳои омӯзишии кишвар, хабарҳои ҳаррӯза ва таҳлилҳои илмӣ перомуни мавзуи мазкур тавонистаанд ба назари мусбати аксарияти аҳолӣ мусоидат карда, дарки аҳаммияти истиқлолиятро афзоиш диҳанд. Дар маҷмуъ, раванди ба даст овардан ва пойдории истиқлолият дар ташаккули ҳисси ваҳдат дар миёни мардуми Тоҷикистон нақши бисёр муҳим ва ҳалкунанда доштааст.

Дар марҳалаи дуюм, савол аз омилияти истиқлоли давлатӣ дар қатори дигар омилҳо матраҳ шуд (нигаред ба расми №2):

Расми 2. Кадом омилҳои зерин боиси устувории пояҳои ваҳдати миллӣ мешаванд? (То панҷ ҷавоб) (n=320, %)

Аз натиҷаҳои таҳқиқот бармеояд, ки посухи №3 бо унвони «Ба даст овардани истиқлоли давлатӣ» 47,5%-и овозҳоро ба худ ихтисос додааст. Чунин интихоб дар баробари 16 омили дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки воқеаҳои таърихӣ ё муосири марбут ба озодии миллӣ ва истиқлоли давлатдорӣ дар ташаккули шуури ҷамъии ҷомеа нақши муассир доштаанд. Фоизи баланд аҳаммияти истиқлолияти сиёсиро дар ҳалли мушкилот ва таъмини манфиатҳои умумӣ, инчунин ҳамчун шарти зарурӣ барои сиёсатҳои бидуни дахолати хориҷӣ нишон медиҳад. Ин бо

назарияҳои ҷомеашиносӣ, ки нақши институтҳои сиёсиро дар ташаккули ваҳдати иҷтимоӣ ва субот таъкид мекунанд, мувофиқат мекунад.

Бо вуҷуди ин, бояд эътироф кард, ки танҳо мавҷудияти истиқлоли давлатӣ дар алоҳидагӣ ваҳдати миллиро комилан кафолат намедиҳад; дигар омилҳо низ нақш доранд, ки шомили 16 омили дигар буда, гуногунҷанбагии ҳамбастагӣ ва алоқамандии омилҳоро тасдиқ мекунад.

Тоҷикистон баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ вориди марҳалаи нави эҳё ва барқарорсозии давлати миллӣ гашт. Бинобар ин, муҳимтарин дастоварди давраи истиқлолият аз хатари нестӣ наҷот ёфтани давлатдории миллии тоҷикон мебошад. Дар навбати худ, *давлати миллӣ* ҳамчун муҳимтарин омили таҳкимбахшандаи ҳамбастагии иҷтимоӣ ва ба вуҷуд оварандаи ваҳдати миллӣ арзи вуҷуд намуд. Ба ин нукта ишора карда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд намуданд: «Давлати миллӣ дар таҳкими ваҳдати миллӣ нақши афзоянда дорад» [45, с. 409]. Зеро «давлати миллӣ яке аз умдатарин шартҳои мавҷудият ва рушду камоли миллат аст. Заминаи иттиҳоду ягонагиии миллатро давлат фароҳам меоварад, зеро вазифаи асосии давлат таъмини бақои умри миллат аст» [64, с. 69, 70, 78, 113 ва 122].

Давлат ҳамчун ниҳоди муҳими иҷтимоӣ-сиёсӣ дар назди миллат вазифаҳои муҳим, аз қабили таъмини амният, ҳифзи марзҳои кишвар, барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, мубориза бо қонуншиканӣ, пешбурди ислоҳоти ҷамъиятӣ, рушди иқтисод ва фарҳанги миллӣ дорад. Амалисозии ин вазифаҳо ба таҳким ва давомнокии ҳамбастагии иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, нақши давлат дар барқарорсозӣ ва ҳифзи ҳамбастагии иҷтимоӣ бисёр муҳим буда, барои он ҷойгузини муассире вуҷуд надорад.

Бояд таъкид намуд, ки мувофиқи назарияҳои сотсиологӣ давлат дар натиҷаи рушди ҷомеа ва мураккаб гардидани муносибатҳои ҷамъиятӣ ба

вуҷуд омадааст [29, с. 149]. Аз ҷумла, тибқи назарияи шартномаи ҷамъиятии Т. Гоббс, Ҷ. Локк ва Ж. Ж. Руссо давлат маҳсули ризоият ва ҳамдигарфаҳмии шаҳрвандон мебошад. Ин маънои онро дорад, ки пеш аз ташаккули давлати миллӣ низ байни мардум навъе аз ҳамбастагии иҷтимоӣ вуҷуд дошт. Аммо баъд аз таъсиси давлати миллӣ ин ҳамбастагӣ устувортар гардида, ба сатҳи сифатан баландтар мерасад.

Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол чунин сатҳи олии ҳамбастагии иҷтимоӣ дар шакли «ваҳдати миллӣ» таҷассум ёфтааст. Аз ин рӯ, байни ҳамбастагии иҷтимоӣ ва давлати миллӣ робитаи мутақобила вуҷуд дорад: ҳамбастагии иҷтимоӣ барои ташаккули давлати миллӣ замина фароҳам меорад, давлати миллӣ бошад ба таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ мусоидат намуда, онро ба сатҳи болотар – ваҳдати миллӣ, мерасонад.

Дар назарсанҷии гузаронидаи муаллиф, аз мусоҳибашудагон дар ду марҳала перомуни омилияти падидаи «давлати миллӣ» пурсида шуд: а) дар алоҳидагӣ, яъне бо тарҳи саволи мустақил; б) дар якҷоягӣ бо дигар унсурҳои ташкилдиҳандаи ваҳдати миллӣ.

Вобаста ба саволи алоҳида, аз мусоҳибон чунин пурсида шуд:

Расми 3. Оё «ваҳдати миллӣ» пеш аз ташаккул ёфтани «давлати миллӣ» ба вуҷуд меояд ё баъд аз он? (Як ҷавоб) (n=320, %)

№	Ташаккули «ваҳдати миллӣ» пеш аз ё баъд аз «давлати миллӣ»	Шумора (нафар)	Фоиз (%)
1	Ваҳдати миллӣ фақат баъд аз ташаккули «давлати миллӣ» ба вуҷуд меояд	199	62,2
2	Ваҳдати миллӣ фақат пеш аз ташаккули «давлати миллӣ» ба вуҷуд меояд	41	12,8
3	Ваҳдати миллӣ ҳам пеш аз ва ҳам баъд аз ташаккули «давлати миллӣ» ба вуҷуд меояд	51	15,9
4	Ваҳдати миллӣ дар ҳар шароите ба вуҷуд меояд ва ба «давлати миллӣ» вобастагӣ надорад	15	4,7
5	Ба ҷавоб гуфтан душворӣ мекашам	7	2,2
6	Аз ҷавоб гуфтан рӯй гардонд	7	2,2
Ҳамагӣ		320	100,0

Пеш аз давлати миллӣ ё баъд аз он ташаккул ёфтани «ваҳдати миллӣ» ба масъалаи нақши омилият иртибот дорад. Аз миёни чаҳор ҷавоби

пешниҳодшуда иштирокчиён бояд якеро интихоб менамуданд. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки 62,2%-и респондентҳо бар ин назаранд, ки ваҳдати миллӣ баъд аз ташаккули давлати миллӣ ба вуҷуд меояд. Яъне аксарияти пурсидашудагон давлатро ҳамчун омили асосии таҳкими ваҳдат арзёбӣ мекунанд. Посухҳои боқимонда дар маҷмуъ 37,8%-ро ташкил медиҳанд.

Таҳлили ин натиҷаҳо нишон медиҳад, ки шаҳрвандон давлати миллиро ҳамчун нерӯи муттаҳидкунанда ва ниҳоди марказие медонанд, ки гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, этникӣ ва фарҳангиро дар доираи ҳувияти умумӣ муттаҳид месозад. Чунин дидгоҳ ба таҷрибаи таърихӣ ва воқеияти сиёсӣ такя мекунад, ки дар онҳо давлат дар таҳкими субот, ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ, коҳиши нобаробариҳои иҷтимоӣ ва ташаккули ҳувияти миллӣ нақши муҳим мебозад. Аз ин рӯ, давлати миллӣ ҳамчун заминаи асосии ташаккул ва рушди ваҳдати миллӣ арзёбӣ мегардад.

Бо назардошти таҳлили мазкур метавон гуфт, ки посухи №1 ба воқеияти ҷомеаи муосири Тоҷикистон бештар мувофиқат мекунад. Зеро ташаккули давлати миллӣ раванди муттаҳид гардидани гурӯҳҳои гуногуни аҳолиро дар доираи як воҳиди сиёсӣ фароҳам овард. Агар дар марҳилаи аввал таваҷҷуҳи асосӣ ба таъсиси давлат ва таҳкими соҳибихтиёрии сиёсӣ равона шуда бошад, дар марҳилаи баъдӣ масъалаи ташаккули ҳувияти миллӣ ва таҳкими ҳисси ваҳдат аҳаммияти бештар пайдо кард. Аз ин рӯ, метавон хулоса намуд, ки дар шароити Тоҷикистон ваҳдати миллӣ бештар ҳамчун натиҷаи таҳким ва рушди давлати миллӣ шакл гирифта, дар ҷараёни давлатсозӣ тадриҷан тақвият ёфтааст.

Дар марҳалаи дуюм, савол аз давлати миллӣ дар қатори дигар омилҳо матраҳ гардид. Аз респондентҳо чунин пурсида шуд:

Расми 4. Унсурҳои «ваҳдати миллӣ» дар ҷомеаи Тоҷикистон кадомҳоянд? Яъне он аз кадом ҷузъҳо таркиб ёфтааст? (Чаҳор то муҳимтарин) (n=320, %)

№	Унсурҳои «ваҳдати миллӣ» дар ҷомеаи Тоҷикистон	Ҳа	Не	Ба ҷавоб гуфтан душворӣ мекашам	Аз ҷавоб гуфтан рӯй гардонд	Ҳамагӣ
1	Расму оинҳо ва урфу одатҳои миллӣ	61,6	37,2	0,6	0,6	100
2	Забони тоҷикӣ	44,4	54,1	0,6	0,9	100
3	Мазҳаби ҳанафӣ	11,6	87,2	0,6	0,6	100
4	Мазҳаби исмоилия	1,9	96,9	0,6	0,6	100
5	Арзишҳои фарҳангӣ	43,8	54,4	0,6	0,6	100
6	Ҳамкории мутақобилаи афрод	2,5	96,3	0,6	0,6	100
7	Дастгирии моддии байниҳамдигарӣ	12,8	85,9	0,6	0,6	100
8	Ҷаҳонбинии (муштарак)	3,8	95,0	0,6	0,6	100
9	Адолатпарварӣ	18,8	80,0	0,6	0,6	100
10	Риояи қонунҳои амалкунанда	13,8	84,7	0,6	0,9	100
11	Давлати миллӣ	34,7	64,1	0,6	0,6	100
12	Худшиносии миллӣ	38,4	60,0	0,6	0,9	100
13	Ҳисси баланди ватандӯстӣ	36,9	61,9	0,6	0,6	100
14	Таҳаммулпазирӣ нисбати дину мазҳабҳои дигар	5,6	93,1	0,6	0,6	100
15	Эҳсоси масъулияти шаҳрвандон нисбати ҳамдигар ва риояи ҳуқуқи якдигар	23,1	75,6	0,6	0,6	100

Ҳамон тавр, ки мушоҳида мешавад посухи №11 таҳти унвони «давлати миллӣ» 34,7%-и овозҳоро ба худ ихтисос додааст. Ин дар ҳолест, ки давлати миллӣ дар қатори 14 унсури дигар зикр шудааст. Бинобар ин, 34,7% як нишондиҳандаи бисёр пураҳаммият арзёбӣ мегардад ва аз он гувоҳӣ медиҳад, ки қисми зиёди аҳолӣ мавҷудият ва суботи давлати соҳибистиқлолро барои нигоҳдории муттаҳидӣ ва ҳамбастагии миёни шаҳрвандон муҳим мешуморанд. Дастгоҳи хуби давлатӣ, ки бо идоракунии муассир ва волоияти қонун тавсиф мешавад, бешубҳа ба таҳкими эътимод ва ҳамбастагии байни шаҳрвандон саҳми назаррас мегузорад. Баръакс, норасоиҳо дар ниҳодҳои давлатӣ

метавонад ваҳдати ҷомеаро халалдор созад ва ихтилофҳоро дар дохили ҷомеа афзояд.

Вақте сухан аз давлат ҳамчун омили ҳамбастагии иҷтимоӣ ба миён меояд зарур аст, ки ба хусусияти *дунявият* низ таъкид шавад. Ба ибораи дигар, яке аз омилҳои муҳими тақвияти ҳамбастагии иҷтимоӣ ин *давлати дунявӣ* аст. Мутобиқи моддаи 1-уми Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати дунявӣ мебошад [2]. Меъёри мазкур барои ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин, озодии виҷдон ва заминаи фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ ҳамчун унсурҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ хизмат мекунад. Яъне мазмуни асосии «давлати дунявӣ» муносибати давлат ба дин мебошад. Ҷомеашиносон барои ишора ба ин раванди иҷтимоӣ аз истилоҳи «секуляризм» истифода мекунанд [76, с. 475-477].

Дар низоми давлатдории дунявӣ ҳукумат ва қонунҳо нисбат ба дин мавқеи бетарафиро риоя намуда, расман ҳеҷ як дин ё мазҳаб ё равияеро тарафдорӣ намекунанд. Дар давлати дунявӣ «мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад» [2], зеро дар кишвари дунявӣ дин кори шахсӣ ҳисобида мешавад. Бо авлавият додани принсипи муносибати баробар ба ҳамаи шаҳрвандон, новобаста аз эътиқоди динӣ ё беэътиқодии онҳо, дунявият ба муҳите мусоидат мекунад, ки дар он афрод бо ақидаҳои гуногуни динӣ ё ғайридинӣ дар заминаи баробар зиндагӣ мекунанд. Ҳамин тариқ, давлати дунявӣ бо канорагирӣ аз таъсиси дини расмии давлатӣ, аз ҳукмронии як гурӯҳи мазҳабӣ ба дигараш монеъ мешавад. Ин, дар навбати худ, эҳтимоли ихтилофоти мазҳабиро коҳиш дода, ба пойдортар ва муттаҳид шудани ҷомеа мусоидат мекунад. «Маҳз бар асоси ҳамин меъёр, дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон тавонист зиддиятҳои дохилиро бартараф намояд» [232, с. 124]. Умуман, модели давлатдории дунявӣ шароит ва заминаҳои лозимиро барои ҳамзистии осудаю сулҳомези афкору

андешаҳои мухталифи динӣ ва қувваҳои гуногуни сиёсӣ дар чорчӯби як низоми ҳуқуқӣ фароҳам оварда, ба ҳифзу устуворгардонии ҳамбастагии иҷтимоӣ кӯмак мерасонад.

Аз ҷумлаи омилҳои тақвиятёбии ҳамбастагии иҷтимоӣ мавҷудияти *рамзҳои давлатӣ* аст. «Парчам, Нишон ва Суруди Миллӣ рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд» [5]. Ин се рамзи муқаддас бо таҷассуми ҳувият, таърих ва арзишҳои кишвар шуури ҷамъиятии муштаракеро эҷод мекунанд, ки дар таҳкими ҳамбастаги иҷтимоӣ нақши ҳалкунанда доранд. Истифодаи пайвастаи рамзҳои давлатӣ дар муҳитҳои расмӣ, чорабиниҳои оммавӣ ва ҷашнҳои миллӣ ҳисси ифтихори миллӣ ва тааҳҳуди ҷамъиро тақвият намуда, як ваҳдати рамзӣ эҷод мекунад, ки аз фарқиятҳои афроди алоҳида болотар буда, шуури умумимиллиро тарбия мекунад.

Аз дигар омилҳои тақвиятдиҳандаи ҳамбастагии иҷтимоӣ *конститутсия* ё худ *сарқонуни кишвар* аст. Дар ҳар ҷомеае бистари нахустин ва заминаҳои тазминкунандаи ҳамбастагии иҷтимоиро бояд дар партави қонуни асосии давлат, яъне конститутсия ҷустуҷӯ кард. Зеро конститутсия ин ифодагари манфиатҳои олии миллату ватан, муайянсозандаи низоми устувори давлатдорӣ ва сохтори идораи ҷомеа, кафолатдиҳандаи истиқлоли сиёсиву иҷтисодӣ, тамомияти арзӣ, волоияти қонун, фаъолияти муназзами мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ...унсури марказии низоми ҳуқуқии кишвар, заминаи эҷоду такмили қонунгузорӣ, муайян созандаи дурнамои пешрафти ҷомеа ва давлат мебошад [44, с. 150], [45, с. 174]. Конститутсия, ин риштаи пайванди ҳуқуқии муносибатҳо буда, ҳамчун санади тааҳҳудоти миллии мардум метавонад ҳамаи қавмҳо, гуруҳҳо ва ҳизбҳоро дар ҳифзи маслиҳату манофеъи миллӣ ба ҳам пайванд занад ва ҳамбастагии иҷтимоиро таҳким ва давом бахшад. Ҳамчунин, конститутсия ҳамчун «шартномаи ҷамъиятӣ» хидмат карда, қоидаҳо ва меъёрҳоро муқаррар менамояд,

рафтори шахсони алоҳида, гурӯҳҳо ва муассисаҳоро танзим мекунад ва ба бартараф кардани ихтилофот дар ҷомеа кафолат медиҳад.

Дар таҳқиқоти сотсиологии гузаронидаи муаллиф, яке аз саволҳои пурсидашуда ин буд: «Кадом омилҳо боиси устувории пояҳои ваҳдати миллӣ мешаванд?» (нигаред ба расми №2). Дар посух ба саволи гузошташуда 17 омил пешниҳод гардид, ки яке аз онҳо «Коституцсия» мебошад. Натиҷаи коркарди таҳқиқот нишон дод, ки 26,6%-и овозҳо ба омили мазкур рабт дорад ва он ҳамчун омили пойдории пояҳои ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон нисбатан назаррас нишон дода шудааст. Бо ин вуҷуд, бояд эътироф кард, ки аз дидгоҳи пурсишшудагон танҳо мавҷудияти Конституцсия ягонагӣ ва ваҳдати миллиро комилан кафолат намедиҳад, балки дигар омилҳо низ дар ин раванд нақш доранд.

Дар қатори омилҳои сиёсӣ яке дигар аз муҳимтарин омилҳои таҳкимбахшандаи ҳамбастагии иҷтимоӣ ин *роҳбар* ё худ *сарвари давла*т аст. «Сарвари сиёсӣ ин шахсест, ки қобилияти муттаҳид намудани гурӯҳи муайяни одамон, ҳизбҳо, кишварҳо ва ташкилотҳоро дорад» [26, с. 113]. Зеро «ӯ дар мавқеияте қарор дорад, ки метавонад нуфузи зиёде бар рӯи афрод дошта бошад» [102, с. 338]. Бинобар ин, «дар таъмини ваҳдати ҷомеа албатта нақши сарвари кишвар бориз аст» [198, с. 212]. Яъне нақши роҳбари давлат дар ҳифзу тадовуми ҳамбастагии иҷтимоӣ як нақши асосӣ буда, мақом ё худ статуси ӯ хусусияти меҳварӣ дорад. «Таҷрибаи Тоҷикистон низ нишон дод, ки вақте мардум дар атрофи як пешвои тавонои миллӣ муттаҳид мешаванд ваҳдати миллӣ ба вуҷуд меояд ва нерӯҳои беруна наметавонанд ба вазъи сиёсии дохилии кишвар таъсир расонанд ва онро тағйир диҳанд» [328].

Мо дар ҷомеаи Тоҷикистон бараъло шоҳид ҳастем, ки Роҳбари кишвар - Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «дорои иродаи қавии сиёсӣ буда, ба ҳайси меъмори модели давлатдории миллии

тоҷикон... дар сарнавишти халқи тоҷик, дар бунёди давлати муосири тоҷикон нақши муҳим ва таърихӣ бозиданд ва дар вазъиятҳои бениҳоят душвор барои кишвари мо тасмимҳои тақдирсоз қабул карданд» [329], [243, с. 76]. Бешубҳа яке аз нақшҳои асосии Сарвари мамлакат ин ба ҳам овардан ва мутаҳид намудани мардуми парокандаи Тоҷикистон пас аз солҳои мудҳиши ҷанги шаҳрвандӣ будааст. Ва «сулҳи Тоҷикистон ба тамоми маънӣ ба фаъолияти сиёсии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зич вобаста аст» [217, с. 151].

Аммо хизматҳои Роҳбари давлат танҳо бо хотима бахшидан ба ҷанги шаҳрвандӣ ва барқарор намудани сулҳу субот маҳдуд намешаванд. Бо ташаббуси бевоситаи Президенти кишвар ҳамасола чорабиниҳои зиёди фарҳангӣ баргузор мегарданд, ки ба рушди маънавияти ҷомеа, худшиносӣ ва ваҳдати миллӣ мусоидат мекунанд. Вохӯриҳои мунтазами Сарвари давлат бо зиёиён ва сокинони минтақаҳои гуногун, таҷлили ҷашнҳои Наврӯз ва Ваҳдати миллӣ, арҷгузорӣ ба чеҳраҳои барҷастаи илму адаб, нашри осори классикон ва нависандагони муосир, тармими ёдгориҳои таърихӣ ва эҳёи арзишҳои фарҳангӣ ба таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ ва наздикшавии гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа мусоидат намудаанд.

Яке аз хизматҳои беназири Сарвари давлат ин баланд бардоштани мақому мартабаи забони тоҷикӣ ба ҳайси муқаддастарин унсури ҳувияти миллӣ мебошад. «Пешвои миллат аз рӯзи аввали ворид шудан ба арсаи сиёсии Тоҷикистон ҳифз ва таҳкими забони тоҷикиро дар сиёсати дохилӣ афзалияти стратегии худ муайян карданд» [243, с. 79]. Роҳбари давлат, бо дарки нақши муттаҳидсозандаи забони тоҷикӣ, онро ҳамчун яке аз сутунҳои муҳими давлатдории навини тоҷикон мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор доданд. Зиёда бар ин, Сарвари давлат китобҳои арзишмандеро баҳри инкишофи худшиносии миллӣ ва рушди илму фарҳанг таълиф ва нашр намудаанд. Ин фаъолиятҳо ба таври мустақиму

ғайри мустақим ба тақвияти ҳамбастагии иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон таъсир расонидаанд.

Бо назардошти ин хизматҳо, 9 декабри соли 2015 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» қабул гардид. Сазовор гардидани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин мақом натиҷаи нақши таърихии ӯ дар таҳкими сулҳ, ваҳдати миллӣ ва давлатдории навини тоҷикон мебошад. Дар шароити ҷомеаи муосири Тоҷикистон низ ниҳоди пешвои миллӣ ҳамчун омили муҳими ҳифзи ваҳдат, суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ аҳаммияти бузурги амалӣ дорад.

Бо таъкиди донишмандон ва мутахассисони соҳа ваҳдату якдилӣ аз донишу маърифати баланд ба даст меояд [186, с. 94] ва дар раванди таҳкими ваҳдат бахусус саҳми низоми маориф хеле назаррас аст [211, с. 168]. Бинобар ин, яке аз муҳимтарин омилҳои ҳифз кардан ва тақвият додани ҳамбастагии иҷтимоӣ фаъолияти пурсамари *ниҳоди маориф* аст. Нақши ин ниҳод дар мусоидат ба рушд ва таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ тавассути чанд ҷанбаҳои асосӣ равшан мегардад, монанди: интиқолдиҳандаи арзишҳо ва ахлоқиёт, падидоварандаи ҳувияти фарҳангӣ ва худогоҳии миллӣ, ироадиҳандаи дониш дар бораи таърих, анъана ва мероси миллӣ, иҷтимоикунонӣ, парваришдиҳандаи тафаккури интиқодӣ ва таҳаммулпазирӣ, тақвиятдиҳандаи маҳоратҳои ҳалли низоъҳо ва усули муошират, асбоби тавонмандсозии иқтисодӣ, фароҳамоварандаи таҳарруки иҷтимоӣ ва ғайра.

Мавҷудияти ин ҷанбаҳо дар низоми маориф, дар рушду нумӯи ҷомеа ва тақвияту тадовуми ҳамбастагии иҷтимоӣ саҳми назаррас мегузоранд. Бо таваҷҷуҳ ба ин, таъкид шудааст, ки «соҳаи маориф яке аз самтҳои муҳими таҳкими ваҳдати миллӣ аст, зеро бешак ба донишҷӯ ё мутахассисе, ки ҳисси худшиносии миллӣ надорад, дар оянда ҷомеаи солиму мутамаддин бунёд кардан аз имкон берун аст» [214, с. 266]. Аз ин рӯ, самаранокии амалияи таълим ба қобилияти он дар таҳкими ваҳдати иҷтимоӣ ва рушди ҷомеа бевосита алоқаманд аст.

Бо дарки ин мазмун мебинем, ки «рушди соҳаи маориф яке аз самтҳои афзалиятнок ва махсуси сиёсати иҷтимоии давлати Тоҷикистон эълон шудааст» [43, с. 514]. Шоистаи таъкид аст, ки маблағгузории соҳаи маориф сол аз сол афзоиш ёфта, дар соли 2023, дар маҷмуъ, 7,2 миллиард сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2022 13% зиёд мебошад. Ҳамзамон, дар соли 2024 маблағгузорӣ ба соҳаи маориф 8,2 миллиард сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки ин нисбат ба соли 2023 13% зиёд аст [318]. Ҳамаи ин ба раванди ташаккули тасаввуроти зеҳнӣ-маърифатии ҷавонону навҷавонон суръати чашмгире бахшида, «сатҳи зиндагӣ, маърифату ҷаҳонбинӣ ва худшиносиву худогоҳии мо пайваста такомул ёфтааст» [11, с. 52]. Бешубҳа, таъсироти ин раванд дар таҳкими ваҳдати миллӣ ва ҳамбастагии иҷтимоии сокинони минтақаҳои гуногуни мамлакат асоси воқеӣ дорад. Зеро афроди таҳсилкарда минбаъд интиқолдиҳандаю тақвиятдиҳандаи арзишҳои ваҳдати миллӣ дар байни аъзоёни дигари ҷомеа мебошанд ва ҳузури фаъоли онҳо дар ҷомеа ба боло рафтани ҳисси худшиносию ғурури милӣ, тақвияти ваҳдати миллӣ ва ниҳоятан ба таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ меанҷомад.

Дар таҳқиқоти гузаронидаи муаллиф яке аз саволҳо ин буд, ки «кадом омилҳо боиси устувории пояҳои ваҳдати миллӣ мешаванд?». Дар посух ба саволи мазкур 17 омил пешниҳод гардид, ки яке аз онҳо «ниҳоди илм ва маориф» мебошад (нигаред ба расми №2). Натиҷаҳои таҳқиқот нишон дод, ки 51,9%-и пурсидашудагон «ниҳоди илм ва маориф»-ро ҳамчун омили устувории пояҳои ваҳдати миллӣ интихоб карданд. Ин нишондиҳанда бениҳоят муҳим арзёбӣ мешавад, зеро он шаҳодат медиҳад, ки аксарияти пурсидашудагон нақши муҳимеро, ки ниҳоди илму маориф ва муассисаҳои таълимӣ дар тарбияи ҷомеаи муттаҳид ва ягона мебозад, эътироф мекунанд. Чунин фоизи баланд, ин ақидаро таъкид мекунад, ки сармоягузорӣ ба таҳсилот, пешбурди таҳқиқоти

илмӣ ва пешрафти муассисаҳои таълимӣ барои тарбияи шаҳрвандони огоҳ ва муттаҳид муҳим аст.

Аз дигар омилҳои тақвиятдиҳандаи ҳамбастагии иҷтимоӣ *адолати иҷтимоӣ* аст. Адолат асосан мазмуни иҷтимоӣ дошта, тавассути низоми ҳамкориҳои шахс, ҷомеа ва давлат ифода мегардад, яъне моҳияти онро на танҳо ахлоқ, инчунин қонун, ки пояи мавҷудияти ҳар як ҷомеа ва давлат аст, ташкил медиҳад. Чунин хусусияти адолат боис гардида, ки он барои мавҷудияту давомёбии низомҳои иҷтимоӣ муҳим арзёбӣ карда шавад. Бинобар ин тасодуфӣ нест, ки яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини идоракунии демократӣ – ин ҷустуҷӯи бемайлони роҳҳо барои амалӣ намудани принсипҳои адолати иҷтимоӣ, таъмини некӯаҳволии ҳар як сокини дохили кишвар мебошад.

Ба таъкиди мутахассисон, адолати иҷтимоӣ яке аз мафҳумҳои муҳими фалсафаи иҷтимоӣ буда, бо муносибатҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва ахлоқии ҷомеа робитаи зич дорад [233, с. 11]. Он таъмини ҳуқуқҳои баробари шаҳрвандон, дастрасии баробар ба имкониятҳо ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ, тақсимоти одилонаи захираҳо ва коҳиши нобаробарии иҷтимоиро дар бар мегирад. Гарчанде ки дар ҳар ҷомеа тафовутҳои иҷтимоӣ вуҷуд доранд, риояи адолати иҷтимоӣ метавонад сатҳи нобаробариро коҳиш дода, ба таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ мусоидат намояд.

Ба илова, адолати иҷтимоӣ ҳамчун ҳадафи муҳими сиёсӣ ва иҷтимоӣ тавассути қонунгузорӣ ва сиёсати давлатӣ амалӣ мегардад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои он дар Конститутсия инъикос ёфта, барои шаҳрвандон ҳуқуқҳои муҳим, аз ҷумла ҳуқуқ ба ҳаёт, таъмини иҷтимоӣ, озодии сухан, иштирок дар ҳаёти сиёсӣ, озодии муттаҳидшавӣ ва дигар ҳуқуқҳои шаҳрвандиро кафолат медиҳад. Таъмини амалии ин ҳуқуқҳо вазифаи мақомоти давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Чунин низоми ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ аз хусусиятҳои муҳими ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати демократӣ маҳсуб мешавад. Дар натиҷаи он,

механизми ҳамкории мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ташаккул ёфта, барои пешбурди ислоҳоти иқтисодию иҷтимоӣ, ҳалли мушкилоти ҷамъиятӣ ва густариши адолати иҷтимоӣ замина фароҳам меорад. Аз ин рӯ, адолати иҷтимоӣ на танҳо арзиши ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ, балки яке аз омилҳои муҳими таҳким ва пойдории ҳамбастагии иҷтимоӣ дар ҷомеа мебошад.

Дар таҳқиқоти сотсиологии гузаронидаи муаллиф, аз мусоҳибашудагон савол шуд, ки «кадом омилҳо боиси устувории пояҳои ваҳдати миллӣ мешаванд?» (нигаред ба расми №2). Натиҷаи таҳқиқот нишон дод, ки 28,8%-и пурсидашудагон падидаи «адолатпарварӣ»-ро ҳамчун омили устувории пояҳои ваҳдати миллӣ интихоб карданд. Ин омор қобили таваҷҷӯҳ аст, зеро аз он шаҳодат медиҳад, ки бахши муҳими пурсидашудагон аҳаммияти адолатро дар пойдории ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон эътироф мекунанд. Фоизи мазкур нишон медиҳад, ки мусоҳибон мавҷудияти низоми одилона ва баробарҳуқуқиро барои ҳалли шикоятҳо, рафъи низоъҳо ва мусоидат ба фарогирӣ дар байни гурӯҳҳои гуногун муҳим медонанд. Он гувоҳӣ медиҳад, ки талошҳо барои баланд бардоштани сатҳи адолати иҷтимоӣ, таҳкими волоияти қонун ва пешбурди масъулият ҳамчун авлавиятҳои муҳими таҳкими пояҳои ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон боқӣ мемонад.

Ҳамчунин дар таҳқиқоти сотсиологӣ аз мусоҳибашудагон перомуни унсурҳои «ваҳдати миллӣ» дар ҷомеаи Тоҷикистон пурсиш ба амал омад (нигаред ба расми №4). Натиҷаи коркарди таҳқиқот нишон дод, ки унсури «адолатпарварӣ» 18,8%-и овозҳоро дарёфт кардааст. Фоизи нисбатан ками овозҳо барои «адолатпарварӣ» дар қиёс бо дигар унсурҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки он метавонад ҳамчун омили ягона ё асосии муайянкунандаи ҳамбастагии иҷтимоӣ ва ваҳдати миллӣ қабул нашавад. Яъне унсурҳои дигар метавонанд дар ташаккули ҳамбастагии ҷомеа нақши муҳимтар бозанд.

Дар қатори дигар омилҳои ташкилдиҳанда ва таҳкимбахшандаи ҳамбастагии иҷтимоӣ нақши *забон* чун шоҳсутун аст, шоҳсутуни хаймаи ҳамбастагӣ. Сабаб дар ин аст, ки нахустин ва муҳимтарин воситаи иртиботҳо ва муоширатҳои иҷтимоӣ ин забон аст ва самтҳои гуногуни зиндагии ҷамъиро бе забон наметавон тасаввур кард. Бо таъкиди Пешвои миллат, забон ин воситаи муҳимтарини муомилоти инсонӣ ва падидаи иҷтимоӣ ва муайянкунандаи асолату ҳуввияти миллӣ... сарчашмаи бақои ваҳдати миллӣ ва яке аз рукнҳои устувори давлатдорӣ мебошад [42, с. 55], [43, с. 7]. Аз ин рӯ, вай муҳимтарин омили ҳамбастагии иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Ба қавли донишманди тоҷик М. Шакурӣ, то чи андоза аҳаммияти калон доштани забон аз ин маълум мешавад, ки халқе... агар аз забони миллӣ маҳрум шавад, мансубияти миллии ӯ тағйир хоҳад ёфт [65, с. 28].

Ба ин хотир, муҳаққиқони ҷомеашинос дар эҷоди ваҳдати миллӣ забон ва ваҳдати забониро дар қатори нажод, фарҳанг ва авомили дигар яке аз аслҳои асосии ваҳдати миллӣ донистаанд [199, с. 105]. Онҳо таъкид намудаанд, ки забон нишонаи асосии миллат аст ва аз дигар нишонаҳо зиёдтар аҳаммият дорад [65, с. 29]. Таҷрибаи таърихӣ собит сохтааст, ки ҳар як миллат ва давлати миллӣ бо доштани забони миллии худ устувор ва пойдор мемонад. Аммо маҳви забон дер ё зуд сабабгори маҳви миллатҳо ва мардумони соҳибзабон мегардад. Забони мо (тоҷикон низ) дар ҳама даврони таърихи гузашта аз омилҳои муҳими иттиҳоди мо буд. Имрӯз ин амр дар роҳи ҳамбастагии ҳамватанону ҳамзабонон тақозои замон дониста мешавад [44, с. 138-139]. Асосан яке аз вижагиҳои аслии бисёр муҳими забони мо хосияти баҳамоварӣ ва ё ваҳдатофарии он аст [39, с. 15].

Агар дар замони Иттиҳоди Шуравӣ «забони миллиро аз идораҳои давлат, аз ҳаёти иҷтимоӣ берун ронданд ва ба нобудӣ маҳкум сохтанд» [56, с. 29], хушбахтона дар сиёсати пешгирифтаи давлат ва Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи соҳибистиқлолӣ, ба рушду такомули забони давлатӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гардид. «Бо ибтикори Пешвои миллат забони тоҷикӣ дар замони соҳибистиқлолӣ чун забони расмии кишвар эътироф гардид ва давлат ба он сарпаноҳи сиёсӣ дод» [243, с. 79]. Дар ин бора Пешвои миллат чунин изҳор намудаанд: «Мо дар солҳои истиқлолият барои эҳё намудан ва инкишоф додани забони давлатиамон ҷойгоҳи арзанда ва мақоми шоиста муҳайё сохтем [44, с. 105]. Гоҳо аз мо мепурсанд, ки чаро мо дар замони истиқлолият ба рушду такомули забони давлатӣ ин қадар эътибори ҷиддӣ медиҳем. Ин тасодуфӣ нест, чунки забон нишонаи асосӣ ва муайянкунандаи асолату ҳувияти миллат мебошад [42, с. 55]. Забон ҳамеша омили муттаҳидкунанда ва ваҳдати миллии мо буд ва минбаъд низ чунин боқӣ хоҳад монд» [45, с. 506].

Дар таҳқиқоти сотсиологии гузаронидаи муаллиф, аз респондентҳо дар бораи унсурҳои «ваҳдати миллӣ» дар ҷомеаи Тоҷикистон савол шуд. Дар посух ба саволи гузошташуда «забони тоҷикӣ» дар қатори 15 унсур пешниҳод гардид (нигаред ба расми №4). Натиҷаи коркарди анкетаҳо нишон дод, ки 44,4%-и овозҳо ба омили мазкур рабт дошта, он ҷои 2-юмро дар рутбаи овозҳо ишғол мекунад. Чунин натиҷа муайян мекунад, ки қисми қобили мулоҳизаи мусоҳибон нақши марказии забони тоҷикиро дар ҳифз ва интиқоли мероси фарҳангӣ аз насл ба насл тасдиқ карда, онро дар ташаккули ҳувияти ҷамъӣ, фарҳангӣ ва ҳамбастагию ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон эътироф доранд. Мусоҳибон бо авлавият додан ба забони тоҷикӣ аҳаммияти онро ҳамчун сарвати фарҳангӣ ва рамзи ифтихори миллӣ тасдиқ намуда, ӯҳдадориҳои ҳифзи мероси забониро ҳамчун пояи ваҳдати миллӣ таъкид кардаанд.

Дар қатори омилҳои ҳамбастагии иҷтимоӣ падидаи *дин* қарор дорад. Яке аз мавзуоти илми «ҷомеашиносии дин» низ ҳамин аст, ки дар ташаккул ва ҳифзи ҳамбастагии иҷтимоӣ дин нақши муҳиммеро бар уҳда дорад. Аксари диншиносон чун Э. Дюркгэйм, М. Вебер, Г. Керер, Г.

Зиммел ва дигарон динро омили суботу вахдатбахши ҷамъият ва аз ин ру вазифаи интегративии динро вазифаи асосии он мешуморанд [7, с. 441]. Дар ин бора баъзе ҷомеашиносони дин чунин қайд кардаанд ҳувияте, ки дин ба як ҷомеа медиҳад ҳувияте аст фароқавмӣ, фаромиллӣ ва фарозабонӣ. Дин, аз тариқи ироаи ҷаҳонбинии ба худ хос, афрод ва гурӯҳҳоро зери чатри ягонае ҷамъ менамояд, ки омили нерӯманди ҳамбастагии иҷтимоӣ мешавад [137, с. 75-80]. Зеро дин, афродро ба риояи арзишҳои инсонӣ водор мекунад ва ин арзишҳоро болотар аз манофеи шахсӣ қарор медиҳад. Дин, ягонагии ҳамаи афроди ҷомеаро тақвият мекунад [111, с. 203].

Аксарияти ҷомеашиносон бо ин назари Эмил Дюркгейм мувофиқанд, ки дин метавонад аъзои як ҷомеаро дар як низоми боварҳои муштарак муттаҳид кунад [102, с. 575]. Ва дин яке аз пурзӯртарин омилҳои иттиҳоди халқе ва чанд халқ аст [64, с. 131], [53, с. 131]. Ин нуктаро Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин изҳор намудаанд: «Рисолати таърихии дин ваҳдат ва суботи ҷомеа аст» [308] ва «дини мубини ислом, мардуми ҷаҳонро ба ваҳдат, иттиҳоду бародарӣ, шафқату тараҳҳум ва муҳаббату дӯстӣ даъват менамояд» [44, с. 109].

Имрӯз ислом дар Тоҷикистон дини ғолибе мебошад, ки беш аз 97 % аҳолии кишвар пайравӣ аз он мекунанд [273] ва ислом рукни муҳими ҷаҳонбинӣ, маънавиёт ва ахлоқи ҷомеаи мо ба ҳисоб меояд [43, с. 431] ва мо таърихан ҳамчун қисми ҷаҳони ислом ташаккул ёфтаем [41, с. 207]. Аз онҷо ки таълимоти ислом саршори ғояҳои эҳсону накӯкорист [42, с. 167] ва он пайравонашро ба ҳамдилию ҳамбастагӣ, муттаҳид зиндагӣ кардан ва аз ихтилофу парокандагӣ даст кашидан тарғибу ташвиқ менамояд [44, с. 461] метавон натиҷа гирифт, ки дини ислом ҳамчун яке аз омилҳои муҳими ҳамбастагии иҷтимоӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Шоистаи ёдоварист, ки «беш аз 90 фоизи аҳолии Тоҷикистон пайрави мазҳаби Имоми Аъзам Абӯҳанифа мебошанд» [43, с. 206]. «Ин мазҳаб ҳам таърихан ва ҳам амалан омили муҳими ваҳдати умумиинсонӣ, ҳифзи

субот ва амнияти низоми ҷамъиятӣ аст» [42, с. 118]. Зеро «маҳз ба шарофати арзишҳои бунёдии мазҳаби ҳанафӣ ҳуввияти миллии бисёр қавму халқҳо, аз ҷумла тоҷикон дар тӯли 1300 соли охир ҳифз гардид» [43, с. 127]. Ҳамчунин дар ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон беш аз 150 ҳазор пайрави мазҳаби исмоилия зиндагӣ мекунанд, ки решаи таърихии онҳо ба асрҳои X ва XI бармегардад. Яъне «исмоилия барои Тоҷикистон як фирқаи таблиғии тозавуруд набуда, бахше аз таърих ва фарҳанг ва воқеияти таърихии ин сарзамин аст» [50, с. 138] ва имрӯз бошад на танҳо «онҳо ба амнияти Тоҷикистон ягон таҳдиде надоранд» [325], балки «бо ҳамаи мусулмонон ва пайравони динҳои дигар дар мамлакат баробар ва дӯстона зиндагӣ ва кор мекунанд» [269].

Яке аз пояҳои аслии ҳамбастагии иҷтимоиро имом Абӯҳанифа чунин иброз намудааст: «Мо ҳеҷ мусулмонеро ба хотири анҷоми гуноҳи ҳар чанд бузург, кофир намедонем то модоме, ки онро ҳалол (ҷоиз) нашуморад. Ва аз ӯ сифати «имон»-ро ҷудо намекунем ва ҳақиқатан мӯъминаш меномем. Зеро ҷоиз аст, ки ӯ мӯъмин бошад, фосиқ бошад, аммо кофир набошад» [159, с. 117]. Ин ақидаи имом Абӯҳанифа ҳам дар баробари гурӯҳи каҷфаҳми хаворичҷ баён шудааст, ҳам дар баробари фирқаву гурӯҳҳои ҳамасри ӯ, ки ҳарифони худро ба куфр ҳукм мекарданд ва ҳам ба замони мо низ дахл дорад. Мутаассифона, мо дар асри 21 низ нишонаҳои тасдиққунандаи онро мушоҳида мекунем, ки баъзе афрод ва гурӯҳҳо бародарони мусулмони худро ба ҳар баҳонае кофир эълом мекунанд ва ҳатто ба қатл мерасонанд. «Имрӯзҳо низ ин амал идома дорад ва дар мавъизаҳои баъзе муллоҳои зоҳирбини мо садои ба куфр ҳукм кардани мусулмонон баланд мешавад, ки чунин рафтор комилан хилофи мазҳаби Имоми Аъзам мебошад» [42, с. 327]. Ин дар ҳолест, ки ақидаи имом Абӯҳанифа дар ин бора, комилан ҳамбастакунанда ва иттиҳодофарин аст ва агар ба таври шоиста риоя гардад, решаи ихтилофу ҷудоиҳо дар ҷомеаи мусулмонон хушк хоҳад шуд.

Дар назарсанҷии гузаронидаи муаллиф, аз мусоҳибашудагон дар се марҳала перомуни омилияти падидаи «дин» пурсида шуд. Дар марҳалаи аввал, саволи мустақил матраҳ гардид (нигаред ба расми №5).

Расми 5. Оё дину мазҳаб метавонад боиси устувории пояҳои ваҳдату ҳамбастагии мардум гардад ё не? (Як ҷавоб) (n=320, %)

Натиҷаҳо нишон доданд, ки 25,3% дину мазҳабро омили устувории ваҳдат намедонанд, ки ин аз нигарониҳо нисбат ба ҷанбаҳои ҷудоиандоз дар таълимоти динӣ ё рӯйдодҳои таърихӣ сарчашма мегирад. 13,1% танҳо мазҳаби ҳанафӣ ва 17,2% ҳарду мазҳаби ҳанафӣ ва исмоилияро барои устувории ваҳдат муносиб медонанд. 32,5% бар ин назаранд, ки ҳар дину мазҳабе, ҳатто бегона, метавонад ба ваҳдат мусоидат кунад. 8,1% дар ҷавоб додан душворӣ кашидаанд ва 3,8% худдорӣ кардаанд.

Фаҳмидани сабабҳои паси чунин интихобҳо метавонад дар бораи умқи эҳсосоти ҷомеа дар бораи масъалаҳои динӣ фаҳмиши иловагӣ диҳад. Зеро ҳодисаҳои таърихӣ, таҳаввулоти фарҳангӣ, навъи ҷаҳонбинӣ, сифати таълим ва омилҳои геополитикӣ ба тасаввуроти мардум дар бораи нақши дин дар ваҳдати ҷомеа таъсир мерасонанд.

Дар марҳалаи дуюм, омили «дин» дар қатори дигар омилҳо 7,5% овоз гирифт (нигаред ба расми №2). Ин фоиз аз дидгоҳҳои гуногун дар бораи нақши дин дар таҳкими ҳамбастагӣ шаҳодат медиҳад. Гарчанде дин ҷанбаи муҳими ҳувият бошад ҳам, идораи номуассири он метавонад боиси танишҳои мазҳабӣ гардад. Тоҷикистон даврaҳои ташаннуҷи мазҳабӣ, аз ҷумла даргириҳо байни мусулмонони ҳанафимазҳаб ва дигар равияҳои ғайрианъанавӣ ва гурӯҳҳои тундгароро аз сар гузаронидааст. Аз ин рӯ, эҳтимол пурсидашудагон дар таъкид ба дин ҳамчун омили ҳамбастагӣ эҳтиёткор буданд.

Дар марҳалаи сеюм, аз миёни 15 унсури ваҳдати миллӣ, «мазҳаби ҳанафӣ» 11,6% ва «мазҳаби исмоилия» 1,9% овоз гирифтанд. Ин нишон медиҳад, ки гарчанде ин мазҳабҳо барои қишрҳои муайян аҳаммият доранд, унсурҳои дигар – ба монанди расму оинҳои миллӣ, забон, худшиносӣ, ватандӯстӣ ва арзишҳои муштарак – ҳамчун омилҳои умумии ҳамбастагӣ ва ваҳдати миллӣ эътироф мешаванд.

Омили навбатӣ *иқтисодиёт* мебошад, ки он соҳаи асосии зиндагии фардӣ ва ҷамъии ҷомеаи башарӣ ба ҳисоб рафта, барои қонеъгардонии талаботи ҳаётан муҳими инсонҳо нақш мебозад. Донишмандон эътироф кардаанд, ки мояи ҳастиву рушди ҷомеаи инсониро соҳаи иқтисод муайян мекунад [9, с. 10] ва фардиятҳоро барои муттаҳид гаштан зарурияти воқеӣ ва ё муносибатҳои потенсиалӣ ҷалб мекунад, ки ба он қонеъ кардани талаботҳо, истифодаи захираҳо ва ба даст овардани мақсадҳо равона шудааст [13, с. 51]. Бинобар ин, дар пайдоиш ва инкишофи ваҳдати миллӣ омилҳои иқтисодӣ нақши калон мебозанд [193, с. 139]. Аз ин рӯ таъкид шудааст, ки агар ягонагии иқтисодии кишвар ба даст наояд, муносибатҳои пешқадами истеҳсолӣ ба роҳ монда нашаванд ва зиндагии арзанда таъмин карда нашавад ҳеҷ гоҳ иттиҳод ва ваҳдати миллӣ ба даст намеояд [208, с. 117].

Бо дарки ин нукта, Тоҷикистон маҳз пас аз оғози соҳибистиқлолии давлатӣ ба ташаккулу бунёди иқтисодиёти воқеии миллии худ камар баст. Ин раванд пас аз поёни ҷанги шаҳрвандӣ суръати бештар ва сифати беҳтар ба худ гирифт. Барои инкишофи минбаъдаи кишвар, ҳадафҳои стратегии таъмини рушди босуботи иқтисодиёти Тоҷикистон муайян гардид. «Ҳадафҳои стратегии кишварро Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳз бо назардошти рисолати идеяи миллӣ, яъне «ваҳдати миллӣ» муайян намуданд» [327].

Яке аз афзалиятноктарин вазифаҳое, ки дар назди Пешвои миллат қарор дошт, иборат буд аз берун овардан ва раҳо кардани минтақаҳои Тоҷикистон аз бунбасти роҳҳои иртибототӣ, яъне беҳбуди вазъи коммуникатсионии кишвар [329]. Зеро ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва вазъи кӯҳсори кишвар масъалаи роҳсозӣ ва роҳкушоиро дар радифи стратегияи аввалияи давлатӣ қарор дод. Аҳаммияти сохтан ва таҷдиду тармим кардани роҳҳои мошингард дар он аст, ки онҳо «чун рагҳои хунгард кишвару миллати моро ба организми ягона табдил медиҳанд ва сулҳу ваҳдати моро саросарӣ ва устувор месозанд» [47, с. 15] ва «баровардани мамлакат аз бунбасти коммуникатсионӣ омили муҳими устувории ваҳдати миллӣ мегардад» [214, с. 74]. Пас аз ифтитоҳи нақбҳо ва сохтмону таҷдиди иншоотҳои нақлиётӣ, мушкилаи иртибототи роҳӣ байни минтақаҳои гуногуни кишвар бартараф гардид.

Дар самти таъмини истиқлолияти энергетикӣ низ сиёсати иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурӣ ба он равона шудааст, ки аз захираҳои обии кишвар барои истеҳсоли қувваи барқ ва низ шодоб кардани заминҳои кишоварзӣ истифода барад. «Имрӯз Тоҷикистон аз рӯи фоизи истеҳсоли «энергияи сабз» шашум кишвари пешсафи сайёра мебошад» [322]. Баҳодиҳиҳои пешакӣ нишон медиҳанд, ки Тоҷикистон дар ояндаи наздик чун кишвари содиркунандаи нерӯи барқ дар ҷаҳон шинохта хоҳад шуд. Сеюмин ҳадафи стратегӣ таъмини амнияти озуқаворӣ аст, ки «барои ноил

гардидан ба он тадбирандешиҳои доимӣ амалӣ карда мешаванд» [326]. Баҳри расидан ба ҳадафи чаҳорум, яъне саноатикунонии босуръати кишвар «айни замон Ҳукумат фаъолиятҳоро доир ба ҷалби сармояи мустақим, бунёди корхонаҳои навъи истеҳсолӣ, ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва ташкили ҷойҳои корӣ, вусъат бахшида истодааст» [319]. Ва «иқдоми саноатикунонии мамлакат ба таври назаррас дар амал татбиқ мешавад» [320].

Нуктаи муҳим он аст, ки миёни иқтисодиёт ва ҳамбастагии иҷтимоӣ робитаи дутарафаи сабабу натиҷа вуҷуд дорад. Агар иқтисодиёт омили ҳамбастагии иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад, ҳамбастагии иҷтимоӣ низ боиси рушду инкишофи иқтисодиёт мегардад. Таърихи инсоният собит кардааст, ки маҳз дар шароити ваҳдату ҳамбастагӣ ва сулҳу амнияти ҷомеа соҳаи иқтисоди кишварҳо тараққӣ ёфтааст. Дар шароити муосир низ «ваҳдати миллӣ дар инкишофи ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеаамон нақши бузург дорад» [30, с. 24 ва 27].

Нуктаи дигар ин ки дар раванди иқтисодиёт ҳамкориҳои байни аъзои ҷомеа бештар гашта, фаъолияти муштараки истеҳсолӣ ташаккул меёбад ва маҷмуи ин муносибатҳо ҳамбастагиро тақвият мебахшад. Ин ба он хотир аст, ки иқтисодиёт дорои хусусияти тақсими меҳнат буда, барои таъйини вазифаҳо ва пешгирии омехташавии нақшҳо аҳаммият дорад. Тақсими меҳнат ҳар фардро бар асоси тахассус ва лаёқатмандӣ ба вазифаи муайяне водор мекунад, ки боиси вобастагӣ ва ниёзмандии мутақобилаи аъзоён гардида, ҳамбастагиро таҳким мебахшад.

Дар таҳқиқоти гузаронидашуда, аз мусоҳибашудагон оид ба омилияти «иқтисодиёт» пурсиш ба амал омад (нигаред ба расми №6):

Расми 6. Иқтисодиёт чи хел метавонад дар раванди мустаҳкамгардии ваҳдати миллӣ таъсиррасон бошад? (То се ҷавоб) (n=320, %)

№	Иқтисодиёт ва ваҳдати миллӣ	Ҳа	Не	Ба ҷавоб гуфтан душворӣ мекашам	Аз ҷавоб гуфтан рӯй гардонд	Ҳамагӣ
1	Иқтисодиёт талаботи ҳаётан муҳими инсонҳоро қонеъ мегардонад	64,7	34.1	0,9	0,3	100
2	Иқтисодиёт мояи ҳастиву рушди ҷомеаи инсониро муайян мекунад	50,3	48,1	0,9	0,6	100
3	Дар раванди иқтисодиёт ниёзмандии байниҳамдигарии аъзои ҷомеа бештар мегардад	37,8	60,6	0,9	0,6	100
4	Дар раванди иқтисодиёт фаъолияти муштараки истеҳолӣ ташаккул меёбад	51,9	46,9	0,6	0,6	100
5	Иқтисодиёт ҳеҷ таъсире дар раванди мустаҳкамгардии ваҳдати миллӣ намерасонад	9,7	89,1	0,9	0,3	100

Натиҷаи таҳқиқот нишон дод, ки посухҳои №1, №4 ва №2 бештарини фоизҳоро ба худ ихтисос додаанд. Тибқи ин се посух, иқтисодиёт аз он ҷиҳат дар раванди мустаҳкамгардии ваҳдати миллӣ таъсиррасон аст, ки он, дар *аввал*, талаботи ҳаётан муҳими инсонҳоро қонеъ мегардонад. *Дуюм*, дар раванди иқтисодиёт фаъолияти муштараки истеҳолӣ ташаккул меёбад. Ин нуқтаи назар бо он ғоя мутобиқат дорад, ки ҳамкориҳои иқтисодӣ миёни табақаҳои гуногуни аҳолӣ пулҳои пайвандӣ бунёд карда, ба муттаҳидшавӣ ва ваҳдати миллӣ оварда мерасонад. *Сеюм*, иқтисодиёт мояи ҳастиву рушди ҷомеаи инсониро муайян месозад. Иқтисодиёти мутараққӣ ҳамчун асоси пешрафти ҷомеа арзёбӣ мешавад, ки дар навбати худ ба таҳкими ҳисси ваҳдати миллӣ мусоидат мекунад.

Ҳамчунин, аз мусоҳибашудагон оид ба омилияти падидаи «иқтисодиёт» дар расми №2 низ пурсида шуд. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон дод, ки омили мазкур 11,3%-и овозҳоро ба даст овардааст. Сарфи назар аз аҳаммияти худ, «рушди иқтисодиёт» дар ин назарсанҷӣ авлавияти нисбатан паст гирифтааст. Ин аз он бармеояд, ки омилҳои

дигар метавонанд дар таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ зудтар ё муҳимтар дониста шаванд. Аз тарафи дигар, афзалияти пасти «рушди иқтисодиёт» мураккабии ҳалли мушкилоти иқтисодиро дар доираи васеътари некӯаҳволии ҷомеа инъикос намуда, мушкилотеро, ки Тоҷикистон дар роҳи ноил шудан ба рушди устувор ва фарогир дучор шуда метавонад, таъкид мекунад. Бо рафъи нобаробарии иқтисодӣ ва фароҳам овардани имкониятҳо барои ҳамаи шаҳрвандон, ҷомеаи Тоҷикистон метавонад ваҳдати миллиро таҳким бахшад.

Аз дигар омилҳои муҳими таҳким ва тақвияти ҳамбастагии иҷтимоӣ мавҷудияти *ҳадафҳои муштарак* мебошад. Ин масъала равшан аст, ки гурӯҳҳо ва ҷомеаҳо наметавонанд бе доштани ҳадафҳои муштарак ва бидуни ангезаи дастёбӣ ба онҳо фаъолияти самарабахш анҷом дода, ба натиҷаҳои дилхоҳу мантиқӣ бирасанд. Ҳадафҳои муштарак боис мешаванд, ки афроди ҷомеа барои дастёбӣ ба онҳо бо якдигар ҳамкорӣ кунанд. Дар раванди ин ҳамкорӣ ҳам «амалҳои мутақобилаи афрод» афзоиш меёбад ва ҳам дараҷаи ангеза ва шӯру шавқи онҳо барои дастёбӣ ба натиҷаҳои матлуб боло меравад. Ҳамаи инҳо, ҳамзамон ба таҳкиму тақвияти ҳамбастагии иҷтимоӣ меанҷомад.

Бинобар ин, ҳар давлате, ки мехоҳад дар ин дунёи пурмоҷаро натанҳо боқӣ бимонад, балки ба рушду тараққӣ ва иқтидору устуворӣ дар ҳамаи соҳаҳои зиндагӣ даст ёфта, ҳамбастагии иҷтимоиро низ таҳким бахшад бояд барои фардои хеш барнома ва ҳадаф таъйин намояд. Аз ин рӯ, мебинем «имрӯз дар роҳи бунёди давлати воқеан соҳибистиқлол, демократӣ, дунявӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон, ки ҷавобгӯ ба ниёзҳо ва орзуву ормонҳои миллии мардум бошад, ҳадафҳо ва самтҳои асосии сиёсати дохиливу хориҷии давлати Тоҷикистон муайяну возеҳ карда шудаанд» [43, с. 413].

Ҳадафҳоеро, ки Ҳукумати Тоҷикистон барои ояндаи давлатдорӣ таъйин кардааст, метавон ба ду бахш тақсим намуд: бунёдӣ ва стратегӣ.

Ҳадафҳои бунёдӣ иборатанд аз таъмини амнияти миллӣ, таҳкими суботи сиёсӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди иқтисоди миллӣ [43, с. 365], ҳимояи манфиатҳои миллӣ, ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, таҳкими ваҳдати миллӣ [43, с. 381 ва 501], рушди соҳаи маориф [43, с. 514], таъмини саломатии миллат аз роҳи тараққӣ додани соҳаи тандурустӣ [43, с. 73], беҳтар гардонидани сатҳу сифати зиндагии мардум [43, с. 75] ва дастгирии гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа [43, с. 400]. Ҳамаи инро метавон дар як калом чунин хулоса кард: ободии Ватан ва осоиши мардум [43, с. 81] ё расидан ба сатҳи шоистаи зиндагӣ ва шароити мусоиди иҷтимоӣ барои ҳар фарди ҷомеа [45, с. 322].

Ҳадафҳои бунёдӣ бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ ва бар пояи онҳо муайян карда мешаванд ва «манфиатҳои миллӣ бар пояи мероси фарҳангӣ ва арзишҳои маънавии халқи тоҷик асос ёфта, манфиатҳои ҳаётан муҳими шаҳрвандонро ташкил медиҳанд» [26, с. 159]. Сабаби ин ки ҳадафҳо дар як давлати миллӣ боиси ҳамбастагии иҷтимоӣ мегарданд, ҳамин аст, ки онҳо бар пояи «манфиатҳои миллӣ» ташаккул ёфта, унсури «миллӣ» ҷузъи таркибии онҳо ба ҳисоб меравад.

Ҳадафҳои стратегии Тоҷикистон чаҳор самтро дар бар мегиранд: 1) таъмини истиқлолияти энергетикӣ; 2) баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ; 3) таъмини амнияти озуқаворӣ; 4) саноатикунонии босуръати кишвар. Ба ҳар кадом аз ҳадафҳои стратегӣ лоиҳаҳои гуногуни бузург, миёна ва хурд шомил мебошанд. Яъне дар ин миён, гурӯҳи сеюми ҳадафҳо низ вуҷуд доранд – ҳадафҳои лоиҳавӣ. Пас метавон се ҳадафи бунёдӣ, стратегӣ ва лоиҳавиро, бо тартиб, чун мегаҳадаф, макроҳадаф ва микроҳадаф дар назар гирифт.

Гузашти замон нишон дод, ки ин ҳадафҳо аз солҳои аввали эълон шуданашон то ба имрӯз, ҳам бо роҳнамоиҳою дастгириҳои давлат ва ҳам бо азму иродаи созандагиву бунёдкории мардум, тадриҷан яке пас аз дигарӣ ҷомаи амал пӯшида истодаанд.

Аз дигар омилҳои ташаккул ва инкишофи ҳамбастагии иҷтимоӣ қарордодҳо ё *шартномаҳои ҷамъиятӣ* мебошад. Пеш аз ин гузашт, ки ҷомеашиносоне чун Томас Гоббс ва Жан-Жак Руссо муҳимтарин омили ҳамбастагиро «шартномаи ҷамъиятӣ» медонанд. Шартномаи ҷамъиятиро метавон ба ду қисм ҷудо кард: расмӣ ва ғайри расмӣ. Шартномаи расмӣ дар навбати худ ба сиёсӣ ва ғайри сиёсӣ тақсим мешавад. Шартномаи сиёсӣ маънои онро дорад, ки «одамон аз ҳуқуқҳои соҳибихтиёрии худ ба манфиати давлат қисман даст мекашанд, то манфиатҳои худро тавассути давлат таъмин намоянд» [287].

Нахустин ҳадафи шартномаи сиёсӣ ин ташкили давлат аст, ки дар замони муосир ба сурати «интихобот» анҷом мегирад. Аммо шартномаи сиёсӣ танҳо ба интихобот маҳдуд намегардад, балки он навъҳои гуногун дорад, монанди қарордодҳои дипломотӣ миёни кишварҳо, қарордоди ҳарбӣ-низомӣ, қарордоди оташбас ва сулҳу оштӣ миёни тарафҳои даргир, ҳамапурсиҳо ва ғайра. Шартномаи ғайри сиёсӣ бошанд қисми боқимондаи қарордодҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дар бар мегирад, монанди шартномаҳои меҳнатӣ, тиҷоратӣ, муҳофизатӣ, саломатӣ, амниятӣ, шарикии иҷтимоӣ ва дигар созишномаҳои гуногуни ҳуқуқӣ миёни афрод ва гурӯҳҳо.

Дар баробари шартномаҳои расмӣ, байни афрод ва гурӯҳҳо шартномаҳои ғайрирасмӣ ё нонавишта низ вуҷуд доранд. Ҳар ду навъи шартномаҳо қариб тамоми соҳаҳои зиндагии мардумро фаро мегиранд. Аз муносибатҳои оилавӣ то фаъолияти бозор, мағоза, бонк, мактаб, донишгоҳ, нақлиёти ҷамъиятӣ ва дигар соҳаҳо ҳамарӯза қарордодҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд меоянд. Ин воқеият нишон медиҳад, ки одамон барои қонеъ сохтани ниёзҳои моддӣ ва маънавии худ ба ҳамдигар вобастаанд ва зиндагии ҷамъиятӣ бар пояи муносибатҳои шартномавӣ устувор аст. Чунин вобастагӣ тақозо менамояд, ки ҳар як тараф ба ӯҳдадориҳои худ содиқ бимонад ва ба ваъдаҳои додааш вафо кунад. Аз ин рӯ,

«шартномаи ҷамъиятӣ ҳам роҳи оқилонаи дастёбӣ ба манфиатҳост ва ҳам нишонаи ахлоқ ва шаъну шарафи инсонист» [250, с. 131]. Маҳз ба ҳамин сабаб шартномаи ҷамъиятӣ яке аз омилҳои муҳими ташаккул ва таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил ва ҷомеаи муташаккил, ҳамаи шаклҳои шартномаи ҷамъиятиро дар бар мегирад. Яке аз муҳимтарин шартномаҳои давраи соҳибистиқлолӣ санади тақдирсози сулҳу оштӣ, яъне «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ» мебошад. «Ба чунин як ҳуҷҷати муҳими барои миллати тоҷик тақдирсоз, аз ҳар ду ҷониб қариб 70 нафар имзо гузоштанд» [194, с. 208]. Ин рӯйдоди таърихиро ёдоварӣ намуда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чунин изҳор намудаанд: «Рӯзи ба имзо расидани Созишнома, яъне 27-уми июни соли 1997 барои мо, воқеан, оғози ҳамдигарфаҳмиву сарҷамъӣ мебошад» [301]. Яъне сулҳу ваҳдати бадастомада натиҷаи қарордоди байниҳамдигарии миллати тоҷик буд, зеро ҳамаи «мо хуб дарк намудем, ки ҷанги бародаркуш ғолибу мағлуб надорад» [43, с. 5].

Дар назарсанҷӣ, ба саволи гузошташудаи «Кадом омилҳо боиси устувории пояҳои ваҳдати миллӣ мешаванд?» (нигаред ба расми №2). омили «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ» 19,1%-и овозҳоро касб кард. Ин нишондиҳанда ба назар кам мерасад; шояд баъзе пурсидашудагон дар бораи он ки созишномаи сулҳ чист, даркҳои гуногун дошта бошанд ё омилҳои дигареро, ки онҳо барои ваҳдати миллӣ фаврӣ ё муҳимтар меҳисобанд, афзалият диҳанд. Аз ин рӯ, ҳарчанд 19,1% назаррас нест, вале он ҳанӯз ҳам як қисми пурсидашудагонро ташкил медиҳад, ки аҳаммияти авлавият додан ба талошҳои бунёди сулҳ ва таъмини тааҳҳудоти устувор барои таҳкими ваҳдатро дар Тоҷикистон таъкид мекунад.

Шояд тааҷҷубовар бошад, вале воқеият нишон додааст, ки падидаи *низоъ* ё *ҷанг* яке аз омилҳои ташаккул ва таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ дар сатҳи макросотсиологист. Яъне дар баробари ин ки низоъ даҳҳо вазифаҳои гуногунро иҷро мекунад, дар айни замон чун водоркунандаи инкишофи ҷамъият баромад карда [27, с. 54], ҳамчун омили созиш, сулҳ ва иттиҳод зоҳир мегардад. Муҳаққиқон ба ин назаранд, ки низоъ падидаи тасодуфӣ, даргузар ва саросар манфӣ набуда, рукни таркибӣ ва зарурии маносибатҳои иҷтимоист ва ба такомул ва таҳкими ваҳдат ва таҳаввули равандҳои иҷтимоӣ фаъолона мусоидат мекунад [191, с. 47-48]. Ба ин хотир, «аксарияти олимони низоъшинос ба он ҳамчун воситаи ҳалли ихтилофҳои иҷтимоӣ ва нигоҳдошти мувозинат дар сохтори ҷамъиятӣ менигаристанд» [13, с. 48]. Аз ин рӯ, дар адабиёти низоъшиносӣ боби алоҳидаи «вазифаҳои низоъ» боз шуда, дар он яке аз муҳимтарин вазоифи низоъ эҷоди сулҳ, ҳамбастагӣ ва ваҳдат баён гардидааст.

Механизми дар заминаи низоъ ҳаллу фасл гардидани ихтилофот ва ба ҳамфикрию ҳамбастагӣ расидани тарафҳои даргир чунин аст: дар ҳолати ба авҷи худ расидани низоъ тарафҳои даргир ба ин хулоса меоянд, ки кори онҳо ба бунбаст расидааст. «Дарки возеҳи бунбасти ҳалли мусаллаҳона оғози амалии раванди хатми низоъ мебошад. Нишондиҳандаи муҳим ва амалии ин марҳала – оғоз ва ҷараёни музокирот аст» [13, с. 48]. Дар раванди музокирот, тарафҳои даргир барои дастёбӣ ба нуқтаҳои муштарак бо ҳамдигар ҳамкорӣ мекунанд ва бо мақсади дастёбӣ ба манфиатҳои хеш, бо ҳам мусолиҳа ва гузашт менамоянд. Зеро «дар натиҷаи мубориза мухолифон якдигарро аз низдик мешиносанд, бо нуқтаи назари якдигар шинос шуда, метавонанд муносибати худро тағйир диҳанд ва якҷоя муҳити эътимод ва оромиро ба вуҷуд оваранд» [27, с. 54]. Ҳамин тавр, низоъ доираи муносибатҳои

тарафҳои муқобилро васеъ намуда, дар қатори ин барои муттаҳидии онҳо замина муҳайё менамояд [13, с. 55-56].

Ин матлаб ҳақиқат дорад ва дар таҷрибаи низои шаҳрвандии Тоҷикистон ба исбот расидааст. «Дар он лаҳзаҳо ҳар ду ҷониб дарк карданд, ки натиҷаи ихтилоф метавонад давлати Тоҷикистонро аз байн барад. Дарки ин нукта ба ҳам омадани назарҳо ва сабаби ба имзорасии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон гардид» [260].

Илова бар ин, дар шароити баъд аз низоъ мардум аз назари рӯҳӣ-равонӣ дучори эҳсоси тарс аз низоъ мегарданд, ҳолати стресс ва эҳсоси хавфи дубора сар задани ҷангу даргирӣ дар вуҷуди онҳо боқӣ мемонад. Мисоли онҳо дар ин бобат мисоли касест, ки мор нешаш задааст, вале ӯ аз арғамчин метарсад. Дар чунин як ҳолат, «стресс хусусияти ҳимоявӣ-мутобиқшавӣ дошта, ба мустаҳкам гардидани сатҳи устувории организм аз таъсири ҳолатҳои махфии вазъиятҳои ҳаётӣ равона мегардад» [13, с. 109].

Муҳимтар аз ин, баъд аз ҷанг мардум ба қадру қимати бебаҳои сулҳу оромиш мерасанд ва аз фазои эҷодшудаи боамну осуда шукргузорӣ мекунанд. Бо таъкиди Сарвари давлат: «Сабақҳои талхи ҷанги шаҳрвандӣ набояд ҳеҷ гоҳ аз лавҳи хотири халқи мо фаромӯш гардад. Сабақҳои ҷанги шаҳрвандӣ чун зангӯлаи таърих моро ба ҳушёрӣ даъват намуда, водор месозанд, ки ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботро ҳамеша ҳифз ва чун гавҳари қиматбаҳо эҳтиёт намоем» [304]. Мардуми ҷангдида минбаъд кӯшиш менамоянд, ки ҳушёрии сиёсиро аз даст надода, худогоҳии миллӣ ва ҳисси ватанпарастии хешро боло баранд, то дигар ҳеҷ гоҳ дар гирдоби хуношоми низоъ қарор нагиранд. Ба гуфтаи сиёсатшиноси тоҷик Ҳайдарзода Рустам: «Баъд аз ҷанги шаҳрвандӣ халқи мо як навъ «иммунитет»-и баланди сиёсӣ пайдо кардааст, ки асоси онро ваҳдати миллӣ ифода мекунад. Ба ин хотир, минбаъд ягон намуди таҳдид бар сулҳу суботи Тоҷикистон таъсир расонда ва мардуми ин

кишварро ба дигар ҷанги нави шаҳрвандӣ водор карда наметавонад» [239, с. 141].

Дар таҳқиқоти сотсиологии гузаронидаи муаллиф, яке аз саволҳо марбут ба «ҷанги шаҳрвандӣ» мебошад (нигаред ба расми №7).

Расми 7. Ҷанги шаҳрвандӣ чӣ нақше дар раванди ваҳдату ҳамбастагӣ дошт? (То ду ҷавоб) (n=320, %)

№	Нақши ҷанги шаҳрвандӣ дар раванди ваҳдату ҳамбастагӣ	Ҳа	Не	Ба ҷавоб гуфтан душворӣ мекашам	Аз ҷавоб гуфтан рӯй гардонд	Ҳамагӣ
1	Ҷанг ваҳдати мавҷудбударо аз байн бурд	21,9	76,9	0,9	0,3	100
2	Ҷанг боиси ҳамгироӣ ва ҳамбастагии тарафҳои мухолиф гардид	15,6	83,1	0,9	0,3	100
3	Ҷанг сабаб шуд, ки мо ба қадру қимати сулҳ пай бибарем ва онро гиромӣ дорем	72,8	25,6	0,9	0,6	100
4	Ҷанг фақат вайронӣ овард	29,7	69,1	0,6	0,6	100

Натиҷаҳо нишон дод, ки 21,9%-и респондентҳо ҷангро боиси аз байн рафтани ваҳдати мавҷуд медонанд. 15,6% бар ин назаранд, ки ҷанг ба ҳамгироии тарафҳои мухолиф мусоидат кардааст, зеро таҷрибаи муштараки низоъ метавонад таъсири муттаҳидкунанда дошта бошад. Аксарият (72,8%) таъкид карданд, ки ҷанг сабаб шуд то ба қадри сулҳ пай барем ва онро гиромӣ дорем, ки ин аз таъсири дигаргунсозандаи душвориҳо ба шуури коллективӣ шаҳодат медиҳад. 29,7% посух доданд, ки ҷанг фақат харобӣ овард.

Гуногунии андешаҳо дар ин бора ба мураккабии он ишора мекунад, ки афрод чӣ гуна таъсири ҷанги шаҳрвандиро ба ваҳдат ва ҳамбастагӣ дарк мекунанд.

Яке аз муҳимтарин омилҳои ҳамбастагии иҷтимоӣ ин *гуфтугӯ*, ё худ *музокира* аст. «Музокира раванде мебошад, ки дар он ду ва ё зиёда ҷониб баҳри ҳалли мушкилоти муносибати байни ҳамдигар талош варзида,

муайян мекунанд, ки ҳар яке аз тарафҳо чӣ мегирад, ё аз даст медиҳад, чӣ амалеро иҷро мекунад ва ба чӣ ноил мегардад» [218, с. 76]. Бинобар ин, дар раванди музокира тарафҳо барои дастёбӣ ба нуқтаҳои муштарак ва ноил шудан ба ҳамфикрӣ бо якдигар ҳамкорӣ мекунанд. Ин ҳамкорӣ худ дар қадами аввал рамзи ҳамбастагии ду тарафи музокира аст ва агар тарафҳо ба натиҷаҳои матлуб низ даст ёбанд, ҳамбастагӣ сифатан ба сатҳу дараҷаи болотар мерасад.

Матлаби мазкур ҳақиқат дорад ва дар таҷрибаи музокироти сулҳу созиши Тоҷикистон асоси воқеӣ доштани худро исбот намуд. «Роҳбарияти сиёсии мамлакат ягона роҳи дурусти ба сулҳи комили миллӣ расиданро дар гуфтушунидҳо бо мухолифини муттаҳида медид» [216, с. 67]. Бо таъкиди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон: «Мо аз кӯшишҳои бо роҳи зӯрӣ ҳал намудани мушкилоти сиёсиву иҷтимоӣ даст кашида, музокироту созишро чун роҳи ягонаи расидан ба сулҳ ва нақоти миллӣ пазируфтем» [43, с. 5].

Омили муколама нахуст барои музокироти расмӣ роҳ кушод (1993-1994); дуюм, ба рафти музокирот барои имзои Созишномаи сулҳ мусоидат кард (1994-1997); сеюм, дар марҳилаи гузариш барои густариши раванди оштии миллӣ кӯмак намуд (1997-2000) [206, с. 7]. Мароҳили мазкур нишон медиҳад, ки сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ барои тоҷикистониён чандон бо осонӣ муяссар нагаштааст. Бо таъкиди Пешвои миллат, ки мегуфт «тоҷикон худашон бояд ҳамаи масъалаҳои марбут ба Тоҷикистонро аз роҳи муколама ва гузаштҳои дутарафа ҳал намоянд» [213, с. 72], сулҳи тоҷикон муяссар гардид ва ҳамбастагию ваҳдати миллӣ тақвият ёфт.

Яке аз масоиле, ки Сарвари давлат борҳо онро дар суханрониҳои худ матраҳ намудаанд ин масъалаи гуфтугӯи фарҳангҳо ва тамаддунҳо мебошад. Зарурати тарҳи ин масъала аз назари эшон ба ин хотир аст, ки

дар шароити муосири ҷаҳон гуфтугӯи фарҳангҳо ва тамаддунҳо яке аз роҳҳои муассири эҷоди ҳамдилию ҳамбастагист: «Ба назари мо, таваҷҷӯҳи бештар ба гуфтугӯи тамаддунҳо метавонад боиси коҳиши ташаннуҷҳо ва эҷоди ҳусни тафоҳум гардад» [43, с. 429]. Бо таваҷҷӯҳ ба зарурати масъала, дар Тоҷикистон соли 2009 ба унвони Соли бузургдошти Имоми Аъзам эълон гардид ва ба ҳамин муносибат симпозиуми байналмилалӣ баргузор шуд. Ҳадаф аз он, тибқи изҳороти Пешвои миллат ин буд, ки «мо хостем, ки ба ин васила нақшу мақоми мероси имониву диниро дар муттаҳид сохтани халқҳо аз роҳи гуфтугӯи тамаддунҳо нишон диҳем» [43, с. 125].

Аз рӯйдодҳои муҳими таърихӣ барои Тоҷикистон, ки тавассути музокирот падид омад, барқароршавии сифатан нави муносибатҳои дипломатӣ байни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон буд. Ҳарчанд равобити расмӣ соли 1992 барқарор шуда [282], то соли 2018 тамосҳои сиёсӣ дар сатҳи олӣ сурат мегирифт, ин муносибатҳо сард ва дар баъзе ҳолатҳо шиддатнок буданд. Аз моҳи марти соли 2018 тағйироти мусбат рух дод ва ҳамкориҳо ба сатҳи нав баромаданд. Дар натиҷаи гуфтушунидҳо, масъалаҳои ҳалталаби ду тараф, аз ҷумла мушкилоти рафтуомади мардуми сарҳадӣ, ки беш аз ду даҳа аз ҳам ҷудо буданд, бартараф гардид. «Аҳдномаи дӯстӣ» ва «Шартномаи шарикии стратегӣ» ба имзо расид. Дарахти дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек, ки решааш дар умқи асрҳо ҷой дорад, аз чашмаи музокира обу тоби нав ёфт ва меваи ҳамбастагиро ба бор овард.

Яке дигар аз омилҳои ҳамбастагии иҷтимоӣ, бахусус дар раванди барқарорсозии сулҳ ва ташаккули ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон, фаъолияти сулҳҷӯёнаи роҳбарони баъзе кишварҳои минтақавӣ ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ мебошад, ки ба ҳайси *миёнаравон* барои ҳалли низои байнитоҷикӣ иқдом намуданд. Зеро умуман «барои муваффақияти музокирот миёнараве даркор аст, ки тавонад манфиати

умумиро риоя кунад ва дар вақти бӯҳронҳо тарафҳоро ба ҳам оштӣ андозад» [217, с. 167]. Дар ин хусус Сарвари давлат чунин хотиррасон кардаанд: «Сулҳу субот ва ваҳдат бо хираду заковати азалии миллатамон, иродаи кулли мардуми тоҷик, инчунин мадади беғаразонаи созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва кишварҳои миёнарав муяссар гардид» [41, с. 101].

Миёнаравҳо ё худ ҷониби сеюм, дар эҷоди сулҳу созиш бо истифода аз нуфуз, дипломатия ва малакаҳои муошират худ нақши муҳим мебозанд. Таъсири онҳо фаротар аз мизи гуфтушунид буда, ба ҷанбаҳои гуногуни ҳалли низоъҳо ва муайян кардани заминаҳои умумӣ ва манфиатҳои муштарак кӯмак мекунанд. Тарафҳо аз сабаби эҳтироме, ки нисбат ба миёнарав доранд, барои риояи созишномаҳои тавассути миёнаравӣ ҳосилшуда бештар омода мебошанд. Миёнаравҳои бонуфуз метавонанд на танҳо нишонаҳо, балки сабабҳои аслии низоъро ҳал намуда, ба эҷоди сулҳу субот мусоидат кунанд.

Дар давоми низои шаҳрвандии Тоҷикистон (солҳои 1992-1997) бо мақсади ба ҳам наздик кардани тарафҳои даргир ва истиқрори сулҳ, миёнаравҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ба фаъолияти худ оғоз бахшиданд. Дақиқтараш «даври аввали музокироти байни тоҷикон оид ба мусолиҳаи миллӣ 5-ум то 19-уми апрели соли 1994 дар Маскав таҳти сарпарастии СММ ва бо иштироки нозирони Афғонистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Покистон, Федератсияи Русия ва Узбекистон баргузор шуд» [6, с. 532]. Дигар миёнаравҳои байналмилалӣ иборат буданд аз: Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо, Бунёди Кеттеринг (ИМА), Маркази баррасиҳои стратегии Русия, Созмони Конфронси Исломӣ, Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил. Аз миёни инҳо «нақши сулҳофарии Ҳайати нозирони Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон тӯли 7 соли фаъолияташ хеле бузург буд» [222, с. 182].

Бо миёнаравии созмонҳои байналмилалӣ, бахусус СММ ва кишварҳои минтақа «Музокироти сулҳи тоҷикон» ба натиҷаи матлуб даст ёфт ва ниҳоятан дар рӯзи таърихии тақдирсоз барои мардуми Тоҷикистон, яъне 27-уми июни соли 1997 дар шаҳри Маскав санади Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид.

Яке дигар аз омилҳо, дақиқтараш василаҳои бениҳоят муҳими тақвиятдиҳандаи ҳамбастагии иҷтимоӣ ва таҳкимбахши ваҳдати миллӣ дар сатҳи макросотсиологӣ ин *воситаҳои ахбори омма – ВАО* ҳастанд. Эътироф бояд кард, ки дар ҳама марҳилаҳои инкишофи ҷомеа нақш ва мақоми воситаҳои ахбори омма чун имрӯз бузург ва ҳалкунанда набудааст. Зеро «оғози асри XXI марҳилаи рушду тараққиёти бесобиқаи илму технология, махсусан технологияҳои иттилоотӣ ба шумор меравад» [248, с. 152]. Нақши ВАО ба ҳадде аст, ки гуфта мешавад «ҷаҳони имрӯза аз рӯи қоидаи нонавишта тобеи он гардидааст, ки ҳодиса ба вуқуъ пайвастааст, агар дар бораи он ВАО ба аудиторияи васеъ хабар дода бошад. Агар дар бораи ҳодиса ВАО иттилоъ надода бошад, гӯё он воқеъ нагардидааст» [281]. Аҳаммияти матбуот ва воситаҳои ахбори омма махсусан дар замони дигаргуниҳои равандҳои рушди ҷомеа, ивазшавии идеологияҳо ва ба вуҷуд омадани дурнамои нави иҷтимоӣ басо бузург аст.

Дар Тоҷикистон, мисли ҳар кишвари дигар, ду намуд категорияи ВАО – чопӣ ва электронӣ фаъолият мекунанд. ВАО дар кишвар, бо ҳар ду намудаш, яке аз муҳимтарин вазифаҳо, яъне таҳким ва тақвият кардани ҳамбастагии иҷтимоиро иҷро мекунад. Воқеан ҳам воситаҳои ахбори омма дар таҳкими ваҳдати миллӣ нақши калидӣ доранд [316]. Маҳз фаъолияти хастанопазири ниҳоди ВАО буд, ки моҳияту аҳаммияти ваҳдати миллиро ба мардум расонид ва мардум хуб дарк карданд, ки танҳо ваҳдату ягонагӣ метавонад моро ҳаёти орому осуда бахшида, кишварамонро ба қуллаҳои баланди пешрафту шукуфоӣ расонад.

Дар назарсанҷии гузаронидаи муаллиф, яке аз саволҳо марбут ба ВАО ва матбуот мебошад (нигаред ба расми №8):

Расми 8. Аз кадом сарчашмаҳо оид ба «ваҳдати миллӣ» маълумот дастрас мекунед? (Якчанд ҷавоб) (n=320, %)

№	Сарчашмаҳо оиди «ваҳдати миллӣ»	Ҳа	Не	Ба ҷавоб гуфтан душворӣ мекашам	Ҳамагӣ
1	Шабакаҳои телевизиони дохилӣ	54,4	45,0	0,6	100
2	Шабакаҳои телевизиони хориҷӣ	3,4	95,9	0,6	100
3	Сомонаҳои дохилии интернетӣ	32,8	66,6	0,6	100
4	Сомонаҳои хориҷии интернетӣ	5,6	93,8	0,6	100
5	Шабакаҳои иҷтимоӣ	23,1	76,3	0,6	100
6	Газетаҳо ва маҷаллаҳо	33,1	66,3	0,6	100
7	Радио	11,3	87,8	0,9	100
8	Китобҳо	33,1	66,3	0,6	100
9	Мактаб/донишгоҳ/муаллимон	61,3	37,8	0,9	100
10	Дӯстон ва шиносон	6,6	91,9	0,9	100
11	Аъзои оила ва хешовандон	11,3	87,8	0,9	100
12	Овезаҳо, баннерҳо, шиорҳо	12,8	86,3	0,9	100
13	Ман умуман дар бораи «ваҳдати миллӣ» маълумот дастрас намекунам	0,6	98,8	0,6	100

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки аксарияти мусоҳибон (61,3%) «мактаб/донишгоҳ/муаллимон»-ро ҳамчун манбаи асосии иттилоъ дар бораи ваҳдати миллӣ интихоб намудаанд. Ин нишон медиҳад, ки муассисаҳои таълимӣ ва дар маҷмуъ низоми маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тарбияи насли ҷавон дар рӯҳияи ваҳдатпарварӣ ва ҳувияти миллӣ нақши муҳим доранд. Интихоби мазкур ҳамчунин аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳсилоти расмӣ дар ташаккули фаҳмиши шаҳрвандон нисбат ба арзишҳои ваҳдати миллӣ ва ватандӯстӣ ҷойгоҳи калидӣ дорад.

Тибқи натиҷаҳои таҳқиқот, шабакаҳои телевизионии ватанӣ низ ҳамчун манбаи муҳими иттилоот оид ба ваҳдати миллӣ 54,4%-и овозҳоро соҳиб шудаанд. Ин нишон медиҳад, ки воситаҳои ахбори оммаи миллӣ дар тарғиби ғояҳои ваҳдат ва ҳамбастагии иҷтимоӣ нақши муассир

мебозанд. Китобҳо, рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо бо 33,1% мақоми сеюмро ишғол намуда, аҳаммияти сарчашмаҳои хаттиро дар ташаккули дарки амиқтар ва ҳамаҷонибаи масъалаҳои ваҳдати миллӣ нишон медиҳанд. Сомонаҳои дохилии интернетӣ низ бо 32,8% аз нақши рӯзафзуни интернет ҳамчун манбаи иттилоот дарак медиҳанд.

Ин бозёфтҳо зарурати истифодаи стратегияҳои мақсадноки иттилоърасонӣ ва муошират бо ҷомеаро тавассути низоми маориф ва воситаҳои ахбори омма таъкид менамоянд. Сиёсатгузорон ва мутахассисони соҳаи иттилоот метавонанд бо такя ба ин натиҷаҳо мазмун ва шакли паёмҳои худро мутобиқ сохта, тавассути муассисаҳои таълимӣ, телевизион, сомонаҳои интернетӣ ва васоити чопӣ иттилооти дақиқу созандаро дар бораи ваҳдати миллӣ ба доираи ҳарчи васеътари шаҳрвандон расонанд. Дар маҷмуъ, натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки маориф ва воситаҳои ахбори омма аз муҳимтарин ниҳодҳои ташаккул ва таҳкими шуури ваҳдатгароёна ва ҳамбастагии иҷтимоӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон мебошанд.

Хулоса, ташаккул ва инкишофи ҳамбастагии иҷтимоӣ дар даврaи соҳибистиқлолии Тоҷикистон аз омилҳои сершуморе вобаста аст. Дар сатҳи макросотсиологӣ омилҳо асосан хусусияти сохторӣ-ҷамъӣ дошта, ҷанбаҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодии масъаларо фаро мегиранд. Дар ин зербоб маҷмуи ҳабдаҳ омили макросотсиологии таъсиргузор ба ҳамбастагии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ шуданд, ки иборатанд аз: истиқлоли давлатӣ, давлати миллӣ, дунявияти давлат, рамзҳои давлатӣ, конститутсия, роҳбари давлат, адолати иҷтимоӣ, низоми маориф, забони тоҷикӣ, дин ва мазҳаби анъанавӣ, иқтисодиёт, шартномаҳои иҷтимоӣ, ҳадафҳо ва мақсадҳои муштарак, ҷанги шаҳрвандӣ, гуфтугӯю музокира, миёнаравони бонуфузи беғараз ва воситаҳои ахбори омма. Ин омилҳо ба ҳамдигар ба таври мураккаб амал карда, зарурати муносибати ҳамаҷониба дарк кардан ва мустаҳкам

намудани ягонагии ҷамъиятиро нишон медиҳанд. Барои ба таври муассир тақвият додани ҳамбастагии иҷтимоӣ ва тарғиби ваҳдати миллӣ дар дохили Тоҷикистон, равишҳои ҳамаҷониба, ки ҷанбаҳои мухталифи ҳамбастагии ҷомеаро баррасӣ мекунанд, зарур аст. Дар маҷмуъ, бозёфтҳои ин зербоб пайвастагии омилҳои мухталифи макросотсиологии ташаккули манзараи ҳамбастагии иҷтимоӣ дар Тоҷикистонро таъкид мекунанд. Бо баррасии ҳамаҷонибаи ин омилҳо, сиёсатмадорон, пешвоёни ҷомеа ва ҷонибҳои манфиатдор метавонанд барои бунёди ҷомеаи бештар муттаҳид, фарогир ва устувор ба манфиати ҳамаи шаҳрвандон саъю кӯшиш кунанд.

2.2. Омилҳои микросотсиологӣ ё худ фардӣ-рафтории ташаккул ва рушди «ҳамбастагии иҷтимоӣ» дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон

Агар дар зербоби қаблӣ омилҳои макросотсиологиро ҳамчун заминаҳои берунӣ ва объективии ҳамбастагии иҷтимоӣ таҳлил кардем, ҳоло навбат ба омилҳои микросотсиологӣ – он унсурҳое мерасад, ки бевосита ба шахсият, шуур ва рафтори фардӣ алоқаманданд. Дар ҷомеашиносии муосир, бахусус дар назарияҳои амали мутақобилаи рамзӣ (Г. Мид, Г. Блумер) ва назарияи сохторбандӣ (Э. Гидденс) таъкид мешавад, ки сохторҳои иҷтимоии калон – давлат, иқтисод, маориф ва ғ. наметавонанд ҳамбастагиро бевосита ва мустақим ба вуҷуд оваранд. Ҳар гуна сиёсати давлатӣ ва ҳар як тағйироти сохторӣ танҳо тавассути шуур, дарк, эҳсосот ва амали инфиродии ҳар як шаҳрванд ба ҳамбастагии иҷтимоӣ табдил меёбад. Ба ибораи дигар, макросохторҳо имкониятҳоро фароҳам меоранд, аммо ин имкониятҳоро фард ё гурӯҳи фардҳо бояд дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ «зинда» кунанд. Маҳз ҳамин аст, ки омилҳои микросотсиологиро «торҳои равобит» номидаанд [190, с. 13]. Ба ибораи дигар, онҳо «занҷирҳои ноаёни ҳамбастагӣ» мебошанд; ба чашм намерасанд, вале бидуни онҳо ҳеҷ як ниҳоди пуриқтидор низ ҷомеаро

муттаҳид карда наметавонад. Омилҳои макросотсиологӣ – сохторҳои калони ҷомеа, аз қабили давлат, иқтисодиёт, маориф ва дигар ниҳодҳо заминаи умумии ҳамбастагии иҷтимоиро фароҳам меоранд, аммо барои ташаккул ва рушди пойдори он танҳо кофӣ нестанд. Таҷрибаи таърихӣ ва таҳқиқоти ҷомеашиносӣ нишон медиҳанд, ки ҳамбастагии иҷтимоӣ дар сатҳи ниҳодӣ ва сохторӣ бе иштироки фаъоли фардҳо, бе шуури инфиродӣ, бе эҳсосот, арзишҳо ва муносибатҳои байнишахсии фардҳо суст ва ноустувор мемонад. Фард ҳамчун ҷузъи ҷомеа, на танҳо аз сохторҳо таъсир мепазирад, балки худаш бо рафтор ва муносибатҳои худ он сохторҳоро бозтавлид мекунад ё тағйир медиҳад. Аз ин рӯ, дар ин зербоб маҳз омилҳои микросотсиологӣ – он омилҳое, ки ба сатҳи шуур, дарк, худшиносӣ, арзишҳои шахсӣ ва муносибатҳои байнишахсии фардҳо вобастаанд, таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Яке аз пуртаъсиртарин ва бунёдитарин омилҳои фардӣ-рафторӣ ин ахлоқ ва тарбияи ахлоқӣ мебошад. Бо таъкиди ҷомеашиносон, монанди Эмил Дюркгейм ҳамбастагии иҷтимоӣ асосан ва моҳиятан як падидаи ахлоқӣ аст [118, с. 63, 200 ва 244]. Тибқи баъзе таърифҳо, истилоҳи «ҳамбастагии иҷтимоӣ» дарбардорандаи маънои ахлоқӣ мебошад. Аз дидгоҳи Пешвои миллат низ, бо ахлоқ ва «бо мурувватu мудоро зистан аз ҷумлаи фаризаҳои асосии ҳамбастагии башарият дар ҳама давру замонҳо ба ҳисоб меояд» [44, с. 422]. Ин маънои онро дорад, ки ҳар гуна таҳлили ҳамбастагии иҷтимоӣ – хоҳ аз ҷанбаи сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ бошад, хоҳ аз нигоҳи иҷтимоиву таърихӣ – дар ниҳоят ба меҳвари ахлоқ пайваст мешавад. Зеро унсурҳои калидии ҳамбастагӣ, ба монанди таҳаммулпазирӣ, гузашту бахшиш, мудоро, инсондӯстӣ, эҳтиром ба ҳуқуқи дигарон ва ҳисси масъулиятшиносӣ, аслан мафҳумҳои бунёдии низоми ахлоқиро ташкил медиҳанд.

Нақши ахлоқ дар падидоварӣ ва истеҳкомбахшии ҳамбастагии иҷтимоӣ аз ин ҷо аён мешавад, ки «инсон дар ҷомеа қоидаю қонунҳои

одобу ахлоқи иҷтимоиро риоя накарда наметавонад. Баръакс, риояи ҳусни одоб ва ахлоқи ҳамида ҳурмату эҳтироми шахсро дар байни ҷомеа боло бурда, лутфу самимият ва таваҷҷӯҳи онҳоро меафзояд» [37, с. 6]. Агар фазои ҷомеа аз ахлоқ холӣ бошад, ҳеҷ як падидаи дигар қодир ба пур кардани ин ҷойи холӣ нест, яъне нақши ахлоқ бебадил аст, он ҷойгузине надорад. Ҳатто қонунҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ низ наметавонанд ҷойгузини ахлоқ гарданд, зеро риояи амалии онҳо, худ пуштибонии ахлоқиро талаб мекунад. Барои иҷрои самараноки қонунҳо, ба истиснои ҳолатҳои зарурӣ, набояд аз дастгоҳи маҷбуркунӣ, зӯр ё фишор истифода кард. Беҳтарин кафили иҷрои қонунҳо, меъёрҳо ва муқаррарот – маҳз ахлоқ аст. Пас «ҳар қадар дараҷаи ахлоқи ҷомеа баланд бошад, ба ҳамон андоза риояи талаботи қонун дар он хубтар ҷорист» [49, с. 168-169]. Хулоса, «ягона воситаи ҳалли оқилонаи масоили зиндагӣ ахлоқ, одоби нек аст» [37, с. 6].

Пас бе ҷиҳат нест, ки Эмил Дюркгейм дар ин бора гуфтааст: «Ахлоқ, ҳадди ақалли зарурӣ, раҳтӯшаи лозим ва нони рӯзонаест, ки ҷомеаҳои башарӣ бидуни он наметавонанд ба ҳаёти худ идома диҳанд» [118, с. 53]. Ва бе сабаб нест, ки ҳадафи аслӣ аз фиристодашудани паёмбари Ислом ба камол расонидани сифатҳои неки ахлоқӣ будааст [142, с. 323]. Дар ҳадисҳо омадааст, ки дӯстдоштатарину наздиктарин мусулмон ба пайғамбар касест, ки хушахлоқтарини онҳо бошад [145, с. 218] ва аз назари имон комилтарин ва беҳтарин мусулмон касест, ки хушахлоқтарин бошад [153, с. 11], [150, с. 1159] ва ҳеҷ чиз сангинтар аз ахлоқи некӯ дар тарозуи аъмоли муъмин қарор нахоҳад гирифт [153, с. 318] ва хушахлоқӣ боиси ободии ҷомеа мегардад [145, с. 159]. Маҳз инсони хушахлоқ ҳамчун меҳвар ва меъёри ҳамбастагии иҷтимоӣ зоҳир мешавад дар ҳоле, ки инсони беахлоқ ё бадахлоқ боиси парокандагии иҷтимоӣ мегардад. Оиди ин масъала, дар ояти 159-уми сураи «Оли Имрон» ба Пайғамбар чунин хитоб шудааст: «Ба сабаби раҳмати

Худост, ки ту бо онҳо хушхӯю меҳрубон ҳастӣ. Агар тундхӯву сахтдил мебудӣ, аз гирди ту пароканда мешуданд».

Аҳаммияти масъалаи ахлоқ ба он дараҷа баланд аст, ки Пешвои Миллат дар бораи он чунин иброз намудаанд: «Имрӯз вақти он расидааст, ки башарият ба ҷои сарфу хароҷоти зиёд барои соҳаҳои ҳарбӣ ба таъмири бинои мӯҳташами ахлоқи солим ва ҳифзи ҷаҳони маънавии насли нав рӯ орад [305]. Асри XXI аз мо ахлоқи ҳамидаро тақозо дорад» [41, с. 261].

Бо таваҷҷӯҳ ба муҳимму сарнавиштсоз будани масъалаи тарбияи ахлоқӣ, ҳар як ҷомеа саъй мекунад механизми иҷтимоикунониро ҳамеша фаъол нигоҳ дорад, зеро ба ҳар ҳол «инсон дар зиндагӣ ба роҳи хато рафтанаш аз эҳтимол дур нест» [62, с. 249] ва ӯ танҳо дар раванди иҷтимоишавӣ ба шахсияти ахлоқӣ табдил меёбад. Бо назардошти ин нукта, давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири қарор гирифтани кишвар дар марҳалаи нави таърихӣ «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро таҳия ва тасдиқ намудааст. Чунончи дар зарурияти таҳия ва қабули он чунин зикр шудааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақили тозаистиқлол дар марҳалаи аввали ташаккули давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона қарор дорад. Рушди минбаъдаи он ба тарбияи шахсиятҳои сатҳи баланди ахлоқӣ, дунёи пурғановати маънавӣ...(ва ғ.) вобаста аст» [1]. Яке аз унсурҳои консепсияи мазкур «тарбияи ахлоқӣ ва маънавӣ» мебошад, ки дар бораи он чунин изҳор шудааст: «...ахлоқ унсурест, ки қисматҳои дигари тарбияяро бо ҳам мепайвандад ва асоси фаъолияти шаҳрвандро ташкил медиҳад» [1]. Дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон ахлоқи оммаи васеи аҳолӣ бояд дар ин самт устувор гардад, ки натиҷаи он бешубҳа тақвияти ҳамбастагии иҷтимоӣ хоҳад буд.

Дар назарсанҷии гузаронидаи муаллиф, яке аз саволҳои пурсидашуда ин буд: «Кадом омилҳо боиси устувории пояҳои ваҳдати миллӣ

мешаванд?» (нигаред ба расми №2). Дар посух ба саволи гузошташуда ҳабдаҳ омил пешниҳод гардид, ки яке аз омилҳо «риояи меъёрҳои ахлоқӣ» мебошад. Натиҷаҳои коркарди анкетаҳо нишон дод, ки 33,1% ин унсурро омили устувории пояҳои ваҳдати миллӣ медонанд. Нишондиҳандаи мазкур қобили таваҷҷӯҳ аст, зеро он ба фоизи нисбатан баланд ишора дошта, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки қисме аз ҷавонони тоҷик аҳаммияти рафтор ва арзишҳои ахлоқиро эътироф доранд ва риояи меъёрҳои ахлоқиро барои нигоҳ доштани ваҳдат ва ҳамбастагии иҷтимоӣ дар дохили ҷомеа муҳим медонанд.

Бо ин вуҷуд, нишондиҳандаи мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳанӯз ҳам бахши назаррасе аз ҷомеа (беш аз 66%) ба ин омил авлавият ё афзалият намедиҳанд. Сабаб дар он аст, ки дар шароити ноустувории иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ахлоқ аксар вақт ҳамчун «омили дуюмдараҷа» дар муқоиса бо манфиатҳои моддӣ ё амнияти ҷисмонӣ ҳисобида мешавад. Аммо бояд гуфт ҷомеаҳое, ки сарфи назар аз душвориҳо, ба ахлоқ, сатҳи шахсияти ахлоқӣ ва ҳамкории ахлоқӣ аҳаммият медиҳанд, яъне мардум ба ҳамдигар эҳтиром, адолатхоҳӣ, ростгӯӣ ва эҳсоси масъулият доранд, онҳо дар дарозмуддат устувории иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии баландтар нишон медиҳанд. Пас, таҳкими ахлоқи ҷамъиятӣ на танҳо вазифаи тарбиявии мактабҳо, балки вазифаи умумимиллӣ аст, ки бе он, ҳамбастагӣ мисли биное бидуни поя хоҳад буд.

Чуноне, ки дар баъзе таърифҳои ҳамбастагии иҷтимоӣ қайд гардидааст, унсури зеҳнӣ-маънавии «*дарку эҳсоси масъулияти байниҳамдигарӣ* ё байнигурӯҳӣ, эҳсосу отифаҳои ғолибомада, дарку эҳсоси муштараки аъзои ҷомеа, дарку тасаввури ба ҳамдигар наздики аъзои умумиятҳои иҷтимоӣ ва манофеи дуҷониба ва муштарак» [1] муҳимтарин омилҳои ҳамбастагии иҷтимоӣ ба ҳисоб мераванд. Қариб ба

[1] Нигаред ба таърифҳои «ҳамбастагии иҷтимоӣ» дар зербоби аввали боби якум.

ҳамин маъно, унсури «амиқан дарк кардан, донистан ва эҳсос намудан» низ дар таркиби таърифҳои ваҳдати миллӣ зикр гардидааст.

Асосан огоҳӣ доштан ва дарку эҳсос пайдо кардан дар бораи ҳамаи мавзуоту масоили зиндагӣ як чизи муҳим, матлуб ва айни муддаост, аммо дар мавриди ҳамбастагии иҷтимоӣ, ки як падидаи ҷамъӣ аст ва ҷанбаи фарогир дошта, ба сарнавишти кулли ҷомеа вобастагӣ дорад, аз аҳаммияти бисёр ҳам болое бархӯрдор аст. Ба хусус дар замони муосир, муассиртарин ва инсонитарин тарзи ба вуҷуд овардани ягонагӣ ва ҳамбастагӣ, боло бурдани савияи маърифати мардум аст, то ин ки онҳо худашон арзишҳои аслиро дарк намуда, ҳатмият ва лозимии ваҳдатро бишносанд. [131, с. 154-155]. Чунки бидуни рушди огоҳии мардум, бе инкишофи шуури ҷамъиятӣ ҳалли тазодди манфиатҳо миёни ҷомеаҳо имконнопазир аст. Истиқрори сулҳ ва бародарӣ низ танҳо тавассути шуур ва виҷдони ҷамъиятӣ амалӣ мешавад [127, с. 37 ва 47].

Маҳз вуҷуди ҳамин дарку эҳсос буд, ки ҳар ду ҷиноҳи мутахосим – нерӯҳои ҳукуматӣ ва оппозитсион, баҳри дастёбӣ ба оштии миллӣ гирди мизи музокира ҷамъ омаданд ва баъди музокироти дурудароз Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллиро ба имзо расониданд. «Дар он лаҳзаҳо манфиатҳои умумишаҳрвандию умумимиллӣ, бақои давлати соҳибистиқлол, муқаддасоти Ватан ба ҳама самти мавҷудияташ дар қаъри тафаккури ҷонибҳо қарор дошт» [260]. Ин сулҳу субот – бар асоси изҳороти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, бо гузаштҳои ду ҷониб ба вуҷуд омад [44, с. 260] ва «мо ба шарофати дастгирии халқи тоҷик тавонистем, ки ба орзуи деринаи мардумамон, яъне сулҳу субот дар Ватанамон ноил гардем. Истиқрори сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ маҳз дар натиҷаи ҳамбастагии мардуми кишвар муяссар гардид» [45, с. 401]. Бинобар ин, «ҳавасмандии ҷониби ҳукумат ва алоқаи тарафи мухолифат имконияти музокироти тоҷиконро ба амал овард»

[217, с. 152]. Яъне бархӯрдор будани ҳар ду гурӯҳ аз дараҷаи бисёр болои «дарку эҳсоси масъулияти байниҳамдигарӣ барои ҳифзи манфиатҳои муштарак» ниҳоятан ваҳдату ҳамбастагиро миёни мардум эҷод кард.

Дар назарсанҷии гузаронидаи муаллиф, аз мусоҳибашудагон дар се марҳала перомуни омилияти падидаи «дарку эҳсоси масъулияти огоҳонаи байниҳамдигарӣ ва риояи ҳуқуқи якдигар» пурсида шуд: а) дар алоҳидагӣ, яъне бо тарҳи саволи мустақил; б) дар якҷоягӣ, яъне дар қатори дигар омилҳо; в) дар якҷоягӣ бо дигар унсурҳои ташкилдиҳандаи ваҳдати миллӣ.

Нахуст, ба мусоҳибон чунин саволи алоҳида пешниҳод шуд:

Расми 9. Унсури «эҳсоси масъулияти шаҳрвандон нисбати ҳамдигар ва риояи ҳуқуқи якдигар» то кадом дараҷа барои ваҳдату ҳамбастагӣ аҳаммият дорад? (Як ҷавоб) (n=320, %)



Натиҷаи коркарди пурсишнома нишон дод, ки аксарияти респондентҳо, яъне 141 нафар ё 44,1% аҳаммияти унсури мазкурро «бениҳоят зиёд» дониста, 115 нафар ё 35,9% аҳаммияти онро «зиёд» қайд кардаанд. Далели он, ки дар маҷмуъ 80% (44,1 + 35,9 = 80) ин унсурро «зиёд» ё «ниҳоят зиёд» медонанд, эътирофи қобили мулоҳизаи аҳаммияти нақши «масъулияти байниҳамдигарии шаҳрвандон» дар

рушду устувории ваҳдати миллиро нишон медиҳад. Ин аз майли мусбат ба арзишҳо, аз қабили масъулият, ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтиром дар ҷомеа шаҳодат медиҳад. Интихоби мазкур заминаеро пешниҳод мекунад, ки дар асоси он сиёсатҳое, ки ҷалби шаҳрвандӣ, рафтори ахлоқӣ ва ҳисси ҷомеаро пешбарӣ мекунанд, бунёд карда шавад. Муассисаҳои таълимӣ ва масъулони ҷомеа бояд дар таҳкими ин арзишҳо нақш бозанд ва ба ахлоқи ҷомеа, ки ҳамкорӣ ва масъулияти муштаракро қадр мекунанд, саҳм гузоранд. Аммо 20%-и боқимондаи пурсидашудагон, ки ин унсурро ҳамчун «нисбатан муҳим», «кам муҳим» ё «умуман номуҳим» қабул кардаанд, аз гуногунии афкор дар байни аҳолӣ шаҳодат медиҳад. Фаҳмидани сабабҳои паси ин дидгоҳи ақаллиятҳо барои ҳалли мушкилоти эҳтимолӣ ё афзалиятҳои гуногун дар таҳкими ваҳдати миллӣ муҳим аст.

Дуюм, аз респондентҳо пурсида шуд, ки: «Кадом омилҳо боиси устувории пояҳои ваҳдати миллӣ мешаванд?» (нигаред ба расми №2). Дар посух ба саволи гузошташуда 17 омил пешниҳод гардид, ки яке аз онҳо «эҳсоси масъулияти байниҳамдигарӣ» мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон дод, ки 17,5%-и овозҳо ба омили мазкур рабт дорад. Чунин натиҷа аз он гувоҳӣ медиҳад, ки як қисми пурсишшудагон аҳаммияти «эҳсоси масъулияти байниҳамдигарӣ»-ро ҳамчун омили бунёдии мусоидат ба ҳамбастагӣ ва ваҳдати миллӣ эътироф мекунанд. Бо вуҷуди ин, омилҳои дигар метавонанд дар таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ ва ваҳдати миллӣ баробар ё бештар таъсиргузор бошанд. Ҳамчунин, фоизи нисбатан камтари овозҳо метавонад камбудиҳоро дар иҷрои уҳдадориҳои шаҳрвандӣ нишон диҳад, ба монанди нобаробарӣ дар дастрасӣ ба ҳуқуқҳо, ҳолатҳои табъиз ё маргинализатсия, ё коҳиши эътимод ба институтҳои иҷтимоӣ. Ҳалли ин мушкилот талошҳои муштаракро барои пешбурди омӯзиши шаҳрвандӣ, таҳкими институтҳои

иҷтимоӣ, мубориза бо нобаробарӣ ва густариши муколама ва ҳамкориҳои фарогир байни гурӯҳҳои мухталиф тақозо мекунад.

Сеюм, чунин савол матраҳ гардид: «Унсурҳои «ваҳдати миллӣ» дар ҷомеаи Тоҷикистон кадомҳоянд?» (нигаред ба расми №4). Дар посух ба саволи мазкур 15 унсур пешниҳод гардид. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон дод, ки унсури «эҳсоси масъулияти шаҳрвандон нисбати ҳамдигар ва риояи ҳуқуқи якдигар» 23,1%-и овозҳоро дарёфт кардааст. Нишондиҳандаи мазкур аз ҷойгоҳи нисбатан барҷастаи ин падида дар таҳкими ваҳдати миллӣ дар миёни қишри қобили мулоҳизаи аҳолӣ шаҳодат медиҳад. Ин як навъ ахлоқи ҷомеаро нишон медиҳад, ки ҳамдардӣ, ҳамкорӣ ва эътирофи ҳуқуқҳои мутақобила ҳамчун ҷузъҳои муҳими ҷомеаи ҳамоҳанг ва муттаҳидро қадр мекунад.

Бояд қайд кард, ки «дарку эҳсоси масъулияти байниҳамдигарӣ» танҳо як хислати шахсӣ ё фақат ҷузъи ахлоқи инфиродӣ нест, балки як маҳорати иҷтимоист. Ва чун ҳар маҳорате, ин низ худ ба худ рушд намеёбад, балки онро бояд тарбия кард, машқу такрор намуд ва дар амал санҷид. Ин қобилият дар фаъолияту ҳамкориҳои воқеӣ ва такрории гурӯҳӣ инкишоф меёбад. Аз ин рӯ, вазифаи мактабҳо ва донишгоҳҳо аст, ки назари худро ба лоиҳаҳои гурӯҳӣ бештар равона созанд, на чун лоиҳаҳои расмию беҷон, балки лоиҳаҳое, ки дар онҳо ҳар як иштирокчӣ воқеан эҳсос кунад, ки натиҷаи умумӣ ба ӯ низ вобаста аст: ба хатои ӯ ҷамъ зарар мебинад ва ба комёбиаш, ҳама фахр мекунанд.

Омили дигари микросотсиологӣ, ки бақои ҳамбастагии иҷтимоиро дар ҷомеа тазмин менамояд ин *худшиносии миллӣ* аст. Зеро «одамони ба як миллат тааллуқдоштаро худшиносии миллии онҳо, ҳуввияти миллӣ муттаҳид месозад» [200, с. 201]. Бо таъкиди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон: «Худшиносиву худогоҳии миллӣ омили таҳкимбахши ваҳдати

миллӣ ва иттиҳоди мардуми кишвар мебошад... Худшиносӣ ваҳдату сарҷамъии моро густариши бештар мебахшад» [43, с. 7-8].

Ибтидо, бояд ба ин нукта таваҷҷӯҳ кард, ки «худро ба сифати як ҷузъи ҳаммиллатон шинохтан,моҳияти ҳастии иҷтимоиву таърихии миллати худро фаҳмидан, орзую омол ва мақсаду вазифаҳои навбатии миллатро амиқан дарк намудан ва дар ин асос огоҳона дар ҷомеа амал кардан худогоҳии миллист, ки натиҷаи худшиносии миллист» [64, с. 13]. Ин раванд ғурури миллиро ба вуҷуд меоварад, зеро «худогоҳии миллӣ ҳастии пуразиши инсон буда, сари ифтихори инсонро баланд мебардорад» [64, с. 13]. Хулоса, худшиносии миллӣ омили ғайримустақимест, ки тавассути худогоҳӣ, ғурури миллӣ ва ваҳдат ба таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ замина мегузорад.

Сабаби ин силсиламаротиб дар он аст, ки мафҳуми «ҳамбастагии иҷтимоӣ» аз нигоҳи зеҳниву айнӣ густардатар буда, чаҳор мафҳуми дигар (ваҳдати миллӣ, ғурури миллӣ, худогоҳии миллӣ ва худшиносии миллӣ)-ро дар бар мегирад. Ҷомеа барои иттиҳод ба як «ширеш»-и пайванддиҳанда ниёз дорад, ки хислати «миллӣ» маҳз ҳамин вазифаро иҷро мекунад. Аз ин рӯ, «ваҳдати миллӣ ба сатҳи худшиносии миллӣ ва дарки амиқи моҳияти ватандорӣ (яъне худогоҳии миллӣ) вобастагии ногусастанӣ дорад» [11, с. 146 ва 43].

Худшиносии миллӣ, ки дар аввал аз худогоҳии инфиродии шахс ва таъсири мутақобили он бо муҳит сарчашма мегирад [64, с. 12], дар сатҳи васеътар ба огоҳӣ аз таърих, фарозу нишебиҳои роҳи аз сар гузаронидаи аҷдодон, ифтихор аз дастовардҳои фарҳангӣ ва шинохти ҷойгоҳи миллат дар ҷаҳон равона шудааст. Аз ин лиҳоз, «аз худ намудани дороиҳои таърихии фарҳангӣ, ҳосил кардани ёди таърихии пурмазмун шарти асосии худшиносии миллист» [64, с. 12]. Воқеан, «халқ ҳамон вақт ба худшиносии миллӣ ноил menace ба ваҳдат мерасад, ки таърихи худро эҳё дорад» [188, с. 64].

Бо назардошти ин, давлату Ҳукумати Тоҷикистон дар даврони истиқлолият ба таҳқиқу таблиғи таъриху фарҳанг, аз ҷумла бузургдошти шахсиятҳои барҷаста (Рӯдакӣ, Балхӣ, Сино, Имоми Аъзам) ва ҷашнвораҳои таърихии Саразму давлатдории Сомониён таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуд. Мақсад аз ташкили чунин чорабиниҳо — тибқи андешаи Пешвои миллат, тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ахлоқи ҳамида мебошад. Зеро ниёгони хирадманди мо тавассути осори ҷовидониашон ба иттиҳоди ҷомеа саҳм гузошта, ба раванди худшиносии миллиамон таровати нав бахшидаанд [43, с. 58 ва 94].

Дар назарсанҷии гузаронидаи муаллиф, аз мусоҳибашудагон дар се марҳала перомуни омилияти «худшиносии миллӣ» пурсида шуд. Нахуст, дар алоҳидагӣ саволи мустақил матраҳ гардид (нигаред ба расми №10):

Расми 10. Зери мафҳуми «худшиносии миллӣ» чиро мефаҳмед? (То се ҷавоб) (n=320, %)

№	Мафҳуми «худшиносии миллӣ»	Ҳа	Не	Ба ҷавоб гуфтан душворӣ мекашам	Ҳамагӣ
1	Ҳар кас бояд миллати худро бишносад ва ба он фахр кунад	72,5	26,9	0,6	100
2	Ҳар кас бояд ба миллати худ фахр кунад ва дигар миллатҳоро паст занад	5,6	93,8	0,6	100
3	Ҳеҷ миллате набояд дигар миллатҳоро бишносад, балки фақат бояд миллати худро бишносад	5,6	93,8	0,6	100
4	Ҳар миллате бояд худро дар миёни дигар миллатҳо бишносонад	40,9	58,1	0,9	100
5	Ҳар миллате бояд арзишҳои миллии худро эҳё (аз нав барқарор) ва қадрдонӣ кунад	50,3	49,1	0,6	100
6	Худшиносии миллӣ маъноаш он қадар васеъ ва амиқ аст, ки дар ин ҷо намеғунҷад	25,6	73,4	0,9	100

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон дод, ки посухҳои рақами 1, 5 ва 4 бештарин овозҳоро гирифтаанд. Ҳар се посухҳо мафҳуми «худшиносии миллӣ»-ро дар худ инъикос намуда, дар якҷоягӣ маънои онро такмил

мегардонанд. Чунин интихоб нишон медиҳад, ки истилоҳи «худшиносии миллӣ» назди аксарият мафҳуми равшане дорад ва онҳо умқи масъаларо дарёфтаанд.

Дуюм, дар таҳқиқоти сотсиологии мазкур, оид ба омилҳои устувории пояҳои ваҳдати миллӣ савол пешниҳод гардид, ки яке аз онҳо дар бораи «худшиносии миллӣ» мебошад (нигаред ба расми №2). 48,1%-и пурсидашудагон «худшиносии миллӣ»-ро ҳамчун омили устувории пояҳои ваҳдати миллӣ интихоб карданд. Нишондиҳандаи мазкур аҳаммияти калон дорад, зеро он ба фоизи нисбатан баланд ишора дошта, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки бахши аъзами ҷавонони Тоҷикистон муҳимияти тарбияи ҳисси қавии ҳувияти миллӣ ва ифтихорро дар ҳифзу пойдории пояҳои ваҳдати миллӣ дарк мекунанд. Ин, дар навбати худ, аҳаммияти иқдомотеро, ки барои инкишофи ҳисси ватанпарастӣ ва ифтихори миллӣ дар миёни ҷавонони тоҷик равона шуда, ба ин васила дар ҳифзу таҳкими ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон саҳм мегузоранд, таъкид мекунад.

Сеюм, дар пурсишномаи анкетавӣ яке аз саволҳои пурсидашуда ин буд: «Унсурҳои «ваҳдати миллӣ» дар ҷомеаи Тоҷикистон кадомҳоянд?» (нигаред ба расми №4). Дар посух ба саволи гузошташуда 15 унсур пешниҳод гардид, ки яке аз онҳо «худшиносии миллӣ» мебошад. Натиҷаи таҳқиқот нишон дод, ки унсури мазкур 38,4%-и овозҳоро дарёфт кардааст. Фоизи нисбатан баланди овозҳо барои «худшиносии миллӣ» аз он шаҳодат медиҳад, ки мардум онро як унсури муҳими мусоидат ба ҳамбастагии иҷтимоӣ ва ваҳдати миллӣ медонанд.

Дар маҷмуъ, таҳлили се савол дар бораи «худшиносии миллӣ» нишон медиҳад, ки он аз дидгоҳи қобили таваҷҷуҳи пурсишшудагон, ҳамчун омил ва унсури муҳими таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ ва ваҳдати миллӣ аҳаммияти калон дорад. Дар ҳоле, ки «худшиносии миллӣ» ба унвони як падидаи барҷастае зоҳир шудааст, аҳаммияти он вобаста ба чаҳорчӯби саволҳои пурсишнома ва констекти мушаххасе, ки дар он баррасӣ мешавад, метавонад фарқ кунад. Фаҳмидани ин динамика барои

барномарезон, сиёсатмадорон, омӯзгорон ва масъулони ҷомеа муҳим аст, ки мехоҳанд ҷомеаи фарогирро пешбарӣ кунанд ва пайвандҳои ваҳдати байни гурӯҳҳои гуногунро мустаҳкамтар гардонанд.

Аз дигар омилҳои муҳим *озодии виҷдон* аст. Озодии виҷдон дар сатҳи микросотсиологӣ бевосита ба ҳолати дохилӣ, эътиқодоти шахсӣ, шуур ва рафтори инфиродии инсон ва эҳтироми ҳуқуқи дигарон алоқаманд аст ва он ҳамчун ҳуқуқи муқаддаси ҳар як фард ба интихоби озодонаи эътиқод, ҷаҳонбинӣ ва тарзи зиндагӣ зоҳир мешавад. Ин омил ифодагари он аст, ки ҳар як фард метавонад бидуни ҳеҷ гуна тарс ё фишори беруна, дар бораи маънои ҳаёт, мақсади вуҷуд, муносибат ба некию бадӣ ва эътиқоди динӣ ё ғайридинӣ қарор қабул кунад.

Озодии виҷдон дар сатҳи фардӣ ба инсон имкон медиҳад, ки эҳсоси қадру қимати худро ҳифз намояд ва дар ҷомеа ҳамчун шахсияти соҳибҳуқуқ ва соҳибихтиёр шинохта шавад. Вақте ки ҳар як фард эҳсос мекунад, ки эътиқоди ӯ эҳтиром карда мешавад, вай низ ба дигарон ҳамин гуна эҳтиром мегузорад. Ин эҳсос боиси он мегардад, ки фард нисбат ба дигарон, ҳатто онҳое, ки эътиқоди фарқкунанда доранд, бештар таҳаммулпазир бошад. Ин раванд ба таври мустақим ба таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ мусоидат мекунад, зеро дар чунин муҳит фарқиятҳои эътиқодӣ на сабаби ҷудоӣ, балки ҳамчун ҳодисаи табиии ҳаёти иҷтимоӣ қабул гардида, заминаро барои ҳамзистии мусолиматомез фароҳам мегардонад.

Таҷрибаи таърихӣ ва таҳқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳанд, ки ҷомеаҳое, ки дар онҳо озодии виҷдони фардҳо эҳтиром карда мешавад, аз сатҳи баланди эътимоди байнишахсӣ, ҳамкорӣ ва ҳамбастагӣ бархӯрдоранд. Дар муқобил, маҳдуд кардани озодии виҷдон дар сатҳи фардӣ, боиси пайдоиши эҳсоси зулм, норозигии пинҳонӣ, бегонагӣ аз ҷомеа, қонуншиканӣ ва зуҳури рафторҳои девиантӣ мегардад.

Принсипи озодии виҷдон дар ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (1948), Акти байналмилалӣ оиди шаҳрванд ва ҳуқуқҳои сиёсӣ (1966) ва дигар ҳуҷҷатҳои байналмилалию минтақавӣ дарҷ ёфтааст. Масъалаи мазкур дар моддаи 26-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври возеҳ баён шудааст: «Ҳар кас ҳуқуқ дорад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд» [2]. Ин асл ҳамчунин заминаи ҳуқуқӣ ва шарҳи бештари худро дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» пайдо намудааст. Дар банди 4-уми моддаи 4-уми Қонуни мазкур чунин омадааст: «Ҳеҷ кас уҳдадор нест, ки дар бораи муносибати худ ба дин маълумот диҳад. Шахс ҳангоми муайян кардани муносибати худ ба дин, ба пайравӣ ё дасткашӣ аз пайравии дин, ба иштирок кардан ё накардан дар ибодати динӣ, дигар расму оин ва маросимҳои динӣ, дар фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ, дар таълими дин маҷбур карда намешавад» [3].

Чунин тарзи баёни масъала шаҳодати равшани хусусиятҳои демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявии давлати Тоҷикистон буда, заминаро барои таъмини озодии виҷдон, ҳуқуқи пайравӣ кардан ё пайравӣ накардан ба дин, инчунин риояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандони диндор ва ғайридиндор фароҳам меорад. Ғайр аз ин, чунин равиш ба таҳаммулпазирӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ миёни шаҳрвандоне, ки мансубияти гуногуни динӣ ё ғайридинӣ доранд, мусоидат менамояд.

Падидаи дигаре, ки ҳамчун муҳимтарин омили ташаккул, ҳифз ва пойдории ҳамбастагии иҷтимоӣ матраҳ мешавад ин *фарҳанг ва арзишҳои миллӣ* аст. Бар асоси яке аз таърифҳо, ҳамбастагии иҷтимоӣ иборат аст аз пайванд миёни афроди ҷомеа бар пояи фарҳанги муштарак ва эҳсосоти нашъатгирифта аз он. Фарҳанги муштарак, яъне «фарҳанги миллӣ

мардумро ба ҳам муттаҳид мекунад» [64, с. 56]. Миллат бояд як андоза фарҳанги муштарак ва мафкураи шаҳрвандӣ, маҷмуи мафҳумҳо ва орзуҳои муштарак, ҳиссиёт ва ғояҳоро дошта бошанд, ки аҳолиро дар ватани худ ба ҳам мепайванданд [247, с. 91]. Сабаб дар он аст, ки фарҳанг аз рӯи хусусияташ воқеияти ҷамъиятист ва бавуҷудоварандаи низоми муътадили зиндагӣ дар ҷомеа мебошад ва тартибу ҳамоҳангии иҷтимоъ бар пояи муносиботи фарҳангӣ сурат мегирад. Ба ҳамин хотир, фарҳанг хислати ҳамбастакунонӣ ва муттаҳидгардонӣ дорад ва ба қавли Пешвои муаззами миллат: «Аз фарҳангу ҳунар дида, башарият барои ба ҳам наздик кардани инсонҳо ва ваҳдати умум воситаи самараноктаре эҷод накардааст [42, с. 415]. Фарҳаг бақои одам, ҳастии миллат аст» [45, с. 58]. Аз ин ҷиҳат, рушди бонизоми фарҳанг ва эҳёи суннату арзишҳои миллӣ, ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ ва ба ҷаҳониён муаррифӣ намудани он, самти афзалиятноки давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол ба ҳисоб меравад.

Яке аз унсурҳои ташкилдиҳандаи фарҳаг ин расму ойинҳо ва ҷашну маросимҳои анъанавӣ мебошад, ки дар давоми асрҳои зиёд пайдо шуда, густариш ёфтаанд ва яке аз омилҳои созанда ва ваҳдатгустари тафаккури миллӣ ба ҳисоб мераванд. Дар ин ҷо ба таври махсус бояд ба иди Наврӯз ишора кард, ки аз ҷумлаи боаҳаммияттарин ва «бузургтарин ҷашнҳои зебо ва мероси аҷдодии мо тоҷикон» [43, с. 376] мебошад ва «Наврӯз аз замони пайдоиши худ то имрӯз дар ҳаёти маънавии мардуми мо рамзи худшиносиву худогоҳӣ ва иттиҳоду ҳамбастагии халқҳо будааст» [44, с. 257]. Асоси он, ки Наврӯз ҳамбастагии иҷтимоиро падид оварда, онро устувор мегардонад, дар ин аст: ҳангоми фарорасии Наврӯз мардуми тоҷик дастархони ҳафтсин ё ҳаштсин меороянд, бо либоси тоза ва чеҳраи хуррам ба дидори якдигар мешитобанд, соли навро табрик мегӯянд, орзуҳои нек барои осудагӣ, оромӣ, фаровонӣ ва сиҳатмандиро иброз медоранд ва ба нодорону ниёзмандон дасти ёрӣ дароз мекунанд. Инхел

диду боздидҳо ва муоширатҳои некӯ сабаб мешаванд, ки кинаю бадбинӣ аз дилҳо дур гардад ва ҷои онро шафқату меҳрубонӣ бигирад ва дар натиҷа, байни мардум ҳамдилӣ ва самимият эҷод гашта, ҳамбастагӣ тақвият ёбад.

Аз дигар унсурҳои ташкилдиҳандаи фарҳаги тоҷикон тӯйҳои арӯсиву хатнасурӣ, маросимҳои сӯгворӣ ва маъракаҳои ба онҳо дахлдор мебошад. «Расму ойинҳои миллӣ дар таҳкими ваҳдату худшиносии миллӣ, дӯстиву рафоқату якдигарфаҳмӣ, меҳмонпазирӣ, ғамхорӣ ва раҳму шафқат ба ҳамдигар доир шуда, дорои аҳаммияти маънавию тарбиявӣ мебошанд» [45, с. 377]. Сабаби ин ки расму ойинҳо ҳамбастагии иҷтимоиро ба вуҷуд оварда, онро таҳким мебахшанд дар ин аст: мардуми даъватшуда дар ин расму ойинҳо, дар шодию сурур ё ғаму андӯҳ бо соҳибони он ҳамроҳ мешаванд. Дар ин ҳамроҳӣ касони даъватшуда ҳам бо зеҳну эҳсосот ва ҳам бо амалу рафтори худ дар ғаму шодии афроди даъватбаамаловарда шарик мешаванд. Чунин шарикӣ дар навбати худ сабаби ба вуҷуд омадани ҳамдилӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтиромгузории байниҳамдигарӣ, дӯстӣ, бародарӣ, шафқат, ғамхорӣ ва ғ. гардида, ҳамбастагии иҷтимоиро ҳифз ва таҳким мебахшад.

Ҳамин тавр, баргузор кардани расму ойинҳо ва анъанаҳои миллӣ, барқарорсозии ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, таҷлили солгарди фарзандони барӯманди миллат ва амсоли инҳо, барои дар рӯҳияи миллӣ тарбия кардани ҷавонони тоҷик аҳаммияти босазое доранд ва омили ҳамбастагии иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон ба шумор мераванд. Бе ҷиҳат нест, ки гуфта шудааст: «Дар ваҳдати миллати тоҷик на молу амвол, на тиру туфанг ва на таҳдиду фишор, балки фарҳанг нақши созанда дошт» [20, с. 459].

Дар назарсанҷии гузаронидаи муаллиф, аз мусоҳибашудагон пурсида шуд: «Кадом омилҳо боиси устувории пояҳои ваҳдати миллӣ мешаванд?» (нигаред ба расми №2). Дар посух ба саволи гузошташуда 17 омил пешниҳод гардид, ки яке аз онҳо «эҳёи арзишҳои фарҳангӣ» мебошад.

Натиҷаи таҳқиқот нишон дод, ки 33,4%-и овозҳо ба омили мазкур рабт доранд. Нишондиҳандаи мазкур ба фоизи нисбатан баланд ишора дошта, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки бахши аъзами респондентҳо аҳаммияти эҳёи арзишҳои фарҳангиро барои ҳифзу тақвияти ваҳдат ва ҳамбастагии иҷтимоӣ дар дохили ҷомеа муҳим медонанд. Ин интихоб дар шароити ҷаҳонишавӣ ва модернизатсия, шояд ба нигарониҳо дар бораи суст шудани арзишҳои фарҳангӣ, аз байн рафтани таҷрибаҳо ва анъанаҳои фарҳангӣ равона шуда бошанд. Интихоби мазкур, аз тамоюли пурсидашудагон барои ҳифзи мероси фарҳангии тоҷикон барои наслҳои оянда шаҳодат дода, бар аҳаммияти ҳифзи ҳуввияти фарҳангии тоҷикон дар баробари таъсир ё фишорҳои беруна таъкид мекунад.

Ҳамчунин, дар назарсанҷии мазкур яке аз саволҳо марбут ба унсурҳои «ваҳдати миллӣ» дар ҷомеаи Тоҷикистон мебошад. Дар посух ба ин савол 15 унсур пешниҳод гардид, ки яке аз онҳо «расму оинҳо ва урфу одатҳои миллӣ» аст (нигаред ба расми №4). Натиҷаи таҳқиқот нишон дод, ки унсури мазкур 61,6%-и овозҳоро дарёфт карда, дар рутбаи овозҳо ҷои аввалро ишғол менамояд. Дарсади баланди овозҳо аз он гувоҳӣ медиҳад, ки аксарияти пурсишшудагон мероси фарҳангӣ ва анъанаҳоро унсурҳои муҳими таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ ва ваҳдати миллӣ медонанд. Бо арҷгузорӣ ва ҷашн гирифтани расму оин ва анъанаҳои миллӣ, ҷомеаи Тоҷикистон метавонад риштаҳои ҳамбастагиро таҳким бахшад ва ҳисси муштараки мансубиятро дар байни намояндагони гуногуни миллат густариш диҳад.

Яке аз омилҳои муҳим ва бисёр ҷолиб дар раванди ҳифзу тақвияти ҳамбастагии иҷтимоӣ ва таҳкими ҳисси ваҳдат дар байни аҳолӣ ин *гузаронидани чорабиниҳои умумӣ,* ё худ *ташаббусҳои дастаҷамъона* ё *корҳои гурӯҳӣ* мебошад. Зери ин мафҳум, ташкил кардани маъракаҳои ҳашари умумӣ, ҳифзи муҳити зист ва табиат, корҳои ободонӣ, чорабиниҳои оммавии фарҳангӣ ва намоишӣ, баргузор намудани бозиҳо

ва мусобиқаҳои варзишӣ ва ба инҳо монанд фаъолиятҳои гурӯҳӣ мадди назар аст. Фаъолиятҳои дастаҷамъӣ умуман амалҳои ҳамоҳангшуда, тақсими вазифаҳо ва дастгирии мутақобилаи аъзоёни гурӯҳро барои расидан ба ҳадафи мушаххас ва иҷрои самараноки масъулиятҳо дар бар мегиранд ва ба ин хотир, яке омилҳои муҳими ҳифз ва тақвияти ҳамбастагии иҷтимоӣ ба ҳисоб мераванд.

Яке аз намунаҳои равшани чунин чорабиниҳо анъанаи ҳашари шанбегӣ мебошад, ки мунтазам дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон баргузор мегардад. Ин иқдом дар партави дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат ҷиҳати ободонӣ ва созандагии кишвар амалӣ шуда, ба зебову хуррамгардонии маҳалҳо мусоидат менамояд. Гарчанде аҳамияти ҳашари шанбегӣ пеш аз ҳама ба ҷанбаҳои экологӣ, ободонӣ ва беҳдошти муҳити зист марбут бошад, дигар ҷанбаи муҳими он ба ҳифзу тақвияти ваҳдат ва ҳамбастагии иҷтимоӣ алоқаманд аст. Зеро ҳашари шанбегӣ ва дигар чорабиниҳои дастаҷамъӣ барои ташаккули муносибатҳои устувори иҷтимоӣ байни шаҳрвандон замина фароҳам меоранд. Ба илова, инхел фаъолияти гурӯҳӣ метавонад ҳамчун механизми ҳалли зиддиятҳо ва муноқишаҳо хидмат кунад. Масалан, кори дастаҷамъона дар фаъолияти гурӯҳӣ ба барқарорсозии тадриҷии эътимод мусоидат мекунад. Эътимод аксар вақт ҳангоми муноқишаҳо аз байн меравад, аммо кору кӯшишҳои муштарак дар фаъолиятҳои гурӯҳӣ ба барқарорсозии эътимод байни ҷонибҳои даргир мусоидат мекунанд.

Ҳамин ҷо бояд ба нақши бозиҳою мусобиқаҳои варзишӣ низ таъкид намоем. Ин мавзу бисёр равшан аст, ки варзиш ҷанбаҳои гуногуни рӯҳӣ-равонӣ, эстетикӣ, фароғатӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва ҳатто сиёсиро ҳам дар бар мегирад. Аз ҷумла, варзиш дорои ҷанбаҳои хосест, ки ба эҷоди ваҳдат ва ҳамбастагӣ дар дохили ҷомеа мусоидат мекунад. Масалан варзиш қобилияти даври ҳам гирдовардани одамонро аз табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва этникӣ дорад. Мухлисон

барои дастгирии дастаҳо ё варзишгарони дӯстдоштаи худ дар варзишгоҳ ҷамъ омада, қадр мекунанд, ки новобаста аз фарқиятҳои инфиродӣ, онҳо як қисми ҷомеаи калонтар мебошанд, ки ба варзиш майл доранд. Таҷрибаҳои муштарак дар давоми бозиҳо ҳисси мансубият ва иртиботи самимиро дар байни афрод ба вуҷуд меоранд. Чорабиниҳои байналмилалии варзишӣ, аз қабили «Бозиҳои олимпӣ» ва «Ҷоми ҷаҳонии футбол», аксар вақт ҳисси ғуруру ифтихор ва ваҳдати миллиро бедор мекунанд. Муваффақият ва пирӯзӣ дар мусобиқаҳои байналмилалии варзиш метавонад як омили ҷашнгирии дастаҷамъона гардида, ҳисси муштараки ғурур ва ҳувияти миллиро дар миқёси ҷаҳонӣ афзоиш диҳад. Чунин ҳисси баланди ғурури миллиро мо тоҷикон баъд аз пирӯзиҳои дастаи мунтахаби Тоҷикистон оид ба футбол дар бозиҳои «Ҷоми Осиё – 2024» дар Қатар ва пирӯзии ҷудокорони тоҷик дар «Dushanbe Grand Slam – 2024» бараъло мушоҳида ва таҷриба кардем. Иштирок дар чорабиниҳои варзишӣ, хоҳ он анъанаҳои пеш аз бозӣ, сурудҳо ё ҷашнҳои ғалаба бошад ё хоҳ тобоварӣ ба мағлубиятҳо, ҳисси ваҳдату ҳамбастагиро афзоиш медиҳад. Бечиҳат нест, ки варзишро «қосиди сулҳу дӯстӣ» гуфтаанд.

Ба ин хотир, соҳаи варзиш ва варзишгарон дар меҳвари таваҷҷуҳи Ҳукумати Тоҷикистон қарор гирифта, бо мақсади баланд бардоштани сатҳи иштироки варзишгарон дар мусобиқаҳои байналмилалӣ ва «Бозиҳои олимпӣ» таъсиси Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ғолибону ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ роҳандозӣ шуд. Ҳамасола, «варзишгарони Тоҷикистон дар чемпионатҳо ва мусобиқаҳои бонуфузи байналмилалӣ фаъолона ширкат варзида, ҷойҳои намоёнро ишғол менамоянд» [265].

Дар назарсанҷии гузаронидаи муаллиф, айнан аз «чорабиниҳо, ташаббусҳо ва фаъолиятҳои дастаҷамъона» савол нашуд, балки ба ҷои он аз падидаи «ҳамкории мутақобилаи афрод» пурсиш ба миён омад.

Зеро байни ин мафҳумҳо алоқамандӣ вуҷуд дорад махсусан, ки дуюмӣ аз назари доираи мафҳумӣ нисбат ба аввалӣ васеътар аст. Ба ҳар ҷиҳат, дар назарсанҷӣ яке аз саволҳо ин буд: «Унсурҳои ваҳдати миллӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон кадомҳоянд?» (нигаред ба расми №4). Дар посух ба саволи гузошташуда 15 унсур пешниҳод гардид, ки яке аз онҳо «ҳамкории мутақобилаи афрод» мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон дод, ки ҳамагӣ 2,5%-и овозҳо ба унсури мазкур рабт доранд. Фоизи паст ва рутбаи пойин барои «ҳамкориҳои мутақобилаи афрод» маънои онро дорад, ки респондентҳо бештар ба унсурҳои дигар аҳаммият ва авлавият додаанд. Ин метавонад нишон диҳад, ки тамаркузи афроди пурсишшуда бештар ба фардгароӣ (индивидуализм) аст, на ҷамъгароӣ (коллективизм). Дар ҷомеаҳое, ки ба муваффақияти инфиродӣ баҳои баланд дода мешавад, ҳамкорӣ барои ноил шудан ба ҳамбастагии иҷтимоӣ камтар муҳим дониста мешавад. Ҳамчунин, ин натиҷа метавонад мушкилот ё монеаҳоро барои ҳамкории мутақобила дар дохили ҷомеа нишон диҳад. Омилҳо, аз қабили тақсимоти иҷтимоӣ, нобоварӣ байни гурӯҳҳои гуногун ё набудани муошират муассир метавонанд ба омодагӣ ё қобилияти ҳамкорӣ бо ҳамдигар монеа эҷод кунанд ва боиси паст шудани авлавияти он дар пурсиш шаванд. Ҳамчунин, натиҷаи мазкур мумкин аст аз тарзи таҳияи савол ва вариантҳое, ки ба мусоҳибон пешниҳод шудаанд, таъсир пазируфта бошад.

Аз дигар омилҳои пуртаъсир барои тақвият додани ҳамбастагии иҷтимоӣ ин *ҷомеапазирӣ* ё *иҷтимоикунонӣ* аст. Иҷтимоикунонӣ «раванде аст, ки дар он ҷомеаҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба аъзоёни худ омӯзиш медиҳанд, то бар асоси арзишҳо ва ҳанҷорҳои мавриди қабули ҷомеа ё гурӯҳ амал кунанд» [102, с. 214]. Ба ибораи дигар, иҷтимоикунонӣ раванди мутобиқсозии фард ба муҳити ҷомеа мебошад. Пас аз таваллуд, шахс дар ҷомеаи инсонӣ танҳо ба шарте метавонад зиндагӣ кунад, ки вай худро бо ҷомеа созгор созад - ба он мутобиқ шавад [323]. Аз он ҷо ки

унсури пайванддиҳандаи наслҳо арзишҳои муштараки фарҳангӣ, яъне арзишҳои мавриди қабули ҳама ё аксари аъзои ҷомеа мебошад, бинобар ин, натиҷаи раванди иҷтимоикунонӣ ин ҳамбастагии иҷтимоӣ хоҳад буд.

Раванди иҷтимоикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан дар доираи шиори «тарбияи миллӣ» ва мувофиқи «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷараён гирифта, иҷрои он тавассути якчанд ҳуҷҷатҳои дигари муҳим, аз ҷумла Қонун «Дар бораи маориф», Консепсияи мактаби миллӣ, Консепсияи миллии маълумоти ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи давлатии тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон, Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба амал бароварда мешавад.

Ҷараёни иҷтимоикунонӣ вақте ба натиҷаи матлуб мерасад, ки ин қонунҳою консепсияҳо амалан ба иҷро дароянд ва пиндору гуфтору рафтори мардум бо онҳо мутобиқ гардад. Аз ин рӯ, давлат ва ҳукумати Тоҷикистон «тамоми вазорату идораҳо, ташкилотҳои эҷодӣ, воситаҳои ахбори умум, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, муасссисаҳои таълимию тарбиявӣ ва тамоми ҷомеаро вазифадор ва даъват менамояд, ки дар бобати тарбияи миллии аҳолии кишвар фаъол буда, дар амалӣ намудани барномаю тадбирҳои давлатии ин масъалаи муҳими аҳаммияти бузурги иҷтимоию ахлоқӣ дошта саҳмгузор бошанд» [1].

Аз ин рӯ, иҷтимоикунонӣ ҳамеша бо масъалаи тағйири афкори оммаи мардум сарукор дорад. «Мубориза барои тағйир додани афкори ҷамъиятӣ масъалаи марказии сиёсати замони муосир мебошад [29, с. 354] ва барои мустаҳкам нигоҳ доштани пояҳои давлатдорӣ ва ҳифзу нигоҳдошти арзишҳои фарҳангию таърихӣ ва миллию давлатӣ ҳар як кишвар бояд бо дастгоҳҳои муқтадири иттилоотию таҳлилӣ муҷаҳҳаз бошад» [248, с. 154]. Зеро «маҳз он арзишҳоеро, ки ВАО таблиғу ташвиқ мекунад, ба зеҳни шахс таъсир расонида, андешаву таассуроти ӯ дар

доираи ҳамон арзишҳо ташаккул меёбад» [248, с. 152]. Дар Тоҷикистон ҳар ду намуди категорияи ВАО – чопӣ ва электронӣ фаъолият карда, вазифаи иҷтимоикунонии аҳолиро дар самти «тарбияи миллӣ» бар ӯҳда дорад. Натиҷаи ин раванд, бешубҳа таҳкиму тадовуми ваҳдати миллӣ ва ҳамбастагии иҷтимоӣ мебошад.

Дар назарсанҷии гузаронидаи муаллиф, яке аз саволҳои пурсидашуда ин буд: «Кадом омилҳо боиси устувории пояҳои ваҳдати миллӣ мешаванд?» (нигаред ба расми №2). Дар посух ба саволи гузошташуда 17 омил пешниҳод гардид, ки яке аз онҳо «иҷтимоикунонии насли наврас ва ҷавон» ва дигарӣ «тарбияи насли наврас дар рӯҳияи таҳаммулпазирӣ» мебошад. Натиҷаҳо нишон дод, ки аввалӣ 15,6% ва дуюмӣ 27,5%-и овозҳоро касб кардааст. Ин нишондиҳанда аз он шаҳодат медиҳад, ки гарчанде баъзеҳо аҳаммияти иҷтимоикуноиро эътироф мекунанд, аммо дар муқоиса бо дигар омилҳо он метавонад ҳамчун омили аввалиндараҷаи таҳкими ваҳдати миллӣ қабул нашавад. Ин дар ҳолест, ки механизми иҷтимоикунонӣ дар ташаккули муносибатҳо, эътиқодҳо ва ҳувиятҳо, ки метавонад ба дарки ваҳдат ва ҳамбастагӣ дар дохили ҷомеа таъсир расонад, нақши муҳим мебозад. Ҳарчанд фоизи пурсидашудагон, ки иҷтимоикуноиро интихоб кардаанд нисбатан кам аст, аммо ба ҳар ҳол аҳаммияти таъсири фарҳангӣ ва маърифатиро дар ташаккули муносибат ба ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон таъкид мекунад. Ин раванд маблағгузорӣ ба таҳсилоти босифат, таҳкими институтҳо ва фаъолияти пурсамари ВАО-ро дар бар мегирад.

Хулоса, ташаккул ва рушди ҳамбастагии иҷтимоӣ дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон на танҳо аз омилҳои сохторӣ-ҷамъӣ, балки аз омилҳои фардӣ-рафторӣ, ки дар сатҳи микросотсиологӣ амал мекунанд, низ сахт вобаста аст. Дар ин зербоб маҷмуи ҳафт омили асосии микросотсиологии таъсиргузор ба ҳамбастагии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ шуданд, ки иборатанд аз: ахлоқ ва тарбияи ахлоқӣ, дарку эҳсоси масъулияти байниҳамдигарӣ ва риояи ҳуқуқи

якдигар, худшиносиву худогоҳии миллӣ, озодии виҷдон, фарҳанг ва эҳёи арзишҳои миллӣ, чорабиниҳо ва ташаббусҳои дастаҷамъона ва иҷтимоикунонӣ ё ҷомеапазирӣ. Ин омилҳо, ки бевосита ба шуур, арзишҳо, эҳсосот ва рафтори фардҳо вобаста буда, дар якҷоягӣ заминаи маънавию ахлоқии ҳамбастагиро ташкил медиҳанд. Бар хилофи омилҳои макросотсиологӣ, ки асосан аз боло ба поён (аз давлат ба ҷомеа) таъсир мерасонанд, омилҳои микросотсиологӣ аз поён ба боло (аз фард ба ҷомеа) амал карда, ҳамбастагиро дар сатҳи ҳаррӯзаи муносибатҳои байнишахсӣ таҷассум мебахшанд. Ин омилҳо ба ҳамдигар вобастагии зич доранд, масалан, ахлоқи солим бидуни эҳсоси масъулият нопурра аст, худшиносии миллӣ бе озодии виҷдон ба таассуб табдил меёбад, фарҳанги миллӣ бе чорабиниҳои дастаҷамъона ва иҷтимоикунонии дуруст зуд заиф мегардад. Дар маҷмуъ, бозёфтҳои ин зербоб нишон медиҳанд, ки таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон бе эҳёи арзишҳои ахлоқӣ, баланд бардоштани масъулияти шаҳрвандӣ, тақвияти худшиносии миллӣ, эҳтироми озодии виҷдон, ғанӣ гардонидани фарҳанг, дастгирии ташаббусҳои дастаҷамъона ва беҳбуди равандҳои иҷтимоикунонӣ ғайриимкон аст. Барои ба таври муассир тақвият додани ҳамбастагӣ, сиёсатмадорон, омӯзгорон, фаъолони фарҳангӣ ва тамоми шаҳрвандон бояд ба ин омилҳо диққати аввалиндараҷа диҳанд.

БОБИ 3. САМТҲОИ ҲИФЗИ «ҲАМБАСТАГИИ ИҶТИМОӢ» АЗ ХАТАРУ ТАҲДИДҲО ВА МОДЕЛИ НАЗАРИЯВӢ ҲАМЧУН ЗЕРБИНОИ ТАҲЛИЛИ СИСТЕМАВӢ

3.1. Масъалаи хатар ва таҳдидҳои муосир ба «ҳамбастагии иҷтимоӣ» дар шароити Тоҷикистон

Ҳамбастагии иҷтимоӣ ҳамчун яке аз ниёзҳои асосии ҳар як ҷомеа, махсусан дар даврони гузариш ва ҷаҳонишавӣ беш аз ҳар вақти дигар дар маърази хатару таҳдидҳо қарор дорад. Ҷомеаи Тоҷикистон низ, бо назардошти таҷрибаи душвори ҷанги шаҳрвандӣ, марҳилаи тӯлонии эҳё ва бунёди давлати миллӣ ва таъсирпазирӣ аз равандҳои ҷаҳонишавӣ, аз ин маърази хатарҳо ҷудо нест. Шинохт ва таҳлили ин хатарҳо на танҳо барои пешгирии бӯҳронҳои эҳтимолӣ, балки барои таҳкими пояҳои ваҳдати миллӣ ва ҳамбастагии иҷтимоӣ аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Дар зербоби мазкур, ки бо мақсади ташхис ва гурӯҳбандии хатарҳои муосири ҳамбастагии иҷтимоӣ дар шароити Тоҷикистон таҳия шудааст, мо кӯшиш хоҳем кард, ки назаррастарини ин таҳдидҳоро аз нуқтаи назари маншаъ, сатҳи таъсир ва паёмадҳои онҳо мавриди баррасӣ қарор диҳем. Дар ин раванд, мо аз маводи таҳқиқоти сотсиологии гузаронидаи худ низ баҳра мегирем, то ба дарки амиқтари ин масъала ноил гардем.

Яке аз хатарҳое, ки ҳамбастагии иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистонро таҳдид мекунад ин *ба доми гурӯҳҳо ва равияҳои динӣ-ифротӣ афтодани муҳоҷирони тоҷик* мебошад. Асри XXI асри муҳоҷирати меҳнатӣ номида мешавад ва он ба худ хусусияти глобалӣ гирифтааст. «Аслан муҳоҷирати корӣ дар ҳама давру замонҳо буду ҳаст ва ин падидаест ногузир»[263]. Мардуми Тоҷикистон низ аз ҷараёни муҳоҷирати меҳнатӣ берун нестанд. «Маъмулан дар фаҳмиши мардум ва ҳатто масъулини ниҳодҳои дахлдор муҳоҷирати меҳнатӣ баробар аст бо даромади молӣ-иқтисодӣ» [283]. Ин хел фаҳмиш то ҳадди зиёде дуруст мебошад, зеро «тайи даҳсолаҳои охир саҳми муҳоҷирони меҳнатӣ нисбати дастгирии молиявии оилаҳои худ ва

паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар мамлакат, беандоза мебошад» [264], аммо муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандон паҳлуҳои манфии ҷиддӣ ҳам дорад ва ҷанбаҳои манфии онро набояд аз мадди назар дур созем [216, с. 76-77]. Аз он ҷо, ки нишонаи асосии муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ин характери ғайримуташаккил ва бесарусомонаи он мебошад [14, с. 59], ба ин хотир имрӯз муҳоҷирати оммавӣ як муаммои амниятӣ мебошад [26, с. 162]. Аз ҷумла, «яке аз паёмадҳои бисёр ҳам нигаронкунандаи ҷараёни муҳоҷират ин ба доми гурӯҳҳо ва равияҳои динӣ-ифротӣ афтодани муҳоҷирони тоҷик, бахусус ҷавонон аст. Имрӯзҳо мо шоҳиди он ҳастем, ки қишри осебпазири ҷавонон, ки ба гурӯҳҳои ифротӣ мепайванданд, дар Русия қарор доранд ва гурӯҳҳои террористӣ бештар бо ҷавонон сарукор доранд» [246, с. 91] ва «муҳоҷирони меҳнатӣ гурӯҳи бештар осебпазири мубаллиғони ифротгароӣ ва тундравии салафӣ мебошанд» [183, с. 93]. Яъне «муҳоҷират имрӯз яке аз ҷанбаҳои ҷалби шаҳрвандон ба хусус ҷавонони Тоҷикистон ба гурӯҳу равияҳои террористӣ мебошад» [196, с. 147].

Ин паёмади манфии муҳоҷират хатари ҷиддӣ барои ваҳдати миллӣ ва ҳамбастагии иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад, ки барои он бояд чораандешӣ кард. Яке аз роҳи ҳалҳо ин аст, ки «муҳоҷирони меҳнатӣ тибқи барномаи махсуси омӯзишӣ барои ворид шудан ба кишвари хориҷӣ аз нигоҳи сиёсӣ, тахассусӣ, эътиқодӣ ва ахлоқӣ омода шаванд» [196, с. 147]. Барои ин кор «бояд сиёсати миллии муҳоҷират бо дарназардошти пешгирии гаравиши ҷавонон ба гурӯҳҳои террористӣ қабул гардад» [26, с. 150]. Албатта дар ин самт соли 2011 ниҳоди «Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъсис дода шуд ва «ин ниҳод талош дорад дар ҳамбастагӣ бо Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар сохторҳои марбута ва низ дар ҳамкорӣ бо ниҳодҳои дахлдори Русия ба масъалаи ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандони Тоҷикистон ва дигар қазияҳои эҳтимолӣ имкони

расидагии бештар пайдо кунад... Зарурати чунин иқдом дар он зоҳир мешавад, ки раванди муҳоҷирати корӣ ба ин наздикиҳо қатъ намегардад» [313].

Аз дигар хатарҳои таҳдидкунанда ба ҳамбастагии иҷтимоӣ ин падидаи *бегонагии омма аз ҳокимият* мебошад. Тибқи изҳороти бархе коршиносон «Тоҷикистон буҳронеро аз сар мегузаронад, ки он дар бегонашавии қисмати асосии аҳолӣ аз ҷомеа ва давлат, аз фарҳанги анъанавӣ, исломи анъанавӣ ва ғ. ифода меёбад» [32, с. 120]. Аз рӯйи қоида, «дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатҳои алоҳида ба масъалаи барқарор намудани робитаи қавӣ бо ҷомеа диққати аввалиндараҷа медиҳанд» [29, с. 354], зеро «масъалаи муносибатҳои байниҳамдигарии ҳокимият ва халқ дар раванди таҳкими ваҳдати ҷомеа нақши назаррас дорад» [189, с. 124]. Бинобар ин, дар ҳолати халалдор шудани ин муносибат ва ба сустию дурӣ табдил ёфтани он, ҳамбастагии иҷтиомии ҷомеа бо хатари ҷиддӣ рӯбарӯ мешавад. Пас, яке аз таҳдидҳо ба ҳамбастагии иҷтимоӣ ин бегонагии омма аз ҳокимият аст. Қобили зикр аст, ки «нақши омма фақат бо иштирок намудан дар интихобот хулоса намегардад. Зарур аст, ки оммаи васеи мардум ҳарчи бештар бевосита дар идораи корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ ҷалб гарданд. Одамон ҳис кунанд, ки меҳнати онҳо қадр карда мешавад ва фаъолияти онҳо дар таҳкими муносибатҳо, ташкил ва таҳкими инкишофи устувори ҷомеа аҳаммияти бузург дорад. Бинобар ин, бегонагии омма аз ҳокимиятро ба сатҳи ақалл овардан зарур аст» [189, с. 127].

Дар дохили Тоҷикистон роҳбарияти сиёсӣ қариб, ки ҳамаи роҳу воситаҳои муосир ва технологияҳои гуногуни иттилоотиро барои барқарор намудани робитаи қавӣ бо ҷомеа истифода мебарад. Аммо ин масъала дар берун аз мамлакат, нисбати муҳоҷироне, ки барои кору фаъолият дар хориҷи кишвар қарор доранд бисёр суст ва маҳдуд ба назар мерасад. Мутаасифона дар байни муҳоҷирони кории тоҷик, ки

қариб 1.5 млн. нафар аз ҷамъияти беш аз 10 миллионнафараи Тоҷикистонро ташкил медиҳанд [240] падидаи бегонагӣ аз ҳукумат бештар эҳсос мешавад. Аксарияти «муҳоҷирони тоҷик оид ба дастовардҳои иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои охир ахбороти дуруст нагирифта, ба ҷойи он дар бораи масъалаҳои гуногуни хурофотӣ маълумот мегиранд» [196, с. 148]. Яъне «корҳои идеологии мо онҳорро пурра фаро намегирад» [234, с. 77]. Ин хатари ҷиддӣ барои ваҳдати миллӣ ва ҳамбастагии иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад, ки барои он бояд чораандешӣ кард. Яке аз роҳҳои ҳалли ин масъала дар он аст, ки бо омӯхтани таҷрибаи муҳоҷиратии кишварҳои дигар, зарурати таҳқиқи масъалаи дастгирии иҷтимоии муҳоҷирон пеш ояд, ки ин дастгирӣ метавонад фарогирии онҳо бо суғуртаи иҷтимоӣ, пешбинии кумакҳои гуногун ҳангоми беморӣ ё маъюбӣ, додани имтиёз аз пардохти баъзе намудҳои андоз ва ба инҳо монанд тадбирҳоро дар бар гирад. Ҳадафи ниҳоии чунин ташаббусҳо он аст, ки дар зеҳни муҳоҷирон ҳисси ватандӯстӣ ва вафодорӣ ба Ватан ба вуҷуд оварда шавад [196, с. 150].

Аммо масъала ба ин содагӣ ҳам нест, мураккабтар аст, масалан имрӯз – тибқи таҳлили коршиносон – дар Федератсияи Русия истифодаи муҳоҷирони тоҷик шаклҳои бениҳоят вазнин ва паҳновар касб кардааст; ин раванд бо зуҳуроти ғуломӣ, зӯроварӣ, маҷбурсозӣ дар муносибатҳои меҳнатӣ ва вайронкунии ҳуқуқи инсон ҳамроҳӣ доштааст – ҳодисаҳое, ки аз дидгоҳи меъёрҳои демократӣ ғайриқобили қабул мебошанд [196, с.145-146]. «Кор карда пул ёфтани муҳоҷирин ба ивази ранҷи бешумор ва дар басо маврид дар пасманзари таҳқиру озор дидан ба даст меояд» [276]. Мутаассифона баъзе муҳоҷирони тоҷикистоние, ки дар ин гуна вазъиятҳо қарор гирифтаанд ё онро аз наздик мушоҳида кардаанд, сабабгори аслии чунин бадиқболиро давлату ҳукумати худ меҳисобанд. Ин хел хулосабарориҳо ҳар чанд асоси воқеӣ надошта бошанд ҳам, вале натиҷаи зеҳнӣ ва равонӣ доранд ва он яъне бегонагии омма аз ҳукумат.

Сухани кӯтоҳ ин ки ваҳдати миллӣ он гоҳ ҳифз ва тақвият хоҳад шуд, ки мардум на ба таври расмӣ ва шиорию зоҳирӣ, балки воқеан ва сидқан ҳокимиятро мардумӣ, аз они худ ва ҳомии ҳуқуққои худ донанд ва ба он эътимод дошта бошанд. «Ҳар қадар эътимоди ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ нисбат ба якдигар густурдатар бошад, ҳамон қадар боиси устувории вазъи ҷомеа ва ҳамкории кулли аъзои он мегардад» [216, с. 73-74] ва ҳамбастагии иҷтимоию ваҳдати миллӣ уставортар мегардад.

Таҳдиди дигар ин *бетаваҷҷӯҳӣ ба манофеи ақаллиятҳо* мебошад, ки метавонад ба унсурҳои муҳими ҷомеаи муттаҳид зарбаи ҷиддӣ ворид кунад. Он на танҳо эътимодро ба ниҳодҳои ҷомеа коҳиш медиҳад, балки боиси хашм ва бегонапарастӣ дар байни онҳое мегардад, ки манфиатҳояшон нодида гирифта мешаванд. Беэътиноӣ ба манфиатҳои ин гурӯҳ ба пешрафт, навоварӣ ва қобилияти ҳалли мушкилоти мураккаби ҷомеа монеъ мешавад. Дар дарозмуддат, он ба суботи ҷомеа таҳдид мекунад ва эҳтимолан боиси шиддатнокӣ ва нооромиҳои иҷтимоӣ гардида, ваҳдати умумиро зери хатар мегузорад. Ғайр аз он, ҷомеаи ҷаҳонӣ аксар вақт назоратгар буда, арзёбӣ менамояд, ки кадом як миллат ё давлат бо аҳолии ақаллиятҳои худ чӣ гуна муносибат мекунад. Дар ин миён, беаҳаммиятӣ ба манофеи ақаллиятҳо ё ҳуқуқвайронкунӣ нисбати онҳо метавонад обрӯи байналмилалии кишварро дар сатҳи ҷаҳонӣ резонад. Ба илова, чунин бепарвоӣ ба афзоиши идеологияҳои ифротӣ мусоидат мекунад, зеро афроди ба ҳошия рондашуда метавонанд барои ҳалли мушкилоти худ ба роҳиҳалҳои радикалӣ рӯй оваранд.

Тибқи арзёбии коршиносон, азбаски Тоҷикистон аз лиҳози миллӣ ва этникӣ гуногунчеҳра аст, масъалаи муносибати байни ақаллиятҳо ва аксарияти миллӣ дар ҷараёни ташаккули ваҳдати ҷомеа аҳаммияти бузург пайдо мекунад. Риояи манфиатҳои тамоми гурӯҳҳои иҷтимоӣ,

бахусус умумиятҳои миллӣ-этникӣ, раванди рушди мутаносиби ҷомеаро устувор мегардонад. Миллати соҳибихтиёр бояд манфиатҳои гуногуни ақаллиятҳоро дар назар дошта, ҳатто барои таъмини пешрафти мутаносиби ҷомеа нисбат ба онҳо гузаштҳо кунад [189, с. 127-128].

Назари баъзе донишмандон бар ин аст, ки падидаи бетаваҷҷӯҳӣ ба манофеи ақаллиятҳо, ки дар давраи ҳокимияти Шуравӣ реша давонид, мутаасифона «нишонаи хеле паст будани шуури сиёсию боло рафтани шуури минтақавӣ буд, ки оқибат кишвари моро ба ҷанги шаҳрвандӣ бурда расонид» [221, с. 198].

Кӯтоҳ ин ки ҳалли мушкилоти ақаллиятҳо барои таҳкими ҷомеаи воқеан фарогир ва муттаҳид муҳим аст. Бепарвоӣ ё беэътиноӣ ба манфиатҳои онҳо на танҳо оқибатҳои фаврии иҷтимоӣ дорад, балки боиси хатарҳои дарозмуддат ба суботу пешравӣ ва обрӯи миллат мегардад.

Хатари дигар *маҳалгароӣ ё маҳалчигӣ* мебошад, ки «яке аз бадтарин навъҳои зиштии иҷтимоист, ки метавонад дар баъзе лаҳзаҳои таърих ба қувваи даҳшатангез табдил ёбад [64, с. 50]. Маҳалгароӣ ин худбинии иҷтимоист, худро аз ҳамнавъон, аз атрофиён боло донистан, манфиатҳои худро ба манфиатҳои дигарон, ба манфиатҳои миллат зид гузоштан аст» [64, с. 49-50]. Агар нагӯем тамоми таърихнигорону таҳлилгарони масоили сиёсиву таърихии кишвар, лоақал аксарияти онҳо ин андешаро ҷонибдорӣ мекунанд, ки ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон дар натиҷаи маҳалгароию маҳалбозии гурӯҳҳои алоҳида сар зада буд.

Бо таъкиди коршиносони соҳа, «имрӯз ҳам ҳиссиёти маҳалгароӣ моро хеле ба ташвиш меандозад ва проблемаи ҳалталаб мебошад [186, с. 86]. Он мисли заҳрпечакест, ки имрӯз ҳам мо дар амалҳои бисёре аз ҷавонон мушоҳида мекунем [324]. Ҳанӯз эҳсоси ягонагии маҳаллӣ, ягонагие, ки бо деҳе, ноҳияе, вилояте маҳдуд аст, ҳатто бар зидди мардуми деҳ, ноҳия ё вилояти дигаре равона гардидааст – чунин эҳсоси примитивии доқиёнусӣ дар шуури мардуми тоҷик бартарӣ дорад [64, с. 16]. Мутаассифона, дар

зеҳни аҳли ҷомеа ва минҷумла дар зеҳни аксари кормандону мансабдорони давлатии мо низ на арзишҳои миллӣ, балки арзишҳои маҳаллӣ ва мафкураи маҳалсолорӣ мавқеи меҳварӣ дорад [261]. Қариб салоҳияти касбӣ ва маданию ахлоқӣ ба инобат гирифта намешавад» [23, с. 23]. Бо таваҷҷӯҳ ба ин вазъияти ташвишовар, коршиносон таъкид намудаанд, ки «маҳалгароӣ ҳамчун монеъаи маснӯъӣ дар роҳи расидан ба ваҳдати миллӣ қарор дорад, ки бояд аз миён бурда шавад» [278]. Шиддати ҳисси маҳалпарастию минтақагароӣ дар кишвари мо на танҳо монеи мустаҳкамшавии рӯҳияи миллӣ, балки барои раванди ниҳоии ташаккули воқеии миллати мо низ монеъ мебошад.

Бо истифодаи дурусти воситаҳои тарғиботию ташвиқотӣ, инчунин тавассути мавқеъгирии ватандӯстона метавон ин омили манфиро ба омили тақвияти ваҳдати миллӣ табдил дод. Барои ба даст овардани натиҷа дар самти гардонидани ин омили манфӣ ба омили мусбат, маҳалгароиро – ба гуфтаи донишманди тоҷик М. Шакурӣ – бо миллатпарастӣ метавон саркӯб кард. Маҳалгароӣ яке аз омилҳои пуртаъсири миллатвайронкунанда ба шумор рафта, бартараф кардани он тавассути силоҳи миллатдӯстӣ, бо меҳру муҳаббати халқу Ватан муяссар хоҳад шуд. Миллатпарастӣ айб нест, балки вазифаи ҳар як шаҳрванд, ба вижа ҳамаи қувваҳои сиёсии ҷомеа, сиёсатгузорон ва мансабдорон аст. Ҳамаи онҳо вазифадоранд, ки миллатпараст бошанд ва дигаронро низ ба миллатпарварӣ ташвиқ кунанд [64, с. 62]. То замоне, ки сокини ҳар як шаҳр ё ноҳияи Тоҷикистон Ҳисору Исфара, ё Кӯлобу Мурғоб ва ё ҳар куҷои дигари ин сарзаминро ҷузъи ҷудонашавандаи Ватани худ ҳисоб накунад, кишвар ба ваҳдати воқеӣ даст даст нахоҳад ёфт [278]. Яке аз шароитҳои бунёдии ваҳдати миллӣ дар ҷомеа рафъи маҳалгароӣ ва интихобу ҷобаҷогузории оқилонаи кадрҳо аз ҳамаи ноҳияҳову манотиқи кишвар аст [208, с. 117].

Яке аз сабабҳои инкишофи маҳалгароӣ ва аз ҷумлаи хатарҳои таҳдидкунанда ба ҳамбастагии иҷтимоӣ омили зеҳнӣ – *комил набудани худшиносии миллӣ* аст. Худшиносии миллӣ ба фаҳмиш ва шуури ҷамъӣ дар дохили ҷомеа дар бораи ҳувият, арзишҳои фарҳангӣ ва ҳадафҳои муштараки он ишора дорад. Вақте ки ин огоҳӣ нопурра ё баҳамрехта бошад, метавонад боиси мушкилиҳо ва хатарҳои гуногун барои ваҳдати як миллат гардад. Норасоии дарк ё таъбири нодурусти ҳувияти миллӣ метавонад ба афзоиши ихтилофоти байнигурӯҳӣ сабаб гардад, ки ин амр сохтори иҷтимоиро хароб намуда, пешрафти ҷомеаи муттаҳидро вайрон месозад. Кишварҳое, ки мардумашон худшиносии нопурраи миллӣ доранд, ба эҳтимоли зиёд таҳти таъсири манипулятсияи фаъолони хориҷӣ гирифтор мешаванд. Ин метавонад ҳокимият ва истиқлолияти миллатро зери хатар гузорад.

Донишманди тоҷик Муҳаммадҷон Шакурӣ дар вақташ гуфта буд, ки «мо ҳанӯз ба худшиносии миллӣ кам расидаем, ягонагии этникиву фарҳангӣ ва таърихии худро амиқан дарк накардаем ва ё шинохти мо ба дараҷаи ибтидоист, мавҳуму муҷаррад аст, ҳанӯз ба шуури ҷиддии иҷтимоъӣ табдил наёфтааст» [64, с. 17]. Беш аз ду даҳа аз ин сухан мегузарад ва бо таваҷҷӯҳ ба фаъолиятҳои хастанопазири давлату ҳукумати Тоҷикистон дар тӯли даврони соҳибистиқлолӣ барои боло бурдани сатҳи худшиносии миллии мардум интизор меравад, ки дигар дар ин замина халқи тоҷик мушкилие надошта, балки сатҳи худшиносии миллӣ комил гардида бошад. Вале мутаасифона зуҳури баъзе рӯйдодҳои ногувори солҳои охир собит кард, ки мо ҳанӯз ба дараҷаи матлуби худшиносию худогоҳии миллӣ нарасидаем ва ҳисси ватандӯстии мо дар сатҳи матлуб қарор надорад. Ҳанӯз дар ин замина бояд иқдомҳои лозима сурат бигиранд. Барои ҳалли мушкила, тарбияи худшиносии ҳамаҷониба ва дақиқи миллӣ зарур аст. Ин пешбурди фаҳмиши муштараки таърих,

фарҳанг, арзишҳо ва ҳадафҳои муштараки миллатро тавассути ниҳодҳои марбута барои бартараф кардани норасоиҳо дар бар мегирад.

Агар иҷтимоикунонӣ ё ҷомепазирӣ механизме аст, ки бо воситаи он заминаҳои таҳкимёбӣ ва давомнокии ҳамбастагии иҷтимоӣ фароҳам мегардад, пас *номуваффақӣ дар иҷтимоикунонӣ* ҳамбастагии иҷтимоиро бо хатарҳо рӯбарӯ хоҳад кард. Номуваффақӣ дар иҷтимоикунонӣ ё номутобиқатии иҷтимоӣ як раванди иҷтимоӣ-равониро тавсиф мекунад, ки дар он шахс қобилияти мутобиқ шудан ба муҳити иҷтимоии худро пурра ё қисман аз даст медиҳад ва дар баён кардани мавқеи худ нисбат ба арзишҳо, идеалҳо ва стандартҳои қаблан муайяншудаи муносибатҳои мавҷудаи иҷтимоӣ бо мушкилот рӯбарӯ мешавад. Дар чунин шароит зуҳуроти бегонапарастӣ, ки рад кардани меъёрҳои аз тарафи умум қабулшудаи иҷтимоию ахлоқиро дарбар мегирад, зуҳур меёбад. Дар натиҷаи нотавонии шахс барои ҳамгироӣ бо сохторҳои ахлоқӣ, маънавӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеа вазъияте пеш меояд, ки байни фард ва ҷомеа зиддиятҳои равонӣ ва ҳатто физикӣ ба вуҷуд меоянд. Бешубҳа чунин ҳолат хатари ҷиддӣ барои ҳамбастагии иҷтимоӣ ва ваҳдати миллӣ ба ҳисоб меравад.

Ба гуфтаи коршиносони соҳа, яке аз сабабҳои асосии гаравидани занону ҷавонони кишвар ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ маҳз мавҷудияти ҳамин мушкила, яъне номуваффақӣ дар мутобиқати иҷтимоии онҳо мебошад [219, с. 37-41]. Зеро аз нуқтаи назари физиологӣ, психологӣ ва синнусолӣ маҳз ҳамин қишри ҷомеа бисёр ҳам осебпазир буда, дар муқоиса бо дигар қишрҳо бештар зери таъсири таблиғоти гурӯҳҳо ва равияҳои ифротӣ қарор мегиранд. Ин масъала пояҳои амнияту суботи кишварро сахт ба ларза дароварда, ҳамбастагии иҷтимоиро вайрон ва заволпазир мегардонад. Аз ин рӯ, аҳаммият додан ба падидаи «иҷтимоикунонӣ ё ҷомепазирӣ», муайян ва рафъ кардани носозгориҳои иҷтимоӣ барои таҳкими ҷомеаи муттаҳид, ки дар он шахсони алоҳида

метавонанд ба таври созанда дар бунёди ваҳдати миллӣ саҳм гузоранд, муҳим арзёбӣ мегардад.

Аз дигар омилҳои таҳдидкунанда ин падидаи *қонуншиканӣ ё қонунгурезӣ* аст ва он метавонад ба ҳамбастагӣ ва ваҳдати миллӣ бо чанд далел хатари ҷиддӣ эҷод кунад. Аввал ин ки дар асл, низоми ҳуқуқӣ ҳамчун чаҳорчӯбаи бунёдӣ хизмат мекунад, ки қоидаҳо ва меъёрҳоро барои танзими рафтори шахсони алоҳида ва гурӯҳҳо дар дохили ҷомеа муқаррар мекунад. Вақте ки ашхос ё гурӯҳҳо ба фаъолияти ғайриқонунӣ машғул мешаванд ё дидаву дониста аз қонун саркашӣ мекунанд, он ҳолат пояи тартибот ва ҳамбастагии иҷтимоиро вайрон намуда, фарҳанги риоя накардани қонунҳоро ташвиқ мекунад. Ин на танҳо ба суботи ҷомеа хатар эҷод мекунад, балки ба фаъолияти муассири ниҳодҳои масъули риояи волоияти қонун монеъ мешавад. Дуюм, беэътиноӣ ба қонунҳо метавонад ҳисси арзишҳои муштарак ва эҳтироми мутақобиларо, ки зербинои миллати муттаҳид аст, аз байн барад. Қонун барои ҳамаи шаҳрвандон, новобаста аз мансубиятҳои мухталифи онҳо, майдони муштараке муҳайё месозад, ки тавассути он ҳамзистии осоишта ва иштирок дар «шартномаи иҷтимоӣ», ки поягузори робитаҳои дуҷониба мебошад, амалӣ гардад. Вақте ки шахсони алоҳида қонуншиканӣ ё қонунгурезӣ мекунанд, он эътимоди барои ҷомеаи муттаҳид муҳимро вайрон мекунад. Сеюм, риоя накардани қонун ва саркашӣ аз он ба таври васеъ метавонад дарки беадолатиро афзоиш диҳад. Ин дарк боиси ба вуҷуд омадани кинаҳо гардида, бар тафриқаи иҷтимоӣ меафзояд ва тафаккури «мо дар баробари онҳо»-ро падид меорад. Чунин ҳолат мафҳуми ҳувияти ҷамъиро дар зеҳнҳо вайрон мекунад, зеро он адолатмеҳвар ва беғараз будани низомҳои ҳуқуқиро зери шубҳа мегузорад.

Ҳамин тавр, падидаи қонуншиканӣ ё қонунгурезӣ унсурҳои муҳими эътимод, адолат ва тартиботи ҷамъиятиро вайрон мекунад ва ба ин

хотир, ҳамбастагию ваҳдати миллиро зери хатар мегузорад. Риояи волоияти қонун бояд ҷузъи ҷудонашавандаи ташаккули ҷомеаи муттаҳид бошад. «Таҳкими пояҳои ваҳдати миллӣ пеш аз ҳама ба таъмини волоияти қонун дар саросари мамлакат вобаста мебошад. Фаъолияти тамоми шаҳрвандон бояд фақат дар чаҳорчӯбаи Конститутсия сурат гирад» [207, с. 152]. Пешвои миллат дар ин бора хотиррасон кардаанд, ки «яке аз сабабҳои асосии сар задани рӯйдодҳои фоҷиабори солҳои навадуми асри гузашта дар Тоҷикистони мо дағалона поймол гардидани талаботи Конститутсия ва қонунҳои он давра буд» [294]. Танҳо давлати қонунмеҳвар ва миллати қонунпарвар метавонад ба идомаи ҳаёти боамну осуда ва муттаҳиду ҳамбаста ба таври боварinок кафолат ва замонат диҳад.

Яке аз мушкилоте, ки ба суботи ҷомеа дар дилхоҳ кишвар таҳдид карда, ҳамбастагии иҷтимоиро суст мегардонад, масъалаи паҳн шудани *ришвахӯрӣ* ё *коррупсия* аст. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар бештари кишварҳо фаъолияти коррупсионӣ сатҳи баланд дорад ва ба сохтори давлатӣ ва пояҳои давлатдорӣ хатари ҷиддӣ эҷод менамояд; ин махсусан ба кишварҳои пасошуравӣ, аз ҷумла ба Тоҷикистон дахл дорад [174, с. 3]. Таассуфовар аст, ки имрӯз ҷиноятҳои коррупсионӣ бештар ба назар мерасанд ва нигаронии ҷомеаи мо ва ба хусус ҳукумати кишвар аз ин масъала хеле ҷиддӣ мебошад [251, с. 181]. Намунаи равшан он аст, ки ин мушкил дар кори баъзе мақомоти судӣ ошкор гардидааст [306]. Ба чунин вазъият нигоҳ карда, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин гуна изҳори нигаронӣ намудаанд: «Ба ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо даст задани баъзе судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо боиси доғдор шудани мақомоти судӣ ва нигаронии роҳбарияти давлату Ҳукумат гардидааст. Амали коррупсионӣ на танҳо обрӯ ва нуфузи мақомоти судиро паст мекунад, балки эътимоди мардум ва эътибору эҳтироми давлатро коста мегардонад» [306].

Сабаби ин ки коррупсия барои ваҳдату ҳамбастагии иҷтимоӣ хатар ба шумор меравад дар он аст, ки аввалан дар натиҷаи амалҳои коррупсионӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ халалдор шуда, тавозуну мувозинати онҳо аз байн меравад [312]. Дуюм, паҳншавии коррупсия татбиқи принсипҳои асосии идоракунии демократӣ, аз қабили баробарӣ, озодӣ, қонунмандӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсонро вайрон месозад. Сеюм, ин падида мардумӣ гаштани ҳокимияти сиёсиро зери шубҳа гузошта, ба суботу нуфузи ҳокимият, эътибори он ва самаранокии фаъолияташ таъсири манфӣ мерасонад. Чаҳорум, паҳншавии коррупсия дар кишвар имкон медиҳад, ки гурӯҳҳои мухталифи қудратталаб онро барои расидан ба ҳадафҳои худ ва тасарруфи ҳокимият мавриди истифода қарор диҳанд [174, с. 65, 71 ва 80].

Аз ин рӯ, рафъи коррупсия дар шароити Тоҷикистон барои кулли ҷомеа, хусусан барои таҳкими пояҳои ваҳдати миллӣ ва устувории ҳокимияти сиёсӣ муҳим ва зарурӣ мебошад. Дар акси ҳол, коррупсия ба амният ва суботи кишвар таъсири бузург расонида, боиси ба миён омадани таҳдидҳои мухталиф мегардад. Пас «бояд бар зидди ришвахӯрӣ муборизаи беамон барем» [292]. Албатта «дар самти мубориза бо коррупсия дар мамлакатамон тадбирҳои мушаххас амалӣ гардида истодаанд» [216, с. 76]. Аммо «бояд дар сатҳи шуури миллӣ зарурияти маҳдуд кардан ва бартараф намудани порадиҳию ришватхӯрӣ ҳамчун нанги миллат ва мухолифи ифтихори миллӣ дарк карда шавад. Барои ин бояд ҳамаи имкониятҳои воситаҳои ахбори умум, санъат, ташкилотҳои ҷамъиятии давлатию ғайридавлатӣ пурра сафарбар шаванд» [186, с. 95].

Хатари дигаре, ки дар масири ҳамбастагӣ ва ваҳдату осудагӣ қарор дорад ин *камбизоатӣ* ва *қашшоқӣ* мебошад. «Камбизоатӣ яке аз проблемаҳои калидии замони муосир ва яке аз монеаҳои асосӣ дар роҳи вусъати имкониятҳои инсон маҳсуб меёбад» [14, с. 67] ва он яке аз таҳдидҳо ба ваҳдату ҳамбастагии иҷтимоӣ аст. Камбизоатӣ метавонад ба парокандагии иҷтимоӣ мусоидат кунад, зеро ашхос ё ҷамъиятҳои

камбизоат мумкин аст эҳсос кунанд дар ҳошия қарор гирифтаанд ё аз ҷомеаи аслӣ канор гузошта шудаанд. Ин ҳисси истисно метавонад нооромиҳои иҷтимоиро афзоиш диҳад ва боиси шикастани пайвандҳои иҷтимоӣ барои як миллати ягона гардад. Агар камбизоатӣ ҳолати доимӣ ба худ гирад он метавонад ба ноустувории сиёсӣ оварда расонад. Ноумедӣ дар байни фақирон метавонад дар нооромиҳои сиёсӣ, эътирозҳо ва ифротгароиҳо зоҳир шавад. Ба илова, камбизоатӣ бо сатҳи баланди ҷиноятқорӣ алоқаманд аст. Дар ҷомеаҳое, ки бо маҳрумияти иқтисодӣ рӯбарӯ ҳастанд, ҷиноят метавонад воситаи зинда мондан ё шакли эътироз бар зидди беадолатиҳои даркшуда гардад. Сатҳи баланди ҷиноятқорӣ ва нооромиҳои иҷтимоӣ метавонанд сохтори ваҳдати миллиро таҳти фишор қарор диҳанд.

Бинобар ин, «бузургтарин монеъа дар роҳи ваҳдати миллат қашшоқӣ аст. Зеро ҳар ҷо ки фақр аст, дар он ҷо ақибмондагӣ ҳаст, бемаърифатӣ ҳаст, ҷаҳлу фасод ҳаст, бедодгарӣ ҳаст, ихтилоф миёни манофеи табақоти ҷомеа ҳаст ва низоу нифоқ ҳам ҳаст. Инҳо ҳама омилҳои ваҳдаткуш мебошанд. Баръакс, таъмини рифоҳи иқтисодӣ яке аз муҳимтарин омилҳои ваҳдати ҷомеа мебошад» [207, с. 152-153].

Аз дигар хатарҳои таҳдидкунанда ба ҳамбастагӣ ва ваҳдати миллӣ ин *нобаробарии иҷтимоӣ* аст. «Нобаробарӣ дар натиҷаи тақсими нодурусти сарчашмаҳои ҷамъиятӣ ба монанди пул, ҳокимият, маориф байни қишрҳои гуногуни аҳолӣ ба вуҷуд меояд, ки онро дар маҷмуъ нобаробарии иҷтимоӣ гӯянд. Гуфтан мумкин аст, нобаробарӣ дар тамоми сатҳҳои иҷтимоӣ вуҷуд дорад. Қишрҳои алоҳидаи аҳолӣ вобаста ба қонеъ нашудани талаботҳои рӯзмарраашон нобаробариро зиёдтар эҳсос менамоянд. Талабот, яъне ниёз доштан ба ашёҳои муайян буда, қонеъ кардани онҳо зарур мебошад» [32, с. 254].

Сабаби ин ки нобаробарии иҷтимоӣ ҳамчун таҳдид ва хатар ба ҳамбастагӣ ва ваҳдати миллӣ зоҳир мегардад дар он аст, ки одатан

инсонҳо ба сатҳ ва сифати зиндагии худ аз рӯи маъёрҳои объективӣ баҳо надода, онҳоро ба сатҳ ва сифати зиндагии шахсони дигар муқоиса мекунанд. Дар раванди муқоисакунӣ маълум мешавад, ки яке нисбатан пеш рафта, дараҷа ва сифати баланди зиндагиро соҳиб гаштааст, дигаре ҳанӯз хело қафомонда аст. Ин хел натиҷагирӣ боиси рӯҳафтодагӣ ва беғайратии касоне мешавад, ки худро қафомонда эҳсос мекунанд, зеро чунин бовар ҳосил мекунанд, ки саъю талош ва фаъолити меҳнатии онҳо натиҷаи матлуб надода ва намедиҳад. Чунин тарзи масъалагузорӣ ҳар чанд равонӣ-зеҳнӣ мебошад, вале ба асосҳои воқеӣ вобаста аст, яъне ба нобаробарии иқтисодии вуҷуддошта.

«Дар байни миллату халқиятҳои сокини Тоҷикистон нобаробариҳо зиёданд» [205, с. 36]. Ин масъала худ вобаста ба он аст, ки «баъзе шаҳру ноҳияҳо ва минтақаҳо соҳиби қувваҳои истеҳсолкунандаи тараққикарда мебошанд ва метавонанд маҳсулоти тайёри саноатӣ бароранд. Вале баъзеи дигар аз чунин имкониятҳо маҳруманд, гарчанде онҳо шароитҳои табиию иқтисодӣ ва меҳнатиро доранд, яъне қувваи корӣ, ашёи хому масолеҳ барои истеҳсолоти саноатӣ мавҷуданд» [205, с. 39-40].

Барои тағйири ҳолати мавҷуда зарур аст, ки бо мақсади таъмини тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда дар байни шаҳру ноҳияҳо ва минтақаҳои ҷумҳурӣ муносибатҳои интегратсияи иқтисодӣ инкишоф дода шаванд, то ин ки наздикшавии дараҷа ва сифати зиндагии аҳолӣ ҳамчун омили муҳими мӯътадилшавии ҳаёти мардум ва ваҳдати миллӣ дар ҷумҳурӣ амалӣ гардад [205, с. 40].

Яке аз омилҳои тазъифкунандаи ҳамбастагии иҷтимоӣ, махсусан ваҳдати миллӣ ин падидаи *ҷаҳонишавӣ* мебошад. «Ҷаҳонишавӣ раванди фарогири олами муосир буда, пайваста устувории пояҳои давлатҳои муосири миллӣ, аз ҷумла ваҳдати миллии онҳоро таҳти имтиҳон қарор медиҳад» [216, с. 73]. Хусусияти харобоварии раванди ҷаҳонишавӣ дар он зоҳир мегардад, ки:

Аввалан, «дар раванди ҷаҳонишудан нақши воситаҳои коммуникатсионӣ боло рафта, дар зери таъсири истифодаи васеи он, фазои ягонаи маконию замонии умумисайёравӣ ташаккул ёфтааст» [332]. Имрӯз ҷаҳон ба як деҳкадаи иттилоотӣ табдил шудааст. Бо истифода аз чунин вазъият гурӯҳҳои фурсатталаби экстремистиву террористӣ ба таблиғу тарғиби ғояҳои иртиҷоӣ-ифротии худ мепардозанд ва бо таълими идеологияҳои зидди миллӣ ҷавононро ба сафи худ ҷалб менамоянд ва бадтар аз ин, бо додани омӯзишҳои ҳарбӣ онҳоро вориди низоъҳои мусаллаҳона мекунанд. Дуюм, «дар фазои ҷаҳонишавӣ бархӯрди тамаддунҳо ба амал меояд. Тамаддунҳои оламгир, ки хосси давлатҳои абарқудрат мебошанд, бо шиори арзишҳои башарӣ фарҳанги майдамиллатҳоро ба коми худ фурӯ мебаранд» [285]. Фарҳанг, ки ҷузъи асосии ташаккулдиҳандаи тарбияи ахлоқӣ ва маънавии миллатҳо ба шумор меравад дар раванди ҷаҳонишавӣ қисман ё куллан аз байн меравад ё сусту заиф мегардад. Сеюм, «ҷаҳонишавӣ ҷаҳонро ба саҳнаи набарди ошкори манфиатҳои геополитикии абарқудратҳо табдил намудааст, ки дар ин вазъият кишварҳои нисбатан хурдро хатари аз даст додани суботу амният ва бохти манфиатҳои миллӣ боз бештар таҳдид менамоянд» [50, с. 8]. Чаҳорум, «раванди ҷаҳонишудан имконоти аз ҳам ҷудо намудани сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатҳои миллиро хеле маҳдуд менамояд. Нақши барҷастаро амалҳо ва қарорҳое мебозанд, ки берун аз ҳудудҳои давлати миллӣ дар ҳукуматҳои дигар ё аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ қабул гардидаанд» [332].

Роҳи муқобила бо таҳдидҳои ин ҷараён, яъне «ба таъсири харобиовари равандҳои ҷаҳонишавӣ истодагарӣ кардан танҳо тавассути амиқ омӯхтани таърих ва тарғибу ташвиқи мероси ғании таърихиву фарҳангӣ имконпазир мебошад» [300]. Яъне тақвият додани худшиносии миллӣ беш аз пеш зарурат пайдо кардааст. «Дар шароити ниҳоят пуртазоду ҳассоси ҷаҳони муосир баланд бардоштани сатҳи маърифати

аҳолӣ, тарғиби илму донишҳои муосир, густариши худшиносии таърихиву фарҳангӣ дар байни наврасону ҷавонон ва дар рӯҳияи ватандӯстӣ тарбия намудани онҳо аҳаммияти хосса дорад. Зеро чунин иқдом роҳи бисёр муассири истодагарӣ кардан ба оқибатҳои манфии раванди ҷаҳонишавӣ мебошад» [311].

Таҳдиди дигаре, ки дар масири ҳамбастагӣ ва ваҳдати миллӣ қарор гирифта ва алакай таъсироти манфии худро расонидааст ин *нуфузи воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ ва таъсири он ба шуури ҷомеа* мебошад. Зеро «бартарии манбаъҳои хориҷии иттилоотӣ бар сарчашмаҳои иттилоотии миллӣ паёмади номатлуб дошта, ба шуури қишрҳои гуногуни ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад» [246, с. 91]. Имрӯз вобаста ба ҷараёни ҷаҳонишавӣ, бидуни муболиға метавон гуфт, ки қисми бештари фаъолиятҳои одамон дар фазои ҷисмонӣ «рақамӣ» шуда, ба фазои маҷозӣ гузаштааст. Ин масъала дурнамои ҳамзистию ҳамбастагии иҷтимоиро торику тор намудааст. «Шабакаву расонаҳои хориҷӣ алакай ба зеҳни бархе аз аъзои ҷомеа таъсири манфӣ расонида, андешаҳои бегонапарстиро ба вуҷуд овардааст. Маҳз ҳамин сабаб гардид, ки бархе аз ҷавонон ба сафи гурӯҳҳои ифротӣ пайваст гардида, баъзеи дигар дастоварду комёбиҳои давлату ҳукуматро дар даврони соҳибистиқлолӣ нодида мегиранд ва таҳти таъсири сиёсати кишварҳои дигар пайи таъсиси гурӯҳу ҳаракатҳои фаъолияташон ба муқобили кишвар нигаронидашуда амал мекунанд» [248, с. 154].

Таблиғоти динҳо ва мазҳабҳои ба мо бегона ва тарғиботи равияҳои иртиҷоиву ифротӣ, ки ба таври васеъ дар сатҳи ҷаҳонӣ бо кӯмаки шабакаҳои интернетӣ ва моҳворагӣ сурат мегирад, таҳдиди ҷиддӣ барои шуури динӣ-мазҳабии мардум ба ҳисоб меравад ва ваҳдати миллиро бо хатари сусту завол шудан рӯ ба рӯ мекунад. Ҳатто дар сурати манъи таблиғи мустақим, пайравони дину мазҳабҳои ба мо бегона ва равияҳои ифротӣ кори таблиғии худро тавассути шабакаҳои интернетӣ ва моҳворагӣ ба таври ғайри мустақим ва фосилавӣ пеш мебаранд. Зеро

шабакаҳои интернетӣ ва моҳвораӣ дар шароити феълӣ ҷузъи ногусастании зиндагии ҳамарӯзаи ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла мардуми Тоҷикистон гардида, «дастрасии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаҳои техникии технологияҳои иттилоотӣ ба таври назарас афзоиш ёфтааст» [248, с. 152].

Пас барои пешгирӣ намудан аз таъсироти манфии ВАО-и хоирҷӣ бояд «имрӯз ба роҳ мондани фаъолияти самаранок ҷиҳати пешниҳоди иттилооти дақиқ, воқеӣ ва фаврӣ ба ҷомеа, ки тавонад обрӯю эътибори ВАО-и дохилиро баланд бардошта, эътимоди мардумро нисбат ба он ҳамчун сарчашмаи асосии иттилои дақиқ зиёд намояд, зарур мебошад» [248, с. 154]. Бинобар ин, минбаъд «рушду устувории Тоҷикистон дар асри 21 ба сиёсати дурусти иттилоотии давлат, бахусус дар соҳаи амнияти иттилоотӣ вобаста хоҳад буд. Ин пеш аз ҳама ба соҳаи истифодаи васеъ ва татбиқи технологияҳои навтарини иттилоотӣ дахл дорад. Дар ин самт ақиб мондан метавонад барои тамоми системаи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон як таҳдиди ҳаётӣ гардад» [242, с. 112].

Аз дигар хатарҳои таҳдидкунанда ба инкишофи ҳамбастагии иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон ин *таблиғи дину мазҳабҳои ғайри анъанавиро ба мардум бегона ва равияҳои дорои хусусияташон экстримистӣ* мебошад. Ба гуфтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон: «Замони мо замони зуҳури фаъоли нерӯҳои тахрибкор, замони таблиғ ва паҳн намудани ғояҳои тундгароӣ ва густариши хатарҳои экстремизму терроризм мебошад» [45, с. 320].

Дар шароити имрӯза, пайравони ҳамаи динҳо ва мазҳабҳою равияҳо амалияи даъвату таблиғро бо воситаҳои гуногун ва дар сатҳи бисёр васеъ анҷом медиҳанд. Масъалаи таблиғ то вақте ба «пайравони худӣ» рабт дошта бошад мушкилеро ба вуҷуд намеоварад, аммо замоне, ки ба «дигарони бегона» иртибот меёбад табдил ба мушкила мегардад. Ин

мушкила он гоҳ хатарноктар мегардад, ки мазҳабу равияи таблиғшудаистода дарбардорандаи таълимоти хусусияташ сиёсӣ, такфирӣ, бунёдгаро (фундаменталӣ) ва ифротгаро (экстремистӣ) бошад. Махсусан ин хатар барои кишварҳои тозаистиқлолёфтае, ки давраи гузаришро аз сар мегузаронанд бениҳоят калон аст. Бинобар ин, «ворид гаштани ҳама гуна ҳаракатҳои динии бегона ва ифротгаро ба як ҷомеаи таърихан мазҳабӣ, ба мисли Тоҷикистон, метавонад дар фазои динӣ-сиёсии он барои ба вуҷуд омадани низоъҳо дар заминаи ихтилофи мазҳабҳо имконият фароҳам орад» [29, с. 295] ва ҳамбастагию ваҳдати миллиро тахриб намояд.

Илова бар ин, дар натиҷаи инқилоби иттилоотӣ тавассути шабакаҳои интернетӣ ва моҳвораӣ, паҳнои фаъолияти таблиғотӣ ва даъвати динӣ афзоиш ёфта, ҳамчунин амиқии хатоҳои мафҳумӣ, лағзишҳои ақидатӣ ва даркҳои нодуруст дар зеҳни мардум, алахусус насли ҷавон, бештар гардидааст. Дар ин бора, сиёсатшиноси тоҷик Ҳайдарзода Рустам чунин қайд кардааст: «Падидаи ВАО-и хориҷӣ яке аз таҳдидҳои беруна ба фазои иттилоотии кишварамон аст, ки ба мақсади ташаккули афкори муайяни ҷамъиятӣ равона шудааст. Бартарии манбаъҳои хориҷии иттилоотӣ бар сарчашмаҳои иттилоотии миллӣ паёмади номатлуб дошта, ба шуури қишрҳои гуногуни ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад» [246, с. 91].

Агар «самти таъсиррасонӣ ба шуури инсонҳо ҳамчун муборизаи идеологӣ ба ҳадди ниҳоии худ расидааст» [338] ва агар «истифодаи нерӯи ҷавонон дар амалӣ намудани ғояҳои хатарноки ифротӣ нишонаи костагӣ дар устувории мафкуравӣ ва ғоявии онҳо мебошад» [219, с. 40] пас чора чист, чӣ бояд кард? Посухи кӯтоҳ ин аст, ки бояд коре кард то мардум нисбати мазҳаби анъанавии худ - мазҳаби эътидолгарои Имом Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит шинохти комилтар пайдо кунанд, шуури мазҳабии ҷавонон инкишоф ёбад ва сатҳи худшиносию худогоҳии миллӣ дар ҷомеа боло равад.

Ба ҷуз сездаҳ хатаре, ки муайян гардид, боз омилҳои дигаре низ ҳастанд, ки метавон онҳоро таҳдидҳои эҳтимолӣ ба ҳамбастагии иҷтимоии Тоҷикистон арзёбӣ кард. Ин омилҳо метавонанд сохтори иҷтимоиро боз ҳам печидатар гардонанд ва ба ваҳдату суботи ҷомеа таҳдиди ҷиддӣ эҷод кунанд. Онҳо иборатанд аз: ҷиноятқорӣ ва зӯроварӣ, заъфи ҷомеаи шаҳрвандӣ ё набудани созмонҳои қавӣ ва мустақили ҷомеаи шаҳрвандӣ, танишҳо ва муноқишаҳо байни гурӯҳҳои этникии гуногун, ноустувории сиёсӣ, фишорҳои берунии сиёсӣ ва иқтисодӣ аз сӯйи қудратҳои хориҷӣ, тафовут дар арзишҳо, орзуҳо ва таҷрибаҳо байни наслҳои калонсол ва ҷавон, маълумотҳои бардурӯғ ва хабарҳои қалбакӣ, таназзули муҳити зист ба монанди нарасидани об, буридани ҷангалҳо ва ифлосшавӣ, набудани дастрасӣ ба таҳсил ва имкониятҳои нокифояи таълим, нобаробарӣ дар дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ, фирори мағзҳо ё муҳоҷирати афроди таҳсилкарда ва соҳибихтисос, тафриқаи мазҳабӣ ё худ ихтилофоти дохилии ҷамоатҳои динӣ, нобаробарӣ дар дастрасӣ ба технологияҳои рақамӣ ва интернет ва ғайра.

Дар таҳқиқоти сотсиологии гузаронидаи муаллиф, яке аз саволҳо марбут ба «хатарҳои таҳдидкунанда ба ваҳдату ҳамбастагии ҷомеаи Тоҷикистон» мебошад. Ворид кардани ин савол дар пажӯҳиши мазкур аҳаммияти калон дорад, зеро посухҳои аз он бадастомада, ба мо имкон медиҳад, ки осебпазирӣ ва мушкилотеро, ки ҷомеаи Тоҷикистон ҳамчун таҳдид ба ваҳдату ҳамбастагии худ медонад, муайян ва дарк кунем. Савол дар бораи «хатарҳо» барои мусоҳибон замина фароҳам меорад, ки нигаронихои худро дар бораи омилҳое, ки метавонанд ба ҳамбастагии ҷомеа халал расонанд, баён кунанд. Он барои муайян кардани гуногунии афкор дар ҷомеа дар бораи омилҳое, ки ваҳдатро халалдор мекунанд, кӯмак мекунад. Посухҳои бадастомада метавонанд барои барномарезони давлатӣ, фаъолони иҷтимоиву фарҳангӣ ва сиёсатмадорон таъсири амалӣ дошта бошанд, зеро бо донистани он, ки шаҳрвандон кадом

падида ва равандҳоро таҳдид ба ваҳдату ҳамбастагӣ меҳисобанд, беҳтар метавон ба таҳияи сиёсат ва ташаббусҳое, ки ба бартараф кардани ин хатарҳои ошкоршуда нигаронида шудаанд, иқдом кард.

Савол аз «хатарҳои ба ваҳдату ҳамбастагии ҷомеаи Тоҷикистон таҳдидкунанда»-ро ҳамроҳ бо посухҳои он, дар расми зерин мушоҳида намоед:

Расми 11. Ваҳдату ҳамбастагии ҷомеаи Тоҷикистонро чи хатарҳое таҳдид мекунанд? (Панҷ то муҳимашро нишон диҳед) (n=320, %)

№	Хатарҳои таҳдидкунанда ба ваҳдату ҳамбастагии ҷомеаи Тоҷикистон	Ҳа	Не	Ба ҷавоб гуфтан душворӣ мекашам	Ҳамагӣ (фоиз)
1	Муҳоҷирати меҳнатӣ	19,7	78,1	2,2	100
2	Бетаваҷҷуҳ ба манфиатҳои ақаллиятҳо	20,0	77,8	2,2	100
3	Бегонагии омма аз ҳокимият	36,3	61,3	2,5	100
4	Маҳалгароӣ	44,1	53,4	2,5	100
5	Комил набудани худшиносии миллӣ	32,5	65,0	2,5	100
6	Номуваффақӣ дар иҷтимоикунонӣ	6,9	90,9	2,2	100
7	Қонуншиканӣ	55,3	42,5	2,2	100
8	Коррупсия	29,1	68,8	2,2	100
9	Камбизоатӣ	18,4	79,4	2,2	100
10	Нобаробарии иҷтимоӣ	26,6	71,3	2,2	100
11	Ҷаҳонишавӣ	10,9	86,9	2,2	100
12	Таъсироти манфии ВАО-и хориҷӣ	19,4	78,1	2,5	100
13	Гаравидани ҷавонон ба ҳизбу равияҳои динӣ-ифротӣ	38,8	58,8	2,5	100
14	Надоштани рӯҳияи инсондӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ	8,4	89,4	2,2	100
15	Надоштани ҳисси масъулият нисбати ҳамдигар ва риоя накардани ҳуқуқи якдигар	16,3	81,6	2,2	100

Ҳамон тавр, ки дар тавзеҳоти савол омадааст, респондентҳо бояд аз миёни ҷавобҳо панҷ то муҳимтаринашро интихоб кунанд. Коркарди маводи таҳқиқот нишон дод, ки ин панҷ то, бо тартиби фоизҳо, иборатанд аз посухҳои рақами 7, 4, 13, 3 ва 5. Умуман агар ҷавобҳои

интихобкардаи респондентҳоро бар асоси фоизҳо рутбабандӣ кунем, он тартиби зеринро ба худ мегирад:

Расми №11.1. Тартиби фоизҳои ба даст омада аз расми №10

№	Хатарҳои таҳдидкунанда ба ваҳдату ҳамбастагӣ	фоиз
1	Қонуншиканӣ	55,3
2	Маҳалгароӣ	44,1
3	Гаравидани ҷавонон ба ҳизбу равияҳои динӣ-ифротӣ	38,8
4	Бегонагии омма аз ҳокимият	36,3
5	Комил набудани худшиносии миллӣ	32,5
6	Коррупсия	29,1
7	Нобаробарии иҷтимоӣ	26,6
8	Бетаваҷҷуҳ ба манфиатҳои ақаллиятҳо	20,0
9	Муҳоҷирати меҳнатӣ	19,7
10	Таъсироти манфии ВАО-и хориҷӣ	19,4
11	Камбизоатӣ	18,4
12	Надоштани ҳисси масъулият нисбати ҳамдигар ва риоя накардани ҳуқуқи якдигар	16,3
13	Ҷаҳонишавӣ	10,9
14	Надоштани рӯҳияи инсонгароӣ ва таҳаммулпазирӣ	8,4
15	Номуваффақӣ дар иҷтимоикунонӣ	6,9

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон дод, ки ба назари аксарияти посухдодагон, ки 55,3%-ро ташкил медиҳанд, муҳимтарин хатар ба ҳамбастагӣ ва ваҳдати миллӣ ин қонуншиканӣ аст. Нигарониҳо дар бораи таҳдиди вайрон кардани қонун ё қонуншиканӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки шаҳрвандон робитаи байни ҳамбастагии иҷтимоӣ ва риояи меъёрҳои ҳуқуқиро дарк мекунанд. Фоизи баланд дар ин посух метавонад аз тарси қонуншиканӣ дар сохтори ҷомеа, ки эҳтимолан ба низоъҳо ва шикасти эътимод байни шаҳрвандон оварда мерасонад, нишон диҳад.

Ба хатари маҳалгароӣ 44,1% овоз додаанд. Эътироф кардани маҳалгароӣ ҳамчун таҳдид ба ваҳдати миллӣ нигарониро дар бораи тақсимот бар асоси хатҳои ҷуғрофӣ ё этникӣ инъикос мекунад. Ин тасаввур метавонад аз тафовутҳои таърихӣ ё фарҳангӣ сарчашма гирад ва мусоҳибон эҳтимол аҳаммияти ҳалли ин масъалаҳоро барои нигоҳ доштани ваҳдат ва ҳувияти ягонаи миллӣ медонанд.

38,8%-и посухҳо ба он равона шудаанд, ки гаравидани ҷавонон ба ҳизбу равияҳои динӣ-ифротӣ ваҳдати миллӣ ва ҳамбастагии иҷтимоиро таҳдид мекунад. Чунин интихоб аз нигарониҳо дар бораи ифротгароӣ, нооромиҳои эҳтимолии иҷтимоӣ ё таъсири идеологияҳои ифротӣ ба муттаҳидии ҷомеа сарчашма мегирад.

Таҳдиди дигар ин бегонагии омма аз ҳокимият аст, ки 36,3%-и посухҳоро ба худ ихтисос додааст. Тарс аз бегонашавӣ аз ҳукумат гувоҳӣ медиҳад, ки дар байни шаҳрвандон ва мақомоти ҳоким сустшавии робитаҳо эҳсос мешавад. Баррасии бештари ин масъала барои инкишоф ва истеҳкоми пояҳои ваҳдату ҳамбастагӣ муҳим аст. Он метавонад ташаббусҳо оид ба баланд бардоштани намояндагии сиёсӣ, беҳтар намудани шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ, рафъи нобаробарии иҷтимоӣ ва иқтисодиро дар бар гирад. Ба илова, баргузор намудани мизи мудаввари муколама байни шаҳрвандон ва мансабдорони давлатӣ метавонад дар фаҳмиш ва ҳалли сабабҳои аслии ин бегонагии даркшуда мусоидат кунад. Ҳамчунин, сиёсатҳое, ки ба иштироки шаҳрвандӣ мусоидат мекунанд ва шунидани овозҳои гуногунро таъмин мекунанд, метавонанд ба эҷоди робитаи мустаҳкам байни мардум ва ҳукумат мусоидат кунанд.

«Комил набудани худшиносии миллӣ»-ро 32,5%-и пурсидашудагон интихоб намуданд. Ин нишон медиҳад, ки қисми назарраси мусоҳибон аз сатҳи худшиносии миллӣ дар ҷомеа нигаронанд. Ба эҳтимоли зиёд, ин нигаронӣ ба нокифоя будани огоҳӣ аз мероси таърихӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои миллӣ, инчунин таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ва фарҳангҳои беруна алоқаманд аст. Ба илова, дар Тоҷикистон ақалиятҳои этникӣ ва забонӣ кам нестанд ва агар пурсидашудагон фикр кунанд, ки бархе қишрҳои этникӣ ё забонӣ дар ривояти миллӣ ба таври кофӣ муаррифӣ ё эътироф карда намешаванд, ин метавонад ба дарки худшиносии нопурраи миллӣ мусоидат кунад. Ҳалли ин нигаронӣ ташаббусҳоро барои баланд бардоштани барномаҳои таълимӣ ва

фаҳмондадиҳӣ дар бар мегирад. Гуфтугӯи оммавӣ, чорабиниҳои фарҳангӣ ва ислоҳоти соҳаи маориф дар ҳалли ин масъалаҳо ва таҳкими ҳисси ваҳдат ва ҳувияти миллӣ нақши муҳим мебозанд.

Ҳамин тавр, савол дар бораи хатарҳое, ки ба ваҳдату ягонагии ҷомеаи Тоҷикистон таҳдид мекунад ҳамчун ҷузъи калидӣ дар пурсишномаи сотсиологӣ ҷой гирифта, дар пажӯҳишҳои умумӣ саҳми назаррас дорад. Он барои мусоҳибон барои баён кардани нигарониҳои худ замина фароҳам меорад, барои таҳлил маълумоти арзишманд пешниҳод мекунад ва барои ташаккули сиёсатҳое, ки ба таҳкими ваҳдати миллӣ нигаронида шудаанд аҳаммияти амалӣ дорад.

Хулоса, дар ин зербоб маҷмуи васеи хатарҳое, ки ҳамбастагии иҷтимоӣ ва ваҳдати миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шароити муосир таҳдид мекунанд, мавриди таҳлил қарор гирифтанд. Таҳқиқот нишон дод, ки ин хатарҳо аз хусусияти гуногунҷанба бархӯрдор буда, ҳам сатҳҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа (сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иттилоотӣ) ва ҳам сатҳҳои гуногуни таҳлил (макрову микро)-ро фаро мегиранд. Дар миёни хатарҳои таҳлилшуда, мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ, қонуншиканӣ (55,3%), маҳалгароӣ (44,1%), гаравидани ҷавонон ба ҳизбу равияҳои динӣ-ифротӣ (38,8%) ва бегонагии омма аз ҳокимият (36,3%) бештарин нигаронии ҷомеаро ба худ ҷалб намудаанд. Баррасии ин хатарҳо ошкор сохт, ки аксари онҳо ба ҳамдигар вобастагии зич дошта, қувватгирии яке боиси фаъолшавии дигаре мегардад. Масалан, коррупсия ва нобаробарии иҷтимоӣ боиси бегонагии омма аз ҳокимият шуда, ин бегонагӣ дар навбати худ заминаи маҳалгароӣ ва пайвастан ба ҷараёнҳои ифротиро фароҳам меорад. Дар ин замина, муҳоҷирати оммавии меҳнатӣ, ки ба қишри осебпазири ҷавонон бештар таъсир мерасонад, хатари афзоиши ифротгароиро чандин баробар зиёд мекунад. Аз сӯи дигар, таҳдидҳои беруна, аз қабили ҷаҳонишавӣ, таъсироти манфии ВАО-и хориҷӣ ва таблиғи дину

мазҳабҳои бегона, вазъиятро боз ҳам мураккабтар мегардонанд. Дар маҷмуъ, натиҷаҳои таҳқиқот зарурати таҳия ва татбиқи сиёсати ҳамаҷонибаи давлатиро тақозо мекунанд, ки ҳам ба рафъи хатарҳои сохторӣ (қонуншиканӣ, коррупсия, нобаробарӣ) ва ҳам ба пешгирии хатарҳои фарҳангӣ-маънавӣ (маҳалгароӣ, худшиносии нопурра, ифротгароӣ) равона карда шавад.

3.2. Модели назариявии «ҳамбастагии иҷтимоӣ» ҳамчун воситаи ҳалли мушкилот ва чаҳорчӯбаи ҳифз ва рушд

Бо мақсади якпорчасозии таҳқиқоти анҷомшуда ва нишон додани робитаи мантиқии унсурҳои мусбату манфии гуногуне, ки ба ҳамбастагии иҷтимоӣ дар ҷомеаи соҳибистиқлоли Тоҷикистон таъсир мерасонанд, модели назариявии ҳамбастагии иҷтимоӣ пешниҳод мегардад. (нигаред ба ҷадвали №1).

Таҳияи чунин модел аз он ҷиҳат муҳим мебошад, ки масъалаи ҳамбастагии иҷтимоӣ дар табиати худ падидаи бисёрҷанба, серомил ва мураккаби иҷтимоӣ буда, таҳти таъсири ҳамзамони омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, фарҳангӣ, маънавӣ ва равонӣ қарор дорад. Ин падида дар сатҳҳои гуногуни микро ва макро амал мекунад ва маҳз ҳамин гуногунҷанбагӣ онро ба як объекти душвори таҳлил табдил медиҳад. Аз ин рӯ, омӯзиши ҷудогонаи ҳар як омил, ҳарчанд барои дарки баъзе паҳлуҳои масъала мусоидат мекунад, вале на ҳамеша имкони дарк намудани манзараи умумӣ ва робитаи байниҳамдигарии онҳоро фароҳам меорад. Модели назариявӣ маҳз ба хотири рафъи ҳамин маҳдудият пешниҳод гардида, имконият медиҳад, ки омилҳо, равандҳо ва натиҷаҳои таъсиргузор ба ҳамбастагии иҷтимоӣ ҳамчун як низоми ягона ва ба ҳам алоқаманд баррасӣ карда шаванд.

Пеш аз ҳама бояд ёдовар шуд, ки бо таваҷҷуҳ ба мураккабӣ ва гуногунсатҳии равандҳою падидаҳои иҷтимоӣ, пешниҳоди чунин модел дар шакли ҷадвал, нақшаи тасвирӣ-басарӣ ё графикӣ ҳамеша воқеиятҳои

иҷтимоиро дар маърази хатари содасозӣ қарор медиҳад. Воқеиятҳои иҷтимоӣ печидатар аз онанд, ки дар қолаби чунин ҷадвалҳо содасозӣ шаванд. Дар воқеъ, ҷомеа як низоми зинда, тағйирёбанда, динамикӣ ва дорои робитаҳои сершумори дохиливу хориҷӣ мебошад, ки тамоми ҷузъҳои он пайваста ба ҳамдигар таъсир мерасонанд. Аз ин рӯ, ҳеҷ як модел наметавонад ҳамаи нозукиҳо, истисноҳо ва хусусиятҳои равандҳои воқеии иҷтимоиро пурра инъикос намояд.

Бо вуҷуди ин, дар илмҳои ҷомеашиносӣ моделсозӣ яке аз воситаҳои муҳими маърифат ва таҳлил ба ҳисоб меравад. Арзиши илмии модел на дар он аст, ки воқеияти иҷтимоиро бо тамоми ҷузъиёт ва мураккабиҳои он инъикос намояд, балки дар он ифода меёбад, ки унсурҳои асосӣ, робитаҳои калидӣ ва самтҳои умумии таъсиррасонии падидаҳоро равшан созад. Ба ибораи дигар, модел воситаи содакардашудаи фаҳмиши воқеият мебошад, ки ба муҳаққиқ имкон медиҳад сохтор ва мантиқи дохилии падидаи мавриди омӯзишро беҳтар дарк намояд.

Модели пешниҳодшуда низ даъвои фарогирии мутлақи ҳамаи омилҳои таъсиргузор ба ҳамбастагии иҷтимоиро надорад. Баръакс, он кӯшиши назариявие мебошад барои низомманд сохтани муҳимтарин омилҳо, равандҳо ва таҳдидҳое, ки дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол нақши муайянкунанда доранд. Дар ин модел ҳам омилҳои мусбати таҳкимбахши ҳамбастагии иҷтимоӣ ва ҳам омилҳои манфӣ ё хатарҳои эҳтимолии заифкунандаи он дар як низоми таҳлилӣ ҷой дода шудаанд.

Модели мазкур метавонад ба мо кумак кунад, ки бидуни даргир шудан бо тафсилоти ҳадди аксари воқеият, ба мазмуни аслӣ ва механизмҳои бунёдии раванди ҳамбастагӣ даст ёбем. Албатта, ҳар гуна модел ҷузъҳоеро ҳатман сода мекунад ва шояд баъзе робитаҳои мураккабро дар назар нагирад, аммо он дарки умумии масъаларо осон гардонда, барои гузаштан ба сатҳи навбатии таҳлили амиқтар замина фароҳам меорад.

Аз ин рӯ, муаллиф кӯшиш кардааст, ки ин мушкили методологии содасозӣ ба ҳадди ақал коҳиш дода шавад. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф, модел бо истифода аз ду сатҳи асосии таҳлил: а) сатҳи макросотсиологӣ (сохторӣ-ҷамъӣ); б) сатҳи микросотсиологӣ (фардӣ-рафторӣ) ва тавассути ҷудо кардани омилҳои мусбат аз хатарҳои таҳдидкунанда, тартиб дода шудааст. Ин тарзи дутабақабандӣ ва дугонагӣ дар тасниф, имкон медиҳад, ки ҳам ҷанбаҳои объективӣ ва ҷамъии ҳамбастагӣ (макросатҳ) ва ҳам ҷанбаҳои субъективӣ ва фардии он (микросатҳ) ба таври баробар мавриди таваҷҷӯҳ қарор гиранд. Инчунин, бо ин роҳ, муносибати диалектикии ин ду сатҳ дар шаклгирӣ ва таҳаввули ҳамбастагии иҷтимоӣ ба намоиш гузошта мешавад. Бе чунин таснифоти мушаххаси методологӣ, таҳлили ҳамбастагӣ метавонад ба таври худкор ё яктарафа ба яке аз ин сатҳҳо майл кунад ва аз ин рӯ, манзараи нопурраеро пешкаш намояд.

Ҳамзамон, модели мазкур на танҳо хусусияти тавсифӣ, балки аҳамияти амалӣ низ дорад. Он метавонад ҳамчун чаҳорчӯбаи таҳлилӣ барои арзёбии вазъи ҳамбастагии иҷтимоӣ, муайян намудани нуқтаҳои осебпазир, пешгӯии хатарҳои эҳтимолӣ ва таҳияи тадбирҳои муассири сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ истифода шавад. Аз ин лиҳоз, модели пешниҳодшуда на танҳо ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур, балки воситаи назариявӣ ва методологӣ барои омӯзишҳои минбаъда ва коркарди барномаҳои таҳкими ваҳдати миллӣ ва ҳамбастагии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ҳисоб меравад.

Инак, ба модели назариявии ҳамбастагии иҷтимоӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол таваҷҷуҳ фармоед:

Ҷадвали №1. Модели назариявии ҳамбастагии иҷтимоӣ дар ҷомеаи соҳибистиқлоли Тоҷикистон:



Барои дарки амиқтари сохтор, мантиқи дохилӣ ва механизми кори модели пешниҳодшуда, зарур аст, ки унсурҳои асосии он, мазмун ва хусусиятҳои ҳар яке аз онҳо, инчунин робита ва таъсири мутақобилаашон ба таври муфассал шарҳ дода шаванд:

Модели назариявии пешниҳодшуда чаҳор сутун дорад. Ин сутунҳо ба мо кӯмак мекунанд, ки бубинем кадом омилҳо ба «ҳамбастагии иҷтимоӣ» мусоидат мекунанд ва чи навъ хатарҳое таъсири манфӣ расонида, онро ба сустӣ ё завол оварда мерасонанд:

– сутунҳои яклухтхат омилҳои мусбатеро ифода мекунанд, ки ба ҳамбастагии иҷтимоӣ мусоидат менамоянд. Омилҳои зикршуда дар ин сутунҳо созандаю инкишофдиҳанда буда, таъсири мутақобилаи онҳо боиси таҳкиму тақвияти ҳамбастагии иҷтимоӣ дар ҷомеаи тоҷик мегардад. Омилҳо ҳар кадом ба таври мустақим ё ғайримустақим, доимӣ ё муваққатӣ, мустақилона ё дар якҷоягӣ ба ташаккул ва таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ мусоидат мекунанд. Ин омилҳо дар ду сутуни яклухтхат (сутунҳои пурра) ҷойгир шуда, ду сатҳи асосӣ – микросотсиологӣ (фард ва муҳити бевоситаи ӯ) ва макросотсиологӣ (ҷомеа ва давлат)-ро дарбар мегиранд. Ҳамин тавр, модел ҷанбаҳои фардӣ ва ҷамъиро муттаҳид карда, нишон медиҳад, ки омилҳои маърифатӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ барои таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ ва ваҳдати миллӣ чӣ гуна ҳамкорӣ мекунанд. Ин омилҳо гуногунҷанба буда, ба ҳамдигар вобастаанд, дар сатҳҳои гуногуни ҷомеа амал мекунанд ва таъсири онҳо рӯйи ҳамбастагии иҷтимоӣ яксон намебошад. Ба илова, миёни ин омилҳо таъсиргузорию таъсирпазирии мутақобила вуҷуд дорад, ки маҷмуан шабакае аз робитаҳои дутарафаю чандтарафаро шакл медиҳанд. Модели мазкур фаҳмиш медиҳад, ки таҳкими ҳамбастагӣ тавассути стратегияҳои ҳамоҳангшуда дар ҳарду сатҳ имконпазир аст: давлат бояд шароити сохториро фароҳам оварад (адолат, амният, маориф ва ғ.) ва ҷомеаи

шаҳрвандӣ бояд тарбияи ахлоқӣ ва масъулиятшиносиро дар сатҳи фардӣ тақвият диҳад. Ин равиш метавонад асоси рушди устувор ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон гардад.

– сутунҳои рахнахат ё буридахат хатару таҳдидҳоеро нишон медиҳанд, ки мушкилоти ҷиддие эҷод карда, ба ҳамбастагии иҷтимоӣ таъсироти вайронкунанда мерасонанд. Ин хатарҳо дар ду сутуни рахнахат (буридахат) ва дар ҳамон ду сатҳи микро ва макро ҷойгир шудаанд. Хатарҳо хусусияти пинҳонӣ, паҳншуда ва бесуботкунанда доранд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки хатарҳо аксар вақт бевосита назаррас нестанд, балки тадриҷан сохтори ҳамбастагии иҷтимоиро хароб мекунанд. Бо ин ҳол, модел таъкид мекунад, ки хатарҳо тағйирнопазир нестанд ва бо дахолати мақсаднок метавон онҳоро коҳиш дод ё аз байн бурд. Тирчаҳои қаторхат маҳз ҳамин хусусиятҳоро нишон медиҳанд.

Ҳамин тариқ, сутунҳо дар модел ду навъ мебошанд: яклухтхат (омилҳои мусбат) ва рахнахат (хатарҳо). Ду сутуни яклухтхат дар баробари ду сутуни рахнахат тасвир шуда, байни онҳо тирчаҳои ғафс дар муқобили якдигар қарор гирифтаанд. Ин ҳолат муқовимати доимӣ байни унсурҳоро нишон дода, таниши динамикӣ ва шиддатнокии байни таъсироти мусбат ва манфии ҷомеаро ифода мекунад. Чунин тасвири сутунҳо дар модел як равиши сохториро барои дарк ва баррасии раванди ҳамбастагии иҷтимоӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон нишон медиҳад. Дар воқеъ, ҳар лаҳза дар ҷомеа байни нерӯҳои созанда ва нерӯҳои вайронкунанда муборизаи доимӣ ҷараён дорад. Ҳамбастагӣ устувор мешавад, агар омилҳои мусбат бар хатарҳо ғалаба кунанд.

Дар модели назариявӣ хатҳо ва тирчаҳо ё ақрабакҳои гуногун истифода шудаанд. Онҳо муносибатҳо ва таъсироти ҳам яктарафа ва ҳам мутақобилаи байни омилҳои мусбату манфӣ ва сатҳҳои гуногуни фардӣ ва ҷамъиро ифода мекунанд. Ин тирчаҳо нишон медиҳанд, ки чӣ гуна

унсурҳои гуногун ба ҳамдигар таъсир мерасонанд ва дар якҷоягӣ ба ҳамбастагии иҷтимоӣ ва ваҳдати миллӣ мусоидат мекунанд ё ба он таҳдид менамоянд.

Дар модел, тирчаҳо ё ақрабакҳои яклухтхати яктарафа (⟶), яклухтхати дутарафа (⟷), қаторхат ё бурида (┄┄►), духатаи яктарафа (⟹) ва духатаи дутарафа (⟺) истифода шудаанд. Тирчаҳо дар модел муносибатҳо ва таъсироти ҳам яктарафа ва ҳам мутақобилаи байни омилҳои мусбату манфӣ ва сатҳҳои гуногуни фардӣ ва ҷамъиро ифода мекунанд. Ин тирчаҳо нишон медиҳанд, ки чӣ гуна унсурҳои гуногун ба ҳамдигар таъсир расонида, дар якҷоягӣ ба ҳамбастагии иҷтимоӣ ва ваҳдати миллӣ мусоидат мекунанд ё ба он таҳдид менамоянд.

Барои боз ҳам беҳтар фаҳмидани модели мазкур маъною мафҳуми методологии се навъи асосии тирчаҳоро шарҳ медиҳем:

1- Тирчаҳои яклухтхат (⟶) омилҳо ва таъсироти мусбатро ифода мекунанд. Ҳамаи омилҳои сутунҳои 1 ва 2 бо чунин тирчаҳо ба ҳамдигар ва ба ҳамбастагии иҷтимоӣ пайваст шудаанд. Масалан, тирчаи яклухтхат аз «ҳамбастагии иҷтимоӣ» ба «ваҳдати миллӣ» ва баръакс (дутарафа) нишон медиҳад, ки ин ду падида ҳамдигарро мутақобилан тақвият мебахшанд. Ҳамчунин, модел нишон медиҳад, ки омилҳои микро (ахлоқ, масъулият, худшиносӣ, иҷтимоикунонӣ) ва макро (давлат, қонун, иқтисод) ба ҳамдигар вобастаанд. Мисоли оддӣ: агар давлат конститутсияи демократӣ қабул кунад, адолати иҷтимоиро таъмин намояд ва зидди коррупсия чораҳои воқеӣ бинад ин ба афзоиши эҳтироми шаҳрвандон ба қонун (омили микро) оварда мерасонад. Дар навбати худ, агар шаҳрвандон худшиносии миллии баланд дошта бошанд, онҳо дар интихобот фаъолона ширкат меварзанд, ки ин ба мустаҳкам шудани давлати миллӣ (омили макро) мусоидат мекунад;

2- Тирчаҳои қаторхат ё бурида (┄┄►) таъсироти манфӣ ва хатарҳои таҳдидкунандаро баён мекунанд. Хатарҳои сутунҳои 3 ва 4 бо ин

тирчаҳо ба ҳамбастагии иҷтимоӣ ва ба якдигар пайваст шудаанд. Ин тирчаҳо хусусияти махфиёна ва бесару садо паҳншудаи хатарҳоро таъкид мекунанд: онҳо бевосита ба чашм намерасанд, вале тадриҷан пояҳои ҳамбастагии ҷомеаро суст мекунанд, ба ҷанбаҳои гуногуни ҷомеа бо роҳҳои нозук, вале амиқ зарар мерасонанд. Мисол, коррупсия ё қонуншиканӣ яку-якбора тамоми ҷомеаро фаро намегирад; онҳо реза-реза, ба воситаи амалҳои хурду пинҳон, тадриҷан ҳамбастагиро хароб мекунанд. Бо нишон додани ин таҳдидҳо бо хатҳои бурида, модел иқтидори бесуботии онҳо, хусусияти пинҳонӣ ва паҳншудаи таъсири онҳо ва аҳаммияти ҳалли онҳоро тавассути стратегияҳои ҳамаҷониба ва ҳадафнок баён менамояд. Ин маънои онро доранд, ки хатарҳои таҳдидкунанда тағйирнопазир нестанд, балки таъсири онҳоро метавон бо дахолати мақсаднок ва барномарезиҳои муассир коҳиш дод;

3- Тирчаҳои духатаи дутарафа (⟹) ва яктарафа (⟺) байни сатҳҳои «фард» ва «ҷомеа» баёнгари робитаи вобастагӣ ва ниёзмандии афрод ба якдигар дар зиндагии иҷтимоӣ ва нишондиҳандаи таъсиргузорию таъсирпазирии мутақобилаи фард ва ҷомеа буда, аз он шаҳодат медиҳанд, ки амалҳои инфиродӣ ва динамикаи ҷомеа ба ҳамдигар вобастаанд, ба якдигар пайваста таъсир мерасонанд. Дар воқеъ, ин тирчаҳо нишондиҳандаи робитаи бисёр ҳам зичи фард ва ҷомеа мебошанд, зеро ҳамбастагии иҷтимоӣ танҳо бо дар назар гирифтани ин воқеият қобили тасаввур аст, ки афроди ҷомеа аз рӯи ниёз ба якдигар вобастаю ҳамбаста мегарданд ва ниёзмандии байниҳамдигарии онон сабаби ташаккул ва ҳифзи ҷомеа мегардад. Ҷомеа танҳо он вақт вуҷуд дорад, ки афрод эҳсос кунанд, ки бе ҳамдигар наметавонанд. Умуман, дар сотсиология чунин таъриф мекунанд, ки ҷомеа «аз гурӯҳе афрод ташкил шудааст, ки барои бартараф кардани ниёзмандиҳояшон бо ҳам робитаҳои иҷтимоӣ доранд» [131, с. 35]. Ин ҷумлаи сода амиқтар аз он аст, ки дар назар мерасад – он мафҳуми

«вобастагӣ ва ниёзмандии мутақобила»-ро дар бар мегирад, ки бе он, сухан дар бораи ҳамбастагӣ беҳуда аст. Масъалаи вобастагию ниёзмандии мутақобилаи мардум барои бартараф кардани ниёзҳои зиндагӣ, дар баъзе таърифҳои ҳамбастагии иҷтимоӣ низ таъкид шудааст (нигаред ба зербоби аввали боби якум). Ба ҳар ҷиҳат, тирчаҳои мазкур махсусан барои фаҳмидани он муҳим аст, ки ҳамбастагӣ на аз боло ва на аз поин, балки дар раванди музокироти доимӣ ташаккул меёбад. Ин тирчаҳо дар пойдевори модел, дар зери сутунҳо ҷойгир шуда, ҳамчун «поя ва зербинои ҳамбастагии иҷтимоӣ» ба шумор мераванд. Онҳо нишон медиҳанд, ки ҷомеа аз афроде ташкил шудааст, ки барои бартараф кардани ниёзҳояшон ба ҳам вобастаанд. Аз ин рӯ, падидаи «вобастагӣ ва ниёзмандии мутақобилаи афроди ҷомеа» дар модели мазкур, ҳамчун поя ва зербинои ҳамбастаги иҷтимоӣ ба шумор рафтааст.

Дар модели назариявӣ тирчаи яклухтхат (⟶) аз «ҳамбастагии иҷтимоӣ» ба «ваҳдати миллӣ» нигаронида шудааст, ки нишон медиҳад ҳамбастагӣ ба ваҳдати миллӣ таъсири мусбат, мустақим, амиқ ва доимӣ мерасонад. Ин маънои онро дорад, ки ҳамбастагии иҷтимоӣ, ки бо пайвандҳои мустаҳками ҷомеа, эътимоди мутақобила ва ҳувияти ҷамъӣ хос аст, ба ташаккул ва таҳкими ваҳдати миллӣ мусоидат мекунад. Хусусияти дутарафаи ин тирча (⟷) аз робитаи мутақобила шаҳодат медиҳад: ваҳдати миллӣ низ ба ҳамбастагии иҷтимоӣ таъсири мусбат мерасонад. Яъне ваҳдати миллӣ низ тавассути таъмини ҳувияти миллӣ ва ҳисси муштарак ба ҳифзу таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ мусоидат мекунад (ин масъала дар зербоби дувуми боби якум ба таври муфассал баён шудааст).

Ду тирчаи яклухтхат аз «ваҳдати миллӣ» ба сутунҳои 1 ва 2 кашида шудаанд, ки нишон медиҳад ваҳдати миллӣ низ ба омилҳо таъсири мусбат мерасонад. Зеро дар марҳалаи ба рушду инкишоф расидани худ ваҳдати миллӣ ҳамчун омили мустақилли таъсиррасон рӯйи дигар

падидаҳои иҷтимоӣ зоҳир мегардад (барои тавзеҳоти бештар нигаред ба зербоби дувуми боби якум).

Ҳамин тавр, сутунҳои чаҳоргона ва тирчаҳои гуногунхати яктарафаю дутарафа дар модел, ҳамчун воситаи муҳими басарӣ (визуалӣ) барои фарқ кардани таҳдидҳо ба ҳамбастагии иҷтимоӣ аз омилҳое, ки онро ҳифз ва тақвият мекунанд, хизмат менамоянд.

Модели назариявии ҳамбастагии иҷтимоӣ, ки дар ин таҳқиқот пешниҳод гардид, сарфи назар аз сохтори возеҳ ва таснифи дақиқи омилҳо ва хатарҳо ба ду сатҳи асосӣ – макросотсиологӣ (сохторӣ) ва микросотсиологӣ (фардӣ) – дорои хусусияти мутобиқшавандаӣ ва динамикӣ мебошад. Гап дар сари он аст, ки тақсими омилҳо ва хатарҳо ба ду сатҳи мазкур на як тартиби қатъӣ, балки як таснифи методологии шартӣ мебошад. Дар воқеъ, ҳам омилҳо ва ҳам хатарҳо метавонанд вобаста ба заминаи ҷуғрофӣ, контексти таърихӣ ва шароити мушаххаси иҷтимоӣ ҷойҳои худро дар байни ин ду сатҳ (макро ва микро) иваз кунанд. Сабаб дар он аст, ки ҳамбастагии иҷтимоӣ падидаи бисёрҷанба ва бисёрқабата буда, сарҳади байни «сохтор» ва «рафтори фардӣ» ҳамеша возеҳ нест. Он чизе, ки дар як замина ҳамчун омили макро зоҳир мешавад, дар заминаи дигар метавонад ҳамчун омили микро амал кунад ва баръакс. Модели мо ин хусусияти муҳимро эътироф мекунад, зеро дар ҳаёти воқеии ҷомеа омилҳо ва хатарҳо дар ҳолати тағйирёбанда қарор доранд.

Баъзе омилҳое, ки дар сутунҳои макросотсиологӣ ҷойгиранд (ба монанди «низоми маориф», «забони тоҷикӣ», «иқтисодиёт»), метавонанд дар сатҳи фардӣ ҳамчун омилҳои микросотсиологӣ таъсир расонанд. Барои мисол, «низоми маориф» дар сатҳи макро ҳамчун сиёсати давлатӣ, барномаҳои таълимӣ ва сохторҳои муассисаҳои таҳсилотӣ ифода меёбад. Аммо дар сатҳи микро, ҳамон маориф тавассути муаллим, китоби дарсӣ, муносибат дар синфхона ва тарбияи шахсии ҳар як хонанда ба шуур ва рафтори фард таъсир мерасонад. Дар ин ҳолат, «низоми маориф» ҳамчун

омили микросотсиологӣ (фардӣ-рафторӣ) зоҳир мешавад. Ё ин ки «забони тоҷикӣ» ҳамчун забони давлатӣ дар сатҳи макро (конститутсия, қонунгузорӣ, расмиёт) амал мекунад. Аммо дар сатҳи микро, он воситаи ҳаррӯзаи муошират байнишахсӣ, рамзи ҳувияти шахсӣ ва омили эҳсоси мансубият ба миллат мебошад. Аз ин рӯ, он метавонад ҳамчун омили микро низ баррасӣ шавад.

Баръакси ин, омилҳои микросотсиологӣ (ба монанди «ахлоқ ва тарбияи ахлоқӣ» ва «худшиносии миллӣ») метавонанд ба сатҳи макро гузаранд. Масалан, «ахлоқ ва тарбияи ахлоқӣ» дар сатҳи фардӣ ҳамчун сифатҳои шахсӣ зоҳир мешавад. Вале вақте ки сухан дар бораи «ахлоқи ҷамъиятӣ» ё «фарҳанги ахлоқии миллат» меравад, ин омил ба сатҳи макро мегузарад. Дар ин ҳолат, ахлоқ ҳамчун як арзиши умумимиллӣ, як ҳанҷори иҷтимоӣ ё меъёри умумиқабулшуда, дар тамоми ҷомеа амал мекунад. «Худшиносии миллӣ» низ дар сатҳи фардӣ ҳамчун эҳсоси мансубият ва ифтихори шахсӣ ифода меёбад. Аммо вақте ки аксарияти аҳолии як кишвар худшиносии миллии баланд дошта бошанд, ин омил ба як нерӯи макроиҷтимоӣ табдил меёбад, ки метавонад сиёсати давлат, иқтисодиёт ва муносибатҳои байналмилалиро таҳти таъсир қарор диҳад.

Ҳамин хусусият ба хатарҳо низ комилан дахл дорад: хатарҳои макросотсиологӣ метавонанд дар сатҳи микро зоҳир шаванд ва баръакс. Масалан, «таҳдиди ҷаҳонишавӣ» дар сутуни хатарҳои макросотсиологӣ ҷойгир аст, зеро он як раванди ҷаҳонии берун аз назорати фард мебошад. Аммо дар сатҳи микро, ҷаҳонишавӣ метавонад ҳамчун таъсири расонаҳои хориҷӣ, паҳншавии фарҳанги оммавии бегона ё тағйири арзишҳои шахсии ҷавонон зоҳир шавад. Мисоли дигар: «бегонагии омма аз ҳокимият» маъмулан дар сутуни хатарҳои макросотсиологӣ ҷойгир аст, зеро он ҳамчун падидаи умумиҷамъиятӣ ва сохторӣ, ки ба муносибати байни ҷомеа ва давлат дахл дорад, тавсиф мешавад. Аммо ин хатар метавонад дар сатҳи микро низ инъикос ёбад –

ба шакли рафтори инфиродии шаҳрванд, ки аз иштирок дар интихобот саркашӣ мекунад, ба қонунҳо беэътиноӣ менамояд, ё дар суҳбатҳои ҳаррӯза нисбати ҳокимият суханҳои бад мегӯяд, ё нисбат ба сиёсати давлат эҳсоси ноумедӣ изҳор медорад. Вақте ки ин гуна рафтор дар байни қисми зиёди аҳолӣ паҳн мешавад, бегонагӣ аз сатҳи микро ба сатҳи макро гузашта, ба як таҳдиди ҷиддии сохторӣ табдил меёбад. Ҳамин тавр, бегонагии омма аз ҳокимият ҳамчун як хатари макро, дар сатҳи микро тавассути амалҳо ва муносибатҳои инфиродии ҳар як шаҳрванд зоҳир мешавад.

Баръакс, хатарҳои микросотсиологӣ метавонанд ба сатҳи макро гузаранд. Ба унвои мисол, «коррупсия» дар сутуни хатарҳои микросотсиологӣ ҷойгир аст, зеро он бевосита ҳамчун рафтори инфиродии порагирӣ ё ришватдиҳӣ зоҳир мешавад, ки дар муносибатҳои байнишахсӣ (масалан, байни як шаҳрванд ва як корманди давлатӣ) сурат мегирад. Аммо коррупсия метавонад дар сатҳи макро низ таҳлил шавад – ҳамчун як падидаи сохторӣ ва ниҳодӣ, ки дар сатҳи давлат ва идоракунӣ амал мекунад. Вақте ки коррупсия дар ҷомеа хусусияти оммавӣ мегирад ё дар сохторҳои давлатӣ реша медавонад, он аз сатҳи фардӣ ба сатҳи макро мегузарад. Дар ин ҳолат, коррупсия дигар на танҳо рафтори инфиродии шахсони алоҳида, балки як хатари сохторӣ ва ниҳодӣ мегардад, ки тамоми системаи идоракуниро халалдор мекунад. Бинобар ин, вобаста ба контекст, коррупсия метавонад ҳамчун хатари микро (рафтори инфиродӣ) ва ё ҳамчун хатари макро (падидаи сохторӣ) баррасӣ шавад. Ё масалан, «қонуншиканӣ» дар сутуни хатарҳои микросотсиологӣ ҷойгир аст, зеро он бевосита ба рафтори инфиродии шахс вобаста аст. Вале вақте, ки қонуншиканӣ дар ҷомеа хусусияти оммавӣ мегирад (масалан, риоя накардани қонунҳои андоз, гурез аз қонун дар сатҳи васеи аҳолӣ), он ба як хатари сохторӣ ё макроиҷтимоӣ табдил меёбад. Дар ин ҳолат, «қонуншиканӣ» дигар на ҳамчун як

рафтори инфиродӣ, балки ҳамчун бемории ҷомеа ё худ заифии волоияти қонун зоҳир мегардад. Ба ҳамин монанд, «маҳалгароӣ» дар сутуни хатарҳои микросотсиологӣ ҷойгир аст, зеро он асосан дар сатҳи шуур ва рафтори фардӣ зоҳир мешавад. Аммо вақте ки маҳалгароӣ ба сиёсати давлатӣ, тақсимоти мансабҳо ё ҷудошавии минтақавӣ табдил меёбад, он ба як хатари макроиҷтимоӣ ва сиёсӣ мубаддал мегардад. Дар ин ҳолат, дигар на як фард, балки як гурӯҳ ё як минтақа амал мекунад.

Эътирофи он ки ҷойи омилҳо ва хатарҳо дар байни сатҳҳои макро ва микро метавонанд иваз шаванд, модели назариявии мазкурро аз як таснифи қатъӣ ва механикӣ ба як модели динамикӣ, мутобиқшаванда ва «зинда» табдил медиҳад. Ин ба мо имкон медиҳад, ки ҳамбастагии иҷтимоиро на ҳамчун як сохтори бечон, балки ҳамчун як раванди зинда, мураккаб ва вобаста ба замина ва шароит таҳлил кунем. Аз ин рӯ, тартибе, ки омилҳо ва хатарҳо дар сутунҳои макро ва микро дар ин модел ҷойгир шудаанд, як тартиби ниҳоӣ ва ғайриқобили тағйир нест. Балки он як пешниҳоди методологӣ аст, ки метавон онро вобаста ба мақсад ва контексти таҳқиқот тағйир дод. Муҳим он аст, ки дар ҳар мавриди мушаххас, мо сатҳи таъсири омил ё хатарро дуруст муайян карда, дарк намоем, ки оё он дар сатҳи сохторӣ бештар амал мекунад ё дар сатҳи фардӣ.

Ҳамин тавр, модел на як «қолаби оҳанин», балки як «чаҳорчӯбаи мутобиқшаванда ва тағйирпазир»-и таҳлилӣ аст. Он ба муҳаққиқон имкон медиҳад, ки ҳамбастагиро дар сатҳҳои гуногун ва бо дарназардошти ҳаракати динамикии омилҳо таҳлил кунанд. Ин хусусият махсусан барои таҳлили ҷомеаҳои гузаранда, ба монанди Тоҷикистон, ки дар онҳо сарҳадҳои байни сатҳҳо ҳамеша аёну равшан нест, муҳим мебошад.

Модели назариявии «ҳамбастагии иҷтимоӣ»-и пешниҳодшуда дар ин таҳқиқот аз назарияҳои классикӣ ва муосири ҷомеашиносӣ таъсир гирифта, аммо хусусиятҳои хоси ҷомеаи гузаранда ва соҳибистиқлоли

Тоҷикистонро инъикос мекунад. Аз ин ҷиҳат, модели мазкур фарқиятҳои назаррас бо назарияҳои ҷомеашиносони классик ва муосир дорад. Ин фарқиятҳо, ба назари муаллиф, барои ҷомеаи Тоҷикистон хеле муҳиманд. Аз ҷумла:

– фарқи модел аз назарияи Эмил Дюркгейм дар он аст, ки Дюркгейм ҳамбастагии иҷтимоиро асосан ба тақсими меҳнат ва виҷдони ҷамъӣ вобаста мекард. Вай ду навъи ҳамбастагӣ – механикӣ ва органикиро ҷудо кардааст. Дар модели мо, илова бар тақсими меҳнат ҳамчун падидаи иқтисодӣ, омилҳои сиёсӣ (истиқлоли давлатӣ, конститутсия, роҳбари давлат) ва омилҳои фарҳангӣ (забон, дин, маориф) низ ба унвони омилҳои мустақил ва таъсиргузор ҷойгир шудаанд. Ин ба хусусияти ҷомеаи соҳибистиқлоли Тоҷикистон мувофиқат мекунад, ки дар он давлат ва фарҳанги миллӣ нақши марказӣ доранд;

– тафовути модели пешниҳодшуда аз назарияи Толкотт Парсонс дар он зоҳир мегардад, ки номбурда дар «назарияи низомҳо»-и худ таъкид кардааст, ки низоми иҷтимоӣ вақте сохта мешавад, ки афроди ҷомеа пойбанди арзишҳо бошанд. Модели мо ин ғояро қабул мекунад, аммо онро васеъ мегардонад. Дар модели мо, арзишҳо танҳо як қисми омилҳои ахлоқиро ташкил медиҳанд ва дар баробари онҳо омилҳои маърифатӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ низ ҳамчун омилҳои мустақил ҷойгиранд. Ғайр аз ин, модели мазкур хатарҳо ва таҳдидҳоро низ дар бар мегирад, ки дар назарияи Парсонс ба ин васеӣ таҳлил нашудаанд;

– фарқи модел аз назарияи Ибни Халдун чунин аст, ки ӯ асоси ҳамбастагиро дар муносибатҳои қабилавӣ ва хонаводагӣ медонист ва онро бо мафҳуми «асабият» шарҳ медод. Модели мо, дар ҳоле ки нақши омилҳои анъанавӣ (ба монанди фарҳанг, дин, расму оин)-ро эътироф мекунад, омилҳои муосири сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқиро низ ба андозаи баробар муҳим мешуморад. Ин ба воқеияти ҷомеаи муосири Тоҷикистон

мувофиқат мекунад, ки дар он давлати миллӣ ва иқтисоди бозорӣ нақши ҳалкунанда доранд;

– фарқи модели пешниҳодшуда аз «назарияи куниш ё амали иртиботӣ»-и Юрген Ҳабермас дар он аст, ки Ҳабермас ҳамбастагиро натиҷаи ҳамдигарфаҳмӣ ва тавофуқи байни субъектҳо тавассути иртиботи забонӣ ё худ гуфтугӯи оқилона дар «вазъияти ормонии сухан» медонад. Модели мо, илова бар гуфтугӯю музокираи оқилона, омилҳои сохтории давлатӣ (истиқлол, конститутсия, роҳбари давлат) ва хатарҳои воқеии ҷомеа (коррупсия, ҷаҳонишавӣ, таъсири ВАО-и хориҷӣ)-ро низ дар бар мегирад. Ба ибораи дигар, Ҳабермас бештар ба сатҳи микроиҷтимоӣ – иртиботи байнишахсӣ таваҷҷӯҳ дорад, дар ҳоле ки модели мо ҳам сатҳи микро ва ҳам сатҳи макроро фаро мегирад. Ғайр аз ин, ҳарчанд Ҳабермас ба ахлоқи гуфтумонӣ аҳаммият медиҳад, дар модели мо ахлоқ на танҳо дар доираи гуфтугӯ, балки ҳамчун омили мустақил ва марказии ҳамбастагӣ дар сатҳи микросотсиологӣ (дар шакли «ахлоқ ва тарбияи ахлоқӣ» ва «дарку эҳсоси масъулияти байниҳамдигарӣ») ҷойгир шудааст;

– тафовути модели пешниҳодшуда аз «назарияи сохторбандӣ»-и Энтони Гидденс дар он зоҳир мегардад, ки номбурда ба робитаи дутарафаи «сохтор» ва «амал» таваҷҷӯҳ дорад, аммо омилҳо ва хатарҳоро ба сатҳҳои макро ва микро ҷудо намекунад. Дар назарияи Гидденс, таваҷҷӯҳ асосан ба омилҳои мусбат ва раванди бозтавлиди сохторҳо равона шудааст. Модели мо, бо истифода аз ин принсип, омилҳоро ба ду сатҳ ҷудо карда, хатарҳои таҳдидкунандаро низ ҳамчун омилҳои мустақили манфӣ ворид намудааст. Ин тақсим ба мо имкон медиҳад, ки ҳамбастагиро дар сатҳҳои гуногун алоҳида таҳлил кунем, ки барои таҳқиқоти амалӣ ва таҳияи сиёсатҳо муфид аст. Ҳамзамон, назарияи Гидденс умумист ва ба ҷомеаҳои муосири пешрафта бештар мувофиқат мекунад. Аммо дар модели мо, хусусиятҳои хоси ҷомеаи

гузаранда ва соҳибистиқлоли Тоҷикистон (ба монанди таҷрибаи ҷанги шаҳрвандӣ, миёнаравони бонуфузи беғараз, Созишномаи сулҳ, гузариш ба иқтисоди бозорӣ, муҳоҷирати оммавӣ, таъсири ҷаҳонишавӣ) ба таври возеҳ инъикос ёфта, ба худ хусусияти амалӣ-татбиқӣ мегирад.

Модели назариявии пешниҳодшуда дар ин таҳқиқотро на танҳо барои тавсифи ҳамбастагии иҷтимоӣ, балки барои пешгӯӣ ва таҳлили ҳолату вазъиятҳои гуногуни иҷтимоӣ низ истифода бурдан мумкин аст. Ҳамчун мисол, агар дар ҷомеа сатҳи ахлоқ паст шавад, тибқи модел, ин боиси заиф шудани омилҳои ба он вобаста – эҳсоси масъулият, адолатпарварӣ, эҳтироми мутақобила ва ғайра, мегардад. Низ агар дар ҷомеа сатҳи қонуншиканӣ ва маҳалгароӣ афзоиш ёбад, тибқи модел, ин ба заифшавии омилҳои ахлоқӣ (масъулият, адолатпарварӣ ва ғ.) оварда мерасонад. Дар натиҷа, хатарҳое чун қонуншиканӣ, коррупсия, бегонагии омма аз ҳокимият зиёд мешаванд. Ин раванд дар ҷомеаи Тоҷикистон, бахусус дар солҳои аввали истиқлол, баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, вақте низоми қадимии ахлоқӣ вайрон шуд ва низоми нав ҳанӯз пойдор нашуда буд, ба таври возеҳ мушоҳида мешуд. Барои пешгирии ин вазъият, бояд ба таҳкими тарбияи ахлоқӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва таблиғи арзишҳои ахлоқӣ тавассути ВАО аҳаммияти аввалиндараҷа дода шавад. Ҳамчунин, дар шароити ҷаҳонишавӣ, таъсири ВАО-и хориҷӣ ба шуури мардум, махсусан ҷавонон, афзоиш ёфта, боиси паҳн шудани маълумотҳои бардурӯғ, хабарҳои қалбакӣ, таблиғи дину мазҳабҳои бегона ва равияҳои ифротӣ мегардад. Дар натиҷа, хатари «гирифтор шудан ба доми равияҳои динӣ-ифротӣ» зиёд мешавад. Дар расми №11 ин хатарро 38,8% пурсидашудагон ҳамчун таҳдиди ҷиддӣ эътироф кардаанд. Барои муқобила бо ин вазъият, бояд сиёсати иттилоотии давлат тақвият дода шавад, ВАО-и дохилӣ мустаҳкам гардида, ба шаҳрвандон маълумоти боэътимод расонида шавад.

Ҳамин тариқ, модели назариявии ҳамбастагии иҷтимоӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон муносибати ҳамаҷониба барои дарк ва таҳкими ҳамбастагии иҷтимоиро пешниҳод мекунад. Он дорои хусусияти байнисоҳавӣ буда, назарияҳои ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ, иқтисод, фарҳангшиносӣ ва ахлоқро муттаҳид мекунад. Модел таъкид мекунад, ки ҳамбастагии иҷтимоӣ як падидаи мураккаб ва бисёрҷанба аст ва бояд стратегияҳоеро беҳтар тарҳрезӣ ва амалӣ сохт, ки ҳамбастагию ваҳдати миллиро дар Тоҷикистон ба таври муассир ва пайваста тақвият бахшанд.

Албатта ҳеҷ модели назариявӣ комил нест. Бояд самимона эътироф кард, ки модели пешниҳодшудаи мо низ маҳдудиятҳои худро дорад, аз ҷумла ин ки модел ба шароити хоси ҷомеаи Тоҷикистон асос ёфтааст. Он дар заминаи таҳлили омилҳо ва хатарҳое таҳия шудааст, ки дар ҷомеаи тоҷик бештар мушоҳида мешаванд. Аз ин рӯ, умумигардонии он ба дигар кишварҳо бояд бо эҳтиёт анҷом дода шавад. Ҳар кишвар хусусиятҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии худро дорад, ки метавонад таъсири омилҳо ва хатарҳоро тағйир диҳад. Ҳамчунин, модели мазкур динамикаи ҳамбастагиро дар замон ба таври комил инъикос намекунад. Он ҳолати статикии муносибатҳоро нишон медиҳад, дар ҳоле ки ҳамбастагии иҷтимоӣ равандест, ки бо мурури замон тағйир меёбад: омиле, ки имрӯз мусбат ва тақвиятдиҳанда аст, фардо метавонад заиф шавад ё баръакс. Таҳлили динамикаи ҳамбастагӣ, яъне он ки омилҳо дар даврaҳои гуногуни таърихӣ чӣ гуна тағйир ёфта, чӣ хел ба ҳамбастагии иҷтимоӣ таъсир мерасонанд метавонад мавзуи таҳқиқоти оянда бошад. Илова бар ин, модел танҳо баъзе робитаҳои байни омилҳоро нишон медиҳад. Дар воқеият тамоми омилҳо ба якдигар таъсир мерасонанд ва як шабакаи бисёрҷанбаро ташкил медиҳанд. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки пуррагии онро дар шабакаи мураккаби тирчаҳо инъикос намояд, аммо ӯ эътироф мекунад, ки баъзе робитаҳо шояд аз назар дур монда бошанд. Ҳамчунин, модели пешниҳодшуда асосан ба сатҳҳои макро

(ҷомеа, давлат) ва ба омилҳои микрои марбут ба шуур (худшиносӣ, ахлоқ) таваҷҷӯҳ дорад. Аммо муносибатҳои хурди байнишахсии оилавӣ, дӯстӣ, ҳамсоягӣ – он чизе, ки мо дар ҳаёти ҳаррӯза эҳсос мекунем – дар модел каме камтар инъикос ёфтаанд. Ин соҳа метавонад мавзуи пажӯҳишҳои минбаъда гардад.

Бо вуҷуди ин маҳдудиятҳо, модели назариявии пешниҳодшуда метавонад ҳамчун замина барои таҳқиқоти оянда ва ҳамчун воситаи ташхис ва амал барои муҳаққиқон, сиёсатмадорон ва тарафҳои манфиатдор барои муайян кардани самтҳои асосӣ ва таҳияи стратегияҳое, ки ба ҳамбастагии иҷтимоӣ мусоидат мекунанд, хизмат намояд.

Хулоса, модели назариявии ҳамбастагии иҷтимоӣ, ки дар ин таҳқиқот пешниҳод гардид, як чаҳорчӯбаи ҳамаҷониба барои таҳлили ин падидаи мураккаб дар ҷомеаи соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад. Модел бо ҷудо кардани ду сатҳи асосӣ – макросотсиологӣ (сохторӣ-ҷамъӣ) ва микросотсиологӣ (фардӣ-рафторӣ) ва бо тавсифи муқобили омилҳои мусбат (сутунҳои яклухтхат) ва хатарҳои таҳдидкунанда (сутунҳои рахнахат), пайвастагии дохилии ҳамбастагиро нишон медиҳад. Таъкид ба робитаи дутарафаи омилҳои макро ва микро нишон медиҳад, ки сиёсатҳои давлатӣ (макро) ва тарбияи фардӣ (микро) бояд ҳамоҳанг сурат гиранд. Тавассути тирчаҳои гуногун (яклухтхат, қаторхат, духата) муносибатҳои мутақобилаи байни фард ва ҷомеа, инчунин байни омилҳои мусбат ва манфӣ ба таври графикавӣ ифода ёфтаанд. Сарҳади байни сохтор (макро) ва рафтори фардӣ (микро) ҳамеша возеҳ нест, яъне омилҳо ва хатарҳо метавонанд вобаста ба замина ва контекст ҷойҳои худро дар байни ин ду сатҳ иваз кунанд. Бинобар ин, дар модел, таснифи омилҳо ва хатарҳо ба ду сатҳи макро ва микро на як тартиби қатъӣ, балки як таснифи методологии шартӣ мебошад. Муқоисаи модел бо назарияҳои классикӣ (Дюркгейм, Парсонс, Ибни Халдун) ва муосир

(Ҳабермас, Гидденс) собит кард, ки он на танҳо аз назарияҳои мавҷуда таъсир гирифта, балки бо дарназардошти хусусиятҳои ҷомеаи гузарандаи Тоҷикистон онҳоро такмил медиҳад. Дар ниҳоят, ин модел метавонад ҳамчун воситаи ташхис барои муайян кардани нуқтаҳои осебпазири ҳамбастагӣ ва ҳамчун асоси методологӣ барои сиёсатмадорон ва муҳаққиқон барои коркарди барномаҳои давлатии таҳкими ваҳдати миллӣ ва пешгирии хатарҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол хизмат кунад.

ХУЛОСА

Маводи рисола барои асоснок кардани фаҳмиши ҳамбастагии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон дар давраи истиқлоли давлатӣ ва дарки ҳамкориҳои мураккаби омилҳои гуногуни иҷтимоӣ ва фарҳангию сиёсии ташаккул ва инкишофи ин раванд пешбинӣ шудааст. Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ хулосаҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Таҳлили таърифҳои «ҳамбатсгии иҷтимоӣ» нишон дод, ки ин истилоҳ ишора ба он навъ робитаҳои иҷтимоӣ дорад, ки афрод ва гуруӯҳҳои гуногуни як ҷомеаро ба сурати як воҳиди том, ягона ва ҳамоҳанг, ки бар арзишҳо, меъёрҳо ва ҳадафҳои муштарак асос ёфтаанд, дар зери як чатри ягона муттаҳид мекунад. Унсурҳои ташкилдиҳандаи он иборатанд аз: вобастагии дутурафаю чандтарафаи аъзои ҷомеа, эҳсоси вазифа ва масъулияти баёниҳамдигарӣ, мутобиқ гардидан бо унсурҳои ваҳдатбахш, дарку огоҳии амиқ ва эҳсосу иродаи қавӣ нисбати зарурият ва лозимияти ваҳдату ҳамбастагӣ, эҳсосоти ахлоқии муштарак ё худ виҷдони ҷамъӣ, мавҷудияти шабоҳатҳо, муштаракот ва шаклгирии як навъ идеологияи ғолибомада **[6-М]**.

2. Ҷомеашиносони классик ба аҳаммияти падидаи ҳамбастагии иҷтимоӣ эътироф карда, онро дар таҳқиқоти хеш мавриди баррасӣ қарор додаанд. Ба ақидаи Томас Гоббс, ки аз назариётчиёни «шартномаи ҷамъиятӣ» аст ҳамбастагии иҷтимоӣ зодаи қарордоди иҷтимоии инсонҳост. Жан-Жак Руссо низ пояҳои ҳамбастагии иҷтимоиро дар қарордоди нонавиштае медонад, ки аъзои ҷомеа бо якдигар доранд. Огюст Конт - асосгузори илми ҷомеашиносии ғарб, пеш аз ҳар чиз ба ваҳдати иҷтимоӣ ва ваҳдати таърихи башарӣ менигарист. Ба назари Эмиль Дюркгейм тақсимоти меҳнат ҳамбастагии иҷтимоиро пойдор мекунад, зеро дорои хислати ахлоқӣ аст ва ниёзмандии мо инсонҳо ба ҳамбастагӣ, ҳамоҳангӣ ва назм ҳам ниёзҳои ахлоқианд. Гурӯҳи илмӣ-фалсафӣ бо номи «Ихвон-ус-сафо» нахустин омили ба

вуҷуд оварандаи ҳамбастагии иҷтимоиро ниёзи табиии инсонҳо ба ҷомеа барои бароварда намудани ниёзмандиҳои моддӣ ва маънавӣ медонанд. Абӯнасри Форобӣ, файласуфи барҷастаи машриқзамин назараш бар ин аст, ки ҳамбастагии иҷтимоӣ дар як ҷомеа бар пояи хостаҳо, ҳадафҳо, сабку равиши муштарак ва боварҳои ҳамранги мардум ташаккул меёбад. Ибни Халдун, аввалин ҷомеашиноси шарқӣ асоси ҳамбастагиро дар муносибатҳои қабилаӣ ва хонаводагӣ медонад, ки ба сабаби робитаҳои наздики афроди як қабила, инкишоф меёбад **[1-М]**.

3. Ҷомеашиносони муосир падидаи ҳамбастагии иҷтимоиро дар пасманзари шароити нави ҷаҳони муосир таҳқиқ намудаанд. Сотсиологи амрикоӣ Роберт Эзра Парк ҳамбастагии иҷтимоиро дар қолаби мафҳумҳои «ҳамрангӣ», «назорат(контрол)-и иҷтимоӣ» ва «иртибототи ҷамъӣ» баррасӣ намудааст. «Ҳамрангӣ» аз назари Парк як навъ дарҳамомехтагӣ ва як ҷо ғун шудану таркиб шудан аст. Толкотт Парсонс ба масъалаҳои назми иҷтимоӣ, суботи иҷтимоӣ ва ҳамбастагии иҷтимоӣ таваҷҷуҳи фавқулоддае нишон додааст. Ӯ ба аҳаммияти ҳанҷорҳо ва арзишҳо таъкид карда, қайд намудааст, ки низоми иҷтимоӣ вақте сохта мешавад, ки афроди ҷомеа пойбанди арзишҳо бошанд. Ҷомеашиноси олмонӣ Юрген Ҳабермас «назарияи куниши иртиботӣ»-ро матраҳ намуда, бо воситаи он ҳамбастагии иҷтимоиро асоснок гардонидааст. Аз дидгоҳи ӯ инсонҳо дар робитаю муомилаи байниҳамдигарӣ асосан аз забон - муҳимтарин воситаи ҳамдигарфаҳмӣ истифода мекунанд ва бо муколамаю мубоҳиса ба мувофиқат мерасанд ва навъе ахлоқи гуфтумониро ташаккул дода, сари як хулоса ҷамъ мешаванд. Энтони Гидденс, ҷомеашиносони британиёӣ назарияи «сохторбандӣ»-ро матраҳ карда, таъкид намудааст, ки «омилият» ва «сохтор»-ро наметавон ҷудо аз ҳам тасаввур кард; онҳо ду рӯйи як тангаанд. Ба назари ӯ, робитаи байниҳамдигарии «омилият» ва «сохтор» боиси мустаҳкамгардии ҳамбастагии иҷтимоӣ мешавад. Ҷорҷ Герберт Мид, Герберт Блумер,

Ирвинг Гофман ва Гаролд Гарфинкел, ки назарияи «куниши мутақобили намодӣ-рамзӣ»-ро пешниҳод намудаанд назарашон бар ин аст, ки ҳар миқдор афроди ҷомеа ба фаҳму дарки муштараки рамзҳои фарҳангӣ-иҷтимоӣ ноил оянд, ба ҳамон миқдор низ ҳамбастагии иҷтимоияшон нерӯмандтар мешавад **[5-М]**.

4. Вақте сухан дар бораи ҳамбастагии иҷтимоӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон меравад дар қатори он ҳатман бояд мафҳуми «ваҳдати миллӣ» ба инобат гирифта шавад. Зеро бино бар шароити хосси иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсие, ки дар ҷомеаи муосири Тоҷикистони соҳибистиқлол мушоҳида мешавад, мафҳуми «ваҳдати миллӣ» ба унвони ғоя, мафкура ва андеша ё худ консепсияи миллӣ-давлатӣ ҷои ҳамаи дигар мафҳумҳои муродифи онро пур карда ва ба марказу қутбнамои тамоми дигар андешаҳои сиёсии давлат ва ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мубаддал гаштааст. Таҳлили таърифҳои «ваҳдати миллӣ» муайян кард, ки он нахуст дарбардорандаи унсури миллат/миллӣ мебошад, бо ин ҳол ибораҳои дигар низ барои расонидани ин маъно ба кор рафтаанд: сокинони мамлакат, қувваҳои гуногуни миллӣ-этникӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ, ягонагии иҷтимоъии этникӣ, мардуми ҳамаи минтақаҳои кишвар, тоҷикон, воҳиди кул, мардум, шаҳрвандон, ҷамъият, аҳли як миллат ва нухбагони ҷомеа. Дигар унсурҳои «ваҳдати миллӣ» иборатанд аз: амиқан дарк кардан, донистан ва эҳсос намудан, саъй, талош, амал, ҳаракат, вазифа, мусоидат ва татбиқ, ҳадафҳо ва арзишҳою манфиатҳои муштарак, мақсадҳои миллат ва муқаддасоти фарҳангию сиёсӣ **[3-М]**.

5. Падидаи «ҳамбастагии иҷтимоӣ» ва «ваҳдати миллӣ» дар олами воқеъ, яъне берун аз зеҳн комилан як чиз, як зуҳурот ҳастанд, яъне чунин нест, ки мо дар ҷомеа бо ду падидаи мустақил ва аз ҳам ҷудо рӯбарӯ бошем: яке ҳамбастагӣ ва дигаре ваҳдат. Аммо ин ду истилоҳ аз ҷиҳати зеҳнӣ-мафҳумӣ аз якдигар фарқ мекунанд ва бо таҳлилҳои зеҳнӣ-маърифатӣ метавон ба умумиятҳо ва хусусиятҳои он ду пай бурд.

Таҳлили муқоисавии «ҳамбастагии иҷтимоӣ» ва «ваҳдати миллӣ» нишон дод, ки байни онҳо ҳашт фарқият вуҷуд дорад: 1) ҳамбастагии иҷтимоӣ хусусияти ахлоқӣ, анъанавӣ, умумӣ, фарогир ва худҷӯш дорад, аммо ваҳдати миллӣ бештар дарбардорандаи сифати сиёсӣ, расмӣ, ҳуқуқӣ ва давлатӣ аст; 2) ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун як андеша ё ғояи миллӣ матраҳ шудааст, ҳол он ки ҳамбастагии иҷтимоӣ як мафҳуми умумӣ дар илмҳои ҷомеашиносӣ аст; 3) то вақте «миллат» набошад ваҳдати миллӣ таҳаққуқ намеёбад, вале дар ҳамбастагии иҷтимоӣ ин унсур зарурат надорад, балки он метавонад тавассути дигар унсурҳо ташаккул ва тақвият ёбад; 4) ҳамбастагии иҷтимоӣ аз ҷиҳати доираи маъноӣ-мафҳумӣ нисбат ба ваҳдати миллӣ васеътару фаррохтар аст; 5) мафҳуми ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон зодаи даврони соҳибистиқлолӣ мебошад, аммо ҳамбастагии иҷтимоӣ собиқаи деринаи таърихӣ дорад; 6) ҳамбастагии иҷтимоӣ яке аз ҷузъҳои таркибии ваҳдати миллӣ аст; 7) ҳамбастагии иҷтимоӣ яке аз омилҳо ва сабабҳои ҷузъӣ ё куллии ба вуҷудоваранда ва таҳкимбахшандаи ваҳдати миллӣ аст; 8) ваҳдати миллӣ яке аз омилҳои тақвиятдиҳандаи ҳамбастагии иҷтимоӣ аст **[2-М]**.

6. Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ маҷмуан бисту чаҳор омил муайян карда шуд, ки заминаҳои ташаккул ва инкишофи ҳамбастагии иҷтимоиро дар Тоҷикистон дар давраи соҳибистиқлолӣ фароҳам овардаанд. Ин омилҳо иборатанд аз истиқлоли давлатӣ, давлати миллӣ, дунявияти давлат, озодии виҷдон, рамзҳои давлатӣ, конститутсия, роҳбари давлат, ахлоқ ва тарбияи ахлоқӣ, дарку эҳсоси масъулияти байниҳамдигарӣ ва риояи ҳуқуқи якдигар, худшиносиву худогоҳии миллӣ, адолати иҷтимоӣ, фарҳанг ва эҳёи арзишҳои миллӣ, низоми маориф, забони тоҷикӣ, дин ва мазҳаби анъанавӣ, иқтисодиёт, шартномаҳои ҷамъиятӣ, чорабиниҳо ва ташаббусҳои дастаҷамъона, ҳадафҳо ва мақсадҳои муштарак, ҷанги шахрвандӣ, гуфтугӯ ва музокира,

миёнаравони бонуфузи беғараз, васоити ахбори омма ва иҷтимоикунонӣ ё ҷомеапазирӣ **[4-М], [7-М]**, **[9-М], [10-М].**

7. Дар ҷараёни таҳқиқот сездаҳ унсур ҳамчун хатарҳои таҳдидкунанда ба ҳамбастагии ҷомеаи Тоҷикистон арзёбӣ шуданд, ки иборатанд аз: ба доми гурӯҳҳо ва равияҳои динӣ-ифротӣ афтодани муҳоҷирони тоҷик, бегонагии омма аз ҳокимият, бетаваҷҷӯҳӣ ба манофеи ақаллиятҳо, маҳалгароӣ, комил набудани худшиносии миллӣ, номуваффақӣ дар иҷтимоикунонӣ, қонунгурезӣ ё қонуншиканӣ, коррупсия ё порагириву ришватхӯрӣ, камбизоатӣ ё қашшоқӣ, нобаробарии иҷтимоӣ, таҳдиди ҷаҳонишавӣ, таъсироти манфии ВАО-и хориҷӣ, таблиғи дину мазҳаби ба мардум бегона ва равияҳои ифротӣ **[8-М]**.

8. Дар рисола модели назариявии ҳамбастагии иҷтимоӣ пешниҳод гардидааст, ки ҳамчун воситаи ҳалли мушкилот ва чаҳорчӯбаи ҳифз ва рушд хизмат мекунад. Ин модел дар шакли ҷадвали графикӣ таҳия шуда, чор сутуни асосиро дар бар мегирад: ду сутуни яклухтхат, ки омилҳои мусбати макро ва микросотсиологиро дар худ ҷой додаанд ва ду сутуни рахнахат, ки хатарҳои таҳдидкунандаи макро ва микросотсиологиро инъикос менамоянд. Модел бо истифода аз тирчаҳои гуногун (яклухтхат, қаторхат, духата) муносибатҳои мутақобилаи байни омилҳо ва хатарҳо, инчунин робитаи дутарафаи байни фард ва ҷомеаро ифода мекунад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки тақсими омилҳо ва хатарҳо ба сатҳҳои макро ва микро на як тартиби қатъӣ, балки як таснифи методологии шартӣ мебошад, зеро омилҳо ва хатарҳо метавонанд вобаста ба замина ва контекст ҷойҳои худро дар байни ин ду сатҳ иваз кунанд. Муқоисаи модели пешниҳодшуда бо назарияҳои ҷомеашиносон собит кард, ки он хусусиятҳои хоси ҷомеаи гузаранда ва соҳибистиқлоли Тоҷикистонро инъикос намуда, ба назарияҳои мавҷуда нуктаҳои иловаӣ-такмилӣ ворид мекунад. Ин модел метавонад ҳамчун воситаи ташхис барои муайян кардани нуқтаҳои осебпазири ҳамбастагӣ ва ҳамчун асоси методологӣ

барои сиёсатмадорон ва муҳаққиқон дар коркарди барномаҳои давлатии таҳкими ваҳдати миллӣ хизмат кунад.

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

1. Барои таҳкиму тақвият гардидани ҳамбастагии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон, зарур аст, ки ба ташаббусҳои таълимӣ, соатҳои тарбиявӣ ва маъракаҳои фаҳмондадиҳӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дода шавад. Ин ташаббусҳо бояд рӯҳияи таҳаммулпазирӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтироми андешаҳои гуногунро ҳам дар мактабҳо ва ҳам дар тамоми ҷомеа парвариш диҳанд. Мо медонем, ки маориф воситаи пурқудрати дигаргунсозии ҷомеа аст. Аз ин рӯ, ин ташаббусҳо бояд ба тавре тарҳрезӣ шаванд, ки бо тафаккури қолабӣ (стереотипҳо) мубориза баранд, ба гуфтугӯи байни фарҳангҳо мусоидат кунанд ва фарҳанги фарогир (инклюзивӣ) биёфаранд. Фарҳанги фарогир маънояш ин аст, ки ҳар як инсон – новобаста аз миллат, минтақа, ҷинс, синну сол, эътиқод, вазъи иқтисодӣ ё мақоми иҷтимоиаш – эҳсос кунад, ки дар ҷомеа қадр ва эҳтиром карда мешавад ва метавонад бидуни тарси табъиз дар ҳама соҳаҳои ҳаёт ширкат варзад.

2. Дар ҳимоят аз таҳия ва татбиқи сиёсатҳо ва ташаббусҳои давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон, афзалият додан ба тадбирҳое, ки ба таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ нигаронида шудаанд, зарур аст. Ин дар навбати худ тарвиҷи муколамаи созанда байни қавмиятҳо ва халқиятҳои гуногун, мусоидат ба барномаҳои табодули фарҳангӣ ва қабули сиёсатҳоеро дар бар мегирад, ки ба таври муассир нобаробарии иҷтимоӣ-иқтисодиро дар байни гурӯҳҳои этникии гуногун дар дохили кишвар ҳал мекунанд. Барои ин, тарвиҷи муколамаи байни этносҳои гуногун, ки истилоҳан ҳамчун «гуфтугӯи фарҳангҳо» матраҳ мешавад, дар пешбурди сиёсати фарогири ҳукумат як амри ногузир аст. Дар дохили гуногунрангиҳои фарҳангӣ бояд фарҳанги гуфтугӯ ташаккул ва инкишоф ёбад.

3. Масъулони воситаҳои ахбори омма бояд кӯшиш кунанд, ки ҳамеша тасвири мутавозин ва зарифонае аз аҳолии Тоҷикистонро пешкаш намуда, гуногунрангии фарҳангӣ ва таҷрибаи ҳамзистиии мусолиматомези фарҳангҳои гуногунро нишон диҳанд ва дар бунёди пулҳои ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамдилӣ дар байни гурӯҳҳои этникӣ, фарҳангӣ ва динӣ-мазҳабӣ саҳм гузоранд. Ба илова, бо барномарезии ҳадафманд ВАО метавонад дар муқобила бо тафаккуроти қолабӣ, таассуботи манфӣ ва ақидаҳои нодуруст мубориза барад ва ба қабул ва эҳтироми бештари гуногунрангии фарҳангӣ ва ҳамзистии мусолиматомез мусоидат кунанд. Ҳамчунин, барои безарар ва ё кам кардани таъсири расонаҳои хориҷӣ ба мафкураи аҳолии кишвар муҳим аст, ки баъзе зарофатҳои ҷаҳонӣ, бо дарназардошти воқеияти дохилӣ ба таври мутавозин барои шаҳрвандон пешниҳод шавад. Зеро имрӯз танҳо ба воситаи пешниҳоди маҳсулоти пурмуҳтаво таъсири ҳадафмандона ба афкори ҷамъиятии ҳам дохилӣ ва ҳам хориҷӣ имконпазир аст.

4. Барои таҳкими пояҳои ҳамбастагии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон таъсиси механизмҳои устувори назорат, арзёбӣ ва баҳодиҳии пешрафт, яъне гузаронидани мониторингҳо оид ба раванди ваҳдату ҳамбастагӣ муҳим аст. Ин механизмҳо ҳамчун воситаи муҳим барои арзёбии самаранокии сиёсатҳо, барномаҳо ва ташаббусҳое, ки ба таҳкими ваҳдат, ягонагӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ дар дохили ҷомеа нигаронида шудаанд, хизмат мекунанд. Баргузор кардани чунин мониторингҳо барои ошкор кардани мушкилот, таҳдидҳо, хатарҳо, омилҳои нигаронкунанда ва мавзеъҳои осебпазир ва низ барои муайян кардани самтҳои ислоҳоти барномавӣ ва такмилдиҳӣ бисёр муфид ва корсоз мебошад.

5. Бо дарназардошти манзараи динӣ-мазҳабии ҷомеаи Тоҷикистон, тарғиби муколамаи байни маҳзаби ҳанафӣ ва исмоилия барои мусоидат ба сулҳ, таҳаммулпазирӣ ва ваҳдати миллӣ ҳатмӣ мегардад. Чунин муколама ва ҳамкориҳо ҳамчун механизми муҳими ташаккули

ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтиром байни ҷамъиятҳои гуногуни динӣ-мазҳабӣ зоҳир мешаванд. Бо заминасозӣ ва эҷоди фарҳанги муколама ва ташаббусҳое, ки пешвоёни дин, олимон ва коршиносонро аз ҷамоатҳои гуногуни мазҳабӣ муттаҳид мекунанд, Тоҷикистон метавонад барои ҳамкории пурмазмун имконият фароҳам оварад. Уламои динӣ дар пешбурди паёмҳои сулҳ, таҳаммулпазирӣ ва эҳтиром ба гуногунрангӣ дар ҷамъомадҳо ва ҷамоатҳои худ нақши муҳим мебозанд.

6. Барои пешгирӣ аз нуфузи таълимоти равияҳои динии бегона ва ифротгаро яке аз роҳиҳалҳо таъсиси «Маркази илмӣ-пажӯҳишии таълимоти мазҳаби ҳанафӣ» мебошад. Дар сурати таъсиси чунин марказ, муҳимтарин вазифаи он гузаронидани таҳқиқоти муқоисавӣ байни таълимоти мазҳаби ҳанафӣ бо таълимоти дигар мазҳабҳою равияҳо ва нишон додани ҷиҳатҳои барҷаста ва самтҳои афзалиятноки мазҳаби ҳанафӣ мебошад. Аз дигар вазифаҳои марказ, ин посухдиҳӣ ба шубҳаҳою эродоте хоҳад буд, ки аз тарафи равияҳо ва ҷараёноти ғайрисуннатии радикаливу ифротгаро баён мешаванд. Пажӯҳишгарони марказ зимни посухдиҳӣ ба шубҳаҳою эродот бояд ҳақиқати ҳоли ин гуна равияҳо ва ҳизбу ҳаракатҳоро ба таври илман асоснокшуда бармало созанд. Дар ниҳоят, натоиҷи корҳои анҷомгирифта дар қолаби китобу мақолаҳо ва маърӯзаю суханрониҳо ба мардум дастрас гарданд.

7. Дар Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам» донишҷӯён бояд бо мақсади расидан ба зинаҳои болои улуми исломӣ, касби дониши умумии дунявӣ ва дар рӯҳияи ватандӯстиву меҳанпарастӣ таълиму тарбия дода шаванд. Аксарият бо таъкид эътироз мекунем, ки «чаламуллоҳои камсавод мағзҳои мардумро заҳролуд мекунанд» [8, с. 276]. Сабаб дар он аст, ки бештари ин хел муллоҳо «худомӯзанд ё маълумоти динии пинҳонӣ гирифтаанд» [32, с. 168] яъне тарбиятёфтаи «мактабҳои кунҷакиву ҳуҷрагии шахсиву кӯчагӣ» [8, с. 409] мебошанд. «Ҳоло ҳам ҳодисаҳои

ташкили мактабҳои ғайрирасмии динӣ, ки дар он кӯдакони хурдсол омӯзонда мешаванд, ба назар мерасад [209, с. 165]. Идома ва густариш ёфтани таълими ғайриқонунии динӣ танҳо ба зарари мардуми мост» [257]. Пас танҳо роҳи ҳалли мушкилаи чаласаводии динӣ-мазҳабӣ, пешгирӣ аз таҳсилоти динии ғайриқонунӣ ва ҷилавгирӣ аз ташаккулёбии экстремизми динӣ ин Донишкадаи расмии исломии Тоҷикистон аст. Зинаи болотарини таҳсилот дар Донишкада бояд «муҷтаҳиди мазҳаби ҳанафӣ» бошад. Зеро аввалан, масъалаҳое пеш меоянд, ки танҳо ба шароити дохилии кишвари Тоҷикистон вобастагӣ доранд ва посухи шаръии онҳоро танҳо муҷтаҳиди тоҷикистонӣ метавонад содир кунад. Дуюм ин ки «давлатҳои гуногун барои дар муҳити кишвари мо паҳн гаштани мазҳабу равияву фатвоҳои гуногуни худ барномаҳо ва буҷаҳои бузург доранд. Агар фатво аз берун ояд, агар муҳити динӣ аз берун идора шавад, субот ва истиқлол басе осебпазиртар мешавад. Дар шароити муосир истиқлоли фатво як унсури истиқлоли миллист» [314]. Бинобар ин, муҷтаҳиди мазҳаби ҳанафии тоҷикистонӣ касест, ки илми комили динӣ-мазҳабӣ ва дониши умумии дунявӣ дошта, аз ҷаҳонбинии васеъ, дарки масоили гуногуни иҷтимоӣ, тавоноии ҳаллу фасли шаръии масоили кишвар, худшиносии миллӣ, ахлоқи ҳамида ва ҳисси баланди инсондӯстиву ватанпарастӣ бархӯрдор мебошад. Ӯ бо фаъолиятҳои илмию маънавиаш фазои холии диниро пур карда, роҳро барои нуфузи боварҳои ифротӣ ва фатвоҳои бегона мебандад.

8. Дар самти таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон шинохту истифодаи нерӯи ҷавонон стратегияи муҳим ба шумор меравад. Қувва ва неруи ҷавонон дар ҳар давру замон асоси пешбурди ҳаёти иҷтимоиро ташкил медиҳад. Бинобар ин, таълиму тарбияи насли ҷавон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, ғурури миллӣ, ҳисси масъулиятпазирӣ ва қувват бахшидан ба онҳо барои иштироки фаъол дар ташаккули ояндаи кишвари худ басо муҳим аст. Бо сармоягузорӣ

дар рушд ва тавонмандии ҷавонон, Тоҷикистон метавонад нерӯ, эҷодкорӣ, ҳадафмандӣ ва масъулиятпазирии аҳолии ҷавони худро барои ҳалли мушкилоти рӯзмарраи иҷтимоӣ ва саҳмгузорӣ ба некӯаҳволии оммаи васеи ҷомеа истифода барад.

9. Тасдиқи «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар қатори дигар ҳуҷҷатҳои муҳими ахлоқӣ ва тарбиявӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки таваҷҷуҳи давлату Ҳукумати Тоҷикистон ба тарбияи ахлоқии наврасон ва ҷавонон бисёр ҳам ҷиддист. Ба назари муаллиф, агар дар банди чаҳоруми консепсия, дар қисмати «Тарбияи ахлоқӣ ва маънавӣ» [1] ба бунёдитарин қоидаи ахлоқӣ, яъне «Қоидаи тиллоӣ» таъкид гардад, он ҳатман таъсири худро дар раванди рушди ҳамбастагии иҷтимоӣ хоҳад гузошт. Қоидаи тиллоии ахлоқӣ ин аст: «Бо дигарон чунон рафтор кун, ки дӯст дорӣ бо ту ҳамон гуна рафтор шавад ва бо дигарон чунон рафтор макун, ки дӯст надорӣ бо ту он гуна рафтор шавад». Қоидаи мазкур ҷузъи дороиҳои муштараки ҳамаи миллатҳо, фарҳангҳо ва динҳо ба ҳисоб рафта [272], ҳамчун як асли ҷаҳоншумул ва ҳанҷори муштарак миёни ҳамаи инсонҳо дар ҳамаи давру замонҳо табдил шудааст [112, с. 239, 252 ва 259].

10. Зебо ва писандида сухан гуфтан як ҳунар аст, пас бояд онро омӯхт ва фаро гирифт, яъне он бояд дар раванди тарбия қарор гирифта, таълим дода шавад. Ба ин хотир, пешниҳод мегардад унсури «маданияти сухан ё одоби гуфтор» дар «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ғунҷонида шавад, ҷояш дар он ҷо холӣ аст. Зеро зебою шоиста ва поку некӯ сухан гуфтан на танҳо нишонаи маданияти волои шахси гӯянда аст, балки он бо шаклҳои муошират дар дохили ҷомеа алоқаманд буда, ба таъсиси меъёрҳо, арзишҳо ва фаҳмиши муштарак дар байни аъзоёни он мусоидат менамояд, эҳтимолияти нофаҳмиҳо ва низоъҳоро кам мекунад ва аз ин ҷиҳат, омили муҳими ҳамбастагии иҷтимоӣ ва ваҳдати миллӣ ба ҳисоб меравад.

РЎЙХАТИ АДАБИЁТ

Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ

1. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, замима ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006, №94 [манбаи электронӣ]. URL: http://mmih.adlia.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=31987&compareid=31987 (санаи истифодабарӣ: 15.08.2022).

2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» [манбаи электронӣ]. URL: https://clck.ru/3U7pib (санаи истифодабарӣ: 26.07.2022).

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» [манбаи электронӣ]. URL: http://www.olympic.tj/about/staffing/qonuni-jumhuri-tojikiston.pdf (санаи истифодабарӣ: 22.01.2024).

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [манбаи электронӣ]. URL: https://mfa.tj/tg/main/tojikiston/ramzhoi-davlati (санаи истифодабарӣ: 22.01.2024).

6. Справочник по практике Совета Безопасности—Дополнение за 1993–1995 годы. Глава VIII. Ответственность Совета Безопасности за поддержание международного мира и безопасности. Пункты, касающиеся положения в Таджикистане [манбаи электронӣ]. URL: https://main.un.org/securitycouncil/sites/default/files/93-95_08_tajikistan.pdf (санаи истифодабарӣ: 09.08.2022).

Китобҳо, монографияҳо ва дастурҳои таълимӣ

7. Абдуллозода, Ш. Асосҳои диншиносӣ [Матн] / Ш. Абдуллозода, зери таҳрири Мӯсо Диноршоев. – Душанбе: Балоғат, 2015. – 496 с.

8. Абдуллозода, Ш. Маорифпарварӣ ва озодфикрӣ. Осор ҷилди 5. [Матн] / Ш. Абдуллозода. – Душанбе: Маориф, 2021. – 504 с.

9. Азизов, Ф. Ҳ. Курси назарияи иқгисод (Дастури методӣ барои факултаҳои гайрииқтисодӣ) [Матн] / Ф.Ҳ. Азизов, Д.К. Бобокалонова, Ҳ. Муҳадбердиев, А.З. Эргашев, – Хуҷанд: Нури маърифат, с.2009. – 160 с.

10. Асрорӣ, М. Инсон, арзиш ва фарҳанг [Матн] / М. Асрорӣ, С. Холов. – Душанбе: матбааи ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2022. – 111 с.

11. Асрорӣ, М. Масъалаҳои сиёсӣ–иҷтимоии ҳифзи истиқлол ва таҳкими ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон [Матн] / М. Асрорӣ. – Душанбе: Истеъдод, 2022. – 255 с.

12. Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон [Матн] / Ҳайати муаллифон. – Душанбе, 2000. – 125 с.

13. Бедилов, Ҳ. Низоъшиносӣ [Матн] / Ҳ. Бедилов. – Душанбе: Эр–граф, 2019. – 336 с.

14. Бобоҷонов, Р.М. Рушди инсонӣ (китоби дарсӣ) [Матн] / Р.М. Бобоҷонов. – Душанбе: Фарзин, 2014. – 197 с.

15. Восеъ, Қ. Раванди ваҳдат ва назарияи он [Матн] / Қ. Восеъ, Х. У. Идиев, Ф. Восиев. – Душанбе: Илм, 2013, – Ҷ. 19–20.

16. Ғаффорӣ, В. Эмомалӣ Раҳмон дар оинаи замон [Матн] / В. Ғаффорӣ, З. Сайидзода. – Душанбе: Эр–ргаф, 2012. – 372 с.

17. Давлатов, Д. Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон [Матн] / Д. Давлатов, В. Набиев, муҳаррир: С.Сафаров, – Душанбе: Шарқи озод, 1997. – 58 с.

18. Диноршоев, М. Таҷрибаи таърихи сулҳи Тоҷикистон. Маҷмуаи тезисҳои Симпозиуми байналмилалӣ [Матн] / М. Диноршоев, М. Муллоаҳмадов ва диг. – Душанбе, 2001. – 320 с.

19. Достиев, А. Тоҷикистон – шикастанҳо ва бастанҳо [Матн] / А. Достиев. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 224 с.

20. Зиёев, И. Ғ. Ахлоқ ва зебоишиносӣ [Матн] / И. Ғ. Зиёев, З. И. Зиёева – Душанбе: Донишварон, 2019. – 479 с.

21. Зиёев, С. С., Назарияи иқтисод (Воситаи таълимӣ) [Матн] / С. С. Зиёев. – Душанбе: Эр–граф, 2013. – 160 с.

22. Зикиров, Ҳ. Сотсиология (Комплекси таълимӣ–методӣ) [Матн] / Ҳ. Зикиров М. Мирасанов. – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи Давлатии Омӯзгории Тоҷикистон, 2017. – 118 с.

23. Зокиров, Г. Ҷомеаи шаҳрвандӣ [Матн] / Г. Зокиров. – Душанбе: Андеша, 2001. – 31 с.

24. Инҷил (Аҳди ҷадид) [Матн] / Институти тарҷимаи Китоби Муқаддас, 1997. – 621 с.

25. Қаҳҳоров, Ғ. Ғ. Омилҳои ифротгароии динӣ ва нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар пешгирии он [Матн] / Ғ. Ғ. Қаҳҳоров. – Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2022. – 104 с.

26. Маҳмадов А. Сиёсатшиносӣ [Матн] / А. Маҳмадов. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 442 с.

27. Маҳмадов, А. Н. Амният ҳамчун падидаи системаи иҷтимоӣ [Матн] / А.Н. Маҳмадов, Ш. А. Раҷабов, – Таҷрибаи таҳлили иҷтимоию сиёсӣ, Душанбе: Ирфон, 2007. – 104 с.

28. Маҳмадов, А. Н. Донишномаи мухтасари сиёсӣ [Матн] / А. Н. Маҳмадов. – Душанбе: Эр–граф, 2016, – 378 с.

29. Маҳмадов, А. Н. Сиёсатшиносӣ (Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ) [Матн] / А. Н. Маҳмадов, М. У. Хидирзода, Х. Қ. Сафарализода. – Душанбе: Паёми ошно, 2018. – 416 с.

30. Мирсаидов А. Соҳибистиқлолӣ ва ташаккули иқтисоди миллӣ [Матн] / А. Мирсаидов. Хуҷанд, 2007. – 250 с.

31. Мулло, А. Ваҳдат, давлат, Президент [Матн] / А. Мулло, Ф. Восеъ (мураттибон). – Душанбе: Деваштич, 2007. – Ҷ. 6. – 256 с.

32. Маҳмадизода Н. Д. Зоҳиршавии ифротгароии динӣ–сиёсӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва роҳҳои пешгирии он [Матн] / Н. Д. Муҳаммадзода. – Душатбе: Эр–граф, 2022. – 324 с.

33. Набиев, В. М. Даҳ соли ҳамдилӣ [Матн] / В.М. Набиев, М.М. Мухторов, зери таҳрири К.О. Олимов. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2006. – 246 с.

34. Набиев, В. Сулҳ, Ризоият, Ваҳдат [Матн] / В. Набиев. – Хуҷанд: Хуросон, 2007. – 116 с.

35. Назарзода, С. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ [Матн] / С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М. Ҳасани Султон. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2008. – Ҷ. 1. – 950 с.

36. Назария ва методологияи ваҳдати миллӣ [Матн] / Ҳайати муаллифон. – Душанбе: Дониш, 2007. – 376 с.

37. Одинаев, Ё. Бунёди маданияти шахс [Матн] / Ё. Одинаев. – Душанбе: Маориф, 1989. – 80 с.

38. Раҳмон, Э. Ваҳдат, сулҳ ва бунёдкорӣ мароми мост [Матн] / Э. Раҳмон. Мураттиб: С. Фаттоев. – Душанбе: Ирфон, 2000. – 160 с.

39. Раҳмон, Э. Забони миллат ҳастии миллат [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр–граф, 2016. – Ҷ. 1. – 432 с.

40. Раҳмон, Э. Имоми Аъзам ва гуфтугӯи тамаддунҳо – Имоми Аъзам ва ҳувияти миллӣ [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Адиб, 2009. – 320 с.

41. Раҳмон, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат (маҷмуаи суханрониҳо)[Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2007. – Ҷ. 7, – 480 с.

42. Раҳмон, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат (маҷмуаи суханрониҳо)[Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2010. – Ҷ. 9, – 576 с.

43. Раҳмон, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат (маҷмуаи суханрониҳо)[Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2011. – Ҷ. 10, – 576 с.

44. Раҳмон, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат (маҷмуаи суханрониҳо)[Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2012. – Ҷ. 11, – 576 с.

45. Раҳмон, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат (маҷмуаи суханрониҳо)[Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2016. – Ҷ. 12, – 560 с.

46. Раҳмон, Э. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ [Матн] / Э. Раҳмон. Мураттиб: С. Фаттоев – Душанбе: Ирфон, 2001. – Ҷ. 1–3.

47. Раҳмон, Э. Уфуққои Истиқлол [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ганҷ, 2018. – 436 с.

48. Раҳмон, Э. Фарҳанг ҳастии миллат аст [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Матбуот, 2001. – 37 с.

49. Раҳмон, Э. Чеҳраҳои мондагор [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр–граф, 2016. – 364 с.

50. Раҳнамо, А. Ислом ва амнияти миллӣ дар Тоҷикистон. Монография [Матн] / А. Раҳнамо. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 298 с.

51. Раҳнамо, А. Эмомалӣ Раҳмон – Пешвои миллат: ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масъала [Матн] / А. Раҳнамо. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 178 с.

52. Раҷабӣ М. Ислом: Ҷадидия ва инқилоб (Маҷмуаи мақолаҳо) [Матн] / М. Раҷабӣ. – Душанбе: Дониш, 1997. – 245 с.

53. Саид, Н. С. Диншиносӣ [Матн] / Н. С. Саид, С. Аҳмадов, Қ. Нурулҳақов, Р. Назаров. – Душанбе: Маориф, с. 2019. – 484 с.

54. Сайидзода, З. Густариши ахлоқи миллӣ – посух ба пайомадҳои манфии ҷаҳонишавӣ [Матн] / З. Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2014, – 260 с.

55. Сайидзода, З. Нақши сиёсии президенти Ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон дар рушди босуботи Тоҷикистон [Матн] / З. Сайидзода, А. Холов. – Душанбе: Контраст, 2014. – 144 с.

56. Салимов, Н. Фалсафаи ваҳдати миллӣ [Матн] / Н. Салимов. – Душанбе: ДДОТ ба номи Қ. Ш. Ҷӯраев, 2000. – 135 с.

57. Усмонов, И. Лаҳзаҳои сулҳи ботадбир [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе: Ирфон, 1997. – 120 с.

58. Усмонов, И. Савганди сулҳофаринӣ (ба муносибати 20–солагии Сулҳ ва Ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон) [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе: Бебок, 2017. – 131 с.

59. Усмонов, И. Сулҳнома [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе: Матбуот, 2001. – 552 с.

60. Усмонов, И. Таърихи сиёсии тоҷикистони соҳибистиқлол [Матн] / И. Усмонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – 180 с.

61. Худобердӣ, Х. Ваҳдат кафолати ҳастии миллат [Матн] / Х. Худобердӣ. – Душанбе: Эр–граф, 2015. – 260 с.

62. Хуморов, Д. М. Фалсафа [Матн] / Д. М. Хуморов. – Душанбе: Файзи борон, 2020. – 320 с.

63. Ҳайдаров, Р. Тоҷикистон дар масири таҳкими истиқлоли давлатӣ: ҷанбаи иҷтимоӣ–сиёсӣ [Матн] / Р. Ҳайдаров. – Душанбе: Шоҳин, 2020. – 108 с.

64. Шакурӣ, М. Истиқлол ва худшиносии иҷтимоъиву маънавӣ [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе: Бунёди Оли Сомон, 1999. – 160 с.

65. Шакурӣ, М. Хуросон аст ин ҷо [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе: Бунёди Оли Сомон, 1997. – 291 с.

Адабиёт бо забони русӣ

66. Абдулатипов, Р. Г. Власть и совесть: политики и народы в лабиринтах смутного времени [Текст] / Р. Г. Абдулатипов – М.: Славянский диалог, 1994. – 286 с.

67. Абдулатипов, Р. Г. Национальной вопрос и государственное устройство России [Текст] / Р. Г. Абдулатипов. – М.: Славянский диалог, 2003. – 655с.

68. Болтенкова, Л. Ф. Российская государственность: состояние и перспективы развития [Текст] / Л. Ф. Болтенкова. – М.: Республика, 1995. – 301с.

69. Бухарин, Н. И. Азбука коммунизма. Ни бедных, ни богатых! [Текст] / Н.И. Бухарин. – М.: Родина, 2021. – 304 с.

70. Бухарин, Н. И. Избранные произведения [Текст] / Н. И. Бухарин. – М.: Политиздат, 1988. – 499 с.

71. Бухарин, Н. И. Революция и культура [Текст] / Н. И. Бухарин. – М.: Фонд имени Н.И. Бухарина, 1993. – 348 с.

72. Быков, О. Н. Национальная безопасность России (геополитические аспекты) [Текст] / О. Н. Быков. – М.: РАН, ИМЭ и МО, 1997. – 39 с.

73. Гастев, А. К. Как надо работать. Практическое введение в науку организации труда [Текст] / А.К. Гастев. – М.: Экономика, 1972. – 478 с.

74. Гастев, А. К. Трудовые установки [Текст] / А. К. Гастев. – М.: Экономика, 1973. – 344 с.

75. Гастев, А.К. Восстание культуры [Текст] / А. К. Гастев. – Харьков: Молодой рабочий, 1923. – 43 с.

76. Гидденс, Э. Социология [Текст] / Э. Гидденс. пер.: А. В. Берков, В. П. Мурат и др. – М.: Едиториал УРСС, 2005. – 632 с.

77. Гидденс, Э. Устроение общества: Очерк теории структурации [Текст] / Э. Гидденс. пер: И. Тюрина. М.: Академический проект, 2005. – 528 с.

78. Горький, М. На дне. Мещане (сборник) [Текст] / М. Горький. М.: Азбука, 2011. – 256 с.

79. Горький, М. Старуха Изергиль (сборник) [Текст] / М. Горький. М.: Эксмо, 2014. – 160 с.

80. Дворецкий, И. Х. Латинско–русский словарь [Текст] / И. Х. Дворецкий. М.: Русский язык, 6–е издание, 2000. – 846 с.

81. Достоевский, Ф. М. Бесы [Текст] / Ф. М. Достоевский. – М.: Речь, 2017, – 592 с.

82. Достоевский, Ф. М. Братья Карамазовы [Текст] / Ф. М. Достоевский. – М.: Азбука, 2022, – 832 с.

83. Достоевский, Ф. М. Преступление и наказание [Текст] / Ф. М. Достоевский. – М.: АСТ, 2022, – 672 с.

84. Дохин, В. Н. Личность, общество, государство: Проблемы развития гражданского общества [Текст] / В.Н. Дохин. – М., 1992. – 140 с.

85. Иванов, В. Н. Русский мир и социальные реалии [Текст] / В. Н. Иванов, В. К. Сергеев. – М.: Серебряные нити, 2008, – 310 с.

86. Ковригина, Г. Д. Теоретические проблемы исследований социальной солидарности [Текст] / Г. Д. Ковригина. – Иркутск: ИРНИТУ, 2018. – 158 с.

87. Конт, О. Курс положительной философии [Текст] / О. Конт. Перевод В. А. Кашерининовой. М.: Книга по требованию, 2016. Т. 1–6.

88. Кропоткин, П. А. Взаимная помощь как фактор эволюции [Текст] / П. А. Кропоткин. – М.: Самообразование, 2011. – 251 с.

89. Ленин, В. И. Полное собрание сочинений [Текст] / В. И. Ленин. М.: Политиздат, 1972. Т. 1–56.

90. Островский, Н. А. Как закалялась сталь [Текст] / Н. А. Островский. – М.: Вече, 2022. – 416 с.

91. Павленок, П. Д. Социальная сплоченность как историческая и практическая проблема России в современных условиях [Текст] / П. Д. Павленок, А. А. Акмалова, В. М. Капицын. М.: НИЦ Инфра – М, 2018. – 233 с.

92. Парсонс, Т. О структуре социального действия [Текст] / Т. Парсонс. Редактор: В.Ф. Чеснокова и С. А. Белановский. М.: Академический проект, 2018. – 435 с.

93. Парсонс, Т. Социальная система [Текст] / Т. Парсонс. Редактор: В. Ф. Чеснокова и С. А. Белановский. М.: Академический проект, 2018 – 530 с.

94. Платонов, А. П. Котлован. Ювенильное море: повести [Текст] / А. П. Платонов. – М.: АСТ, 2011. – 473 с.

95. Платонов, А. П. Чевенгур [Текст]/А. П. Платонов. – М.: Время, 2018. – 512с.

96. Тишков, В. А. Этническое и религиозное многообразие – основа стабильности и развития российского общества: Статьи и интервью [Текст] / В. А. Тишков. – М.: Московское бюро по правам человека “Academia”, 2008. – 84 с.

97. Тишков, В. А. Этнология и политика. Научная публицистика [Текст] / В. А. Тишков. – М.: Наука, 2001. – 240 с.

98. Толстой, Л. Н. Так что же нам делать? Исповедь [Текст] / Л. Н. Толстой. – М.: Ленанд, 2022. – 296 с.

99. Чернышевский, Н. Г. Что делать? [Текст] / Н. Г. Чернышевский. – М.: Азбука, 2023. – 448 с.

Адабиёт бо хатти форсӣ

100. Абраҳам, Ҷозеф Ҳайим. Мабонӣ ва рушди ҷомеашиносӣ [Матн] / Ҷ. Ҳ. Абраҳам; тарҷумаи Ҳасани Пӯён. – Теҳрон: Чопахш, 1369 ҳ.ш. – Ҷ. 1. – 470 с.

101. Адибӣ Ҳ. Назарияҳои ҷомеашиносӣ [Матн] / Ҳ. Адибӣ, А. Ансорӣ. – Теҳрон: Донжа, 1393ҳ.ш. – 344 с.

102. Аздонлӯ, Ҳамид. Ошноӣ бо мафоҳими асосии ҷомеашиносӣ [Матн] / Ҳ. Аздонлӯ. – Теҳрон: Най, 1384 ҳ.ш. – 742 с.

103. Амид, Ҳасан. Фарҳанги форсии Амид [Матн] / Ҳ. Амид. – Теҳрон: Амири Кабир, 1359 ҳ.ш. – Ҷ. 2. – 488 с.

104. Арасту. Сиёсат [Матн] / Арасту; тарҷумаи Ҳамиди Иноят. – Теҳрон: Амири Кабир, 1393 ҳ.ш. – 407 с.

105. Ардистонӣ, Аҳмад Бахшоишӣ. Сайри таърихии андешаҳои сиёсӣ дар ғарб [Матн] / А. Б. Ардистонӣ. – Теҳрон: Овои нав, 1383 ҳ.ш. – 264 с.

106. Арон, Раймон. Мароҳили асосии сайри андеша дар ҷомеашиносӣ [Матн] / Р. Арон; тарҷ. Боқири Парҳом, – Теҳрон: Илмӣ ва фарҳангӣ, 1384 ҳ.ш. – 836 с.

107. Афлотун. Ҷумҳур (Давлат) [Матн] / Афлотун; тарҷумаи Фуод Рӯҳонӣ. – Теҳрон: Илмӣ ва фарҳангӣ, 1398 ҳ.ш. – 648 с.

108. Бироу, Ален. Фарҳанги улуми иҷтимоӣ [Матн] / А. Бироу; тарҷумаи Боқири Сорухонӣ. – Теҳрон: Кайҳон, 1380 ҳ.ш. – 530 с.

109. Бэдар, Лок. Равоншиносии иҷтимоӣ [Матн] / Л. Бэдар, Ж. Дизел ва Л. Ламарш; тарҷумаи Ҳамзаи Ганҷӣ. – Теҳрон: Соволон, 1392 ҳ.ш. – 372 с.

110. Ғаззолӣ, Абӯҳомид Муҳаммад, Кимиёи саодат [Матн] / А. М. Ғаззолӣ. – Теҳрон: Илмӣ ва фарҳангӣ, 1375 ҳ.ш. – Ҷ. 1–2.

111. Гамилтон, Малколм. Ҷомишиносии дин [Матн] / М. Гамилтон; тарҷумаи Муҳсини Сулосӣ. – Теҳрон: Тибён, 1377 ҳ.ш. – 426 с.

112. Генслер, Гарри Ҷ. Даромаде бар фалсафаи ахлоқи муосир [Матн] / Г. Ҷ. Генслер; тарҷумаи Маҳдӣ Ахавон. – Теҳрон: Илмӣ ва фарҳангӣ, 1390 ҳ.ш. – 474 с.

113. Гидденс, Энтони. Дюркгейм [Матн] / Э. Гидденс; тарҷумаи Юсуф Абозарӣ. – Теҳрон: Хоразмӣ, 1387 ҳ.ш. – 105 с.

114. Гидденс, Энтони. Ҷомеашиносӣ [Матн] / Э. Гидденс; тарҷумаи Манучеҳри Сабурӣ. – Теҳрон: Най, 1383 ҳ.ш. – 1074 с.

115. Гоббс, Томас. Левиафан (Leviathan) [Матн] / Т. Гобс; тарҷумаи Ҳусайни Баширия. – Теҳрон: Най, 1384 ҳ.ш. – 572 с.

116. Голд, Ҷулиус. Фарҳанги улуми иҷтимоӣ [Матн] / Ҷ. Голд, У. Колб; тарҷумаи Мустафо Азкиё ва дигарон. – Теҳрон: Мозёр, 1376 ҳ.ш. – 968 с.

117. Дилинӣ, Тим. Назарияҳои классики ҷомешиносӣ [Матн] / Т. Дилинӣ; тарҷумаи Беҳранги Сиддиқӣ. – Теҳрон: Най, 1387 ҳ.ш. – 496 с.

118. Дюркгейм, Эмил. Дар бораи тақсими кори иҷтимоӣ [Матн] / Э. Дюркгейм; тарҷумаи Боқири Парҳом. – Теҳрон: Нашри марказ, 1381 ҳ.ш. – 397 саҳ.

119. Кассел, Филипп. Чакидаи осори Энтони Гидденс [Матн] / Ф. Кассел; тарҷумаи Ҳасани Човушиён. – Теҳрон: Қақнус, 1383 ҳ.ш. – 488 с.

120. Кивисто, Питер. Андешаҳои бунёдӣ дар ҷомеашиносӣ [Матн] / П. Кивисто; тарҷумаи Манучеҳри Сабурӣ. – Теҳрон: Най, 1386 ҳ.ш. – 248 с.

121. Козер, Люис. Зиндагӣ ва андешаи бузургони ҷомеашиносӣ [Матн] / Л. Козер; тарҷумаи Муҳсини Сулосӣ. – Теҳрон: Илмӣ, 1388 ҳ.ш. – 627 с.

122. Коф, А. С. Чашмандозҳое дар ҷомеашиносӣ [Матн] / А. С. Коф ва дигарон; тарҷумаи Беҳзод Аҳмадӣ ва Умед Қодирзода. – Теҳрон: Кавир, 1388 ҳ.ш. – 304 с.

123. Коэн, Перси Сол. Назарияи иҷтимоии навин [Матн] / П. С. Коэн; тарҷумаи Юсуф Нароқӣ. – Теҳрон: Ширкати саҳомии интишор, 1381 ҳ.ш. – 328 с.

124. Крайб, Ийан. Назарияи иҷтимоии классик [Матн] / И. Крайб; тарҷумаи Аббоси Мухбир, – Теҳрон: Огаҳ, 1389 ҳ.ш. – 488 с.

125. Крейб, Ян Эрнест. Назарияи иҷтимоии классик [Матн] / Я. Э. Крейб; тарҷумаи Аббоси Мухбир. – Теҳрон: Огаҳ, 1389 ҳ.ш. – 488 с.

126. Мортиндол, Дон. Моҳият ва анвои назарияҳои ҷомеашиносӣ [Матн] / Д. Мортиндол; тарҷумаи Ҳамиди Абдуллоҳиён. – Теҳрон: Ҷомеашиносон, 1387 ҳ.ш. – Ҷ. 1. – 164 с.

127. Нибур, Рейнголд. Инсони ахлоқӣ ва ҷомеаи ғайри ахлоқӣ [Матн] / Р. Нибур; тарҷумаи Рустами Фаллоҳ. – Теҳрон: Пажӯҳишкадаи мутолиоти фарҳаногию иҷтимоӣ, 1389 ҳ.ш. – 336 с.

128. Нӯзарӣ, Ҳусайналӣ. Бозхонии Ҳабермас [Матн] / Ҳ. Нӯзарӣ. – Теҳрон: Чашма, 1381 ҳ.ш. – 726 с.

129. Пирсон, Кристофер. Маънои модерният. Гуфтугӯ бо Энтони Гидденс [Матн] / К. Пирсон; тарҷ. Алиасғари Саидӣ. – Теҳрон: Кавир, 1380 ҳ.ш. – 296 с.

130. Рассел, Бертран. Қудрат [Матн] / Б. Рассел; тарҷумаи Наҷафи Дарёбандӣ. –Теҳрон: Хоразмӣ, 1367 ҳ.ш., – 372 с.

131. Рафиъпур, Фаромарз. Анатоамияи ҷомеа [Матн] / Ф. Рафиъпур. – Теҳрон: Ширкати саҳомии интишор, 1395 ҳ.ш. – 582 с.

132. Ритзер, Ҷорҷ. Назарияи ҷомеашиносӣ дар даврони муосир [Матн] / Ҷ. Ритзер; тарҷумаи Муҳсини Сулосӣ. – Теҳрон: Илмӣ, 1388 ҳ.ш. – 888 с.

133. Розенберг, Бернард. Назарияҳои бунёдии ҷомеашинохтӣ [Матн] / Б. Розенберг, Л. Козер; тарҷумаи Фарҳанги Иршод. – Теҳрон: Най, 1387 ҳ.ш. – 656 с.

